**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТКБ 67.99(2 тоҷик) 93+67.99(2) 95+67.99(2)9
ТДУ 343(575.3)+343.121+343.139
И – 54

**ИНОЯТЗОДА АФРӮЗА ИСЛОМ**

# БАРРАСИИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ДАР ҒОИБИИ СУДШАВАНДА: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯ, ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА АМАЛИЯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09. – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Искандаров З.Ҳ.

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**......................3-4
**МУҚАДДИМА**...........................................................................................4-21
**БОБИ 1. МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ ИШТИРОКИ СУДШАВАНДА ДАР МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**.........................................................22-85
1.1. Ҳастии тараф, пайдоиш ва ташаккулёбии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо – шарти муҳимми муҳокимаи одилонаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ.........................................................................................22-41
1.2. Иштироки судшаванда аз тарафи ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, кафолатҳои мурофиавӣ...........................................................41-70
1.3. Таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибонаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ.........................................................................................70-85
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ ХУСУСИЯТҲОИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ БЕ ИШТИРОКИ СУДШАВАНДА ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**...................86-129
2.1. Иштироки судшаванда дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ...............................................86-99
2.2. Асос ва шартҳои баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда дар партави ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон............................100-117
2.3. Зарурат ва тартиби муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ дар ғоибии судшаванда дар амалияи судҳои ҷумҳурӣ............................................117-129
**БОБИ 3. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ БЕ ИШТИРОКИ АЙБДОРШАВАНДА (СУДШАВАНДА): ҶАНБАҲОИ АМАЛӢ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ОН**......................................130-167
3.1. Ҳалли масъалаҳои татбиқи чораи маҷбурии мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда (судшаванда)..............................................................130-149
3.2. Баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои омодагӣ ба маҷлиси судӣ дар ғоибии айбдоршаванда (судшаванда)........................149-163
**ХУЛОСА**...................................................................................................164-167
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................................168-169
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................169-198
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..............................................................................................199-201

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМҶ ҶТ – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФР – Федератсияи Россия

КМҶ ФР – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ҶШСТ – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ШВКД – Шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ

с. – сархат

қ. – қисм

м. – модда

б. – банд

б. – боб

с. – саҳифа

с. – сол

ғ. – ғайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳуқуқу озодиҳои инсон мутобиқ ба Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати арзишҳои бунёдӣ эътироф шудаанд. Ин муқаррароти конститутсионӣ маънои онро дорад, ки кафолати риоя, ҳифз ва иҷрои онҳо ба зиммаи тамоми шохаҳои ҳокимият вогузор карда мешавад [1, с. 135]. Меъёрҳои конститутсионӣ дорои чунин арзишҳое мебошанд, ки барои ташаккули институтҳои волоияти қонун дар Тоҷикистон шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда, ба бунёди ҷомеаи одилона, низоми ҳуқуқи миллӣ ва муносибатҳои сифатан нави миёни давлат ва шахс нигаронида шудаанд. Оид ба нақши Конститутсия, ки сиюмин солгарди қабули онро таҷлил намудем, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуданд, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми мамлакатро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимми миллӣ мебошад» [40]. Шаклҳои амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ кафолати ҳифзи судӣ, дастрас будани адолати судӣ, ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳимоя аст, ки бо як қатор шарту қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ мешаванд.

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ бо мақсади «амалӣ намудани принсипҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷинояткорона, ҳамчунин, таъмини воқеии кафолати ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз он ҷумла аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасоси гумонбару айбдоршаванда» [19] равона карда шудааст. Ҳамзамон, талабот ба такмил дода шудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба

ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо муосидат мекунад, вуҷуд дорад.

Доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки Конститутсияи кишвар муқаррар кардааст, муносибати байни давлат ва шахсро дар асоси эътироф, эҳтиром ва масъулияти ҳамдигар инкишоф медиҳад. Дар ин феҳрист ҳуқуқи ҳимоя, аз ҷумла ҳифзи судӣ ҷойи охиронро ишғол намекунад (м. 19, 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Тавре, ки таҳлили фаъолияти татбиқи ҳуқуқ нишон медиҳад, дар ин самт мушкилоти муайяне мавҷуд аст, ки аз номукаммалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба иштироки судшаванда дар мурофиаи судӣ ба миён меоянд. Аз ҷумла, дар муқаррароти қонунгузорӣ истилоҳи «муҳокимаи ғоибона» истифода мешавад, дар дигар меъёрҳо бошад, «мурофиаи судӣ бе иштироки судшаванда» пешбинӣ шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили амалияи судҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки теъдоди парвандаҳое, ки дар судҳо бе иштироки судшаванда баррасӣ мешавад, қоидаи истисноӣ буда, лекин бешубҳа, дар амал аҳаммияти мусбӣ дорад. Аммо дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ҳолатҳои манфӣ низ ҷой доранд, ки бо фаъолияти хунукназаронаи сохторҳои ваколатдор дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд, ки натиҷаи онҳо боиси бекор карда шудани ҳукмҳо ва қарорҳои судӣ ё баргардонидани парвандаҳо ба тафтиши иловагӣ ё ба муҳокимаи такрории судӣ оварда мерасонад. Ин камбудию норасоиҳо монеаи иловагӣ дар роҳи амалӣ гардондани принсипҳои асосии конститутсионии адолати судӣ – дастраси ба ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи судӣ мегардад.

Бинобар ин масъалаҳои номбаршуда зарурати таҳлилу таҳқиқоти ҳамаҷонибаро ба миён меорад.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ муқаррароти конститутсиониро дар бораи ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳимоя ва дастрасӣ ба адолати судӣ амалӣ намуда, онҳоро бо роҳи муқаррар намудани маҷмӯи

муайяни кафолатҳои мурофиавӣ мушаххас мекунад. Ҳамзамон, масъалаи танзими ҳуқуқӣ ва амалисозии воқеии кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ нисбат ба айбдоршаванда ва судшаванда аз сабаби баҳсбарангез будани як қатор ҷанбаҳои моддии мазмуну фаҳмиши он таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро талаб мекунад. Гузашта аз ин, таъриф ва татбиқи истилоҳи «мурофиаи ғоибона» дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз нигоҳи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ қобили қабул нест ва татбиқи густурдаи он метавонад ба вайрон шудани принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо ва ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ оварда расонад. Баррасии парвандаи чиноятӣ «бе иштироки судшаванда» дар суди марҳилаи якум бинобар саркашии ӯ аз ҳозир шудан ба суд заруратест ба таъмини адолати судӣ равона шуда, ки дар ҷараёни он масъалаи гунаҳгории шахс, ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ, сари вақт, ҳамаҷониба ва пурра асоснок карда шаванд. Зарурати ноил шудан ба адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузи ҷиноятӣ афзалияти арзишҳо ва манфиатҳои ҷомеа ва таъмини адолати иҷтимоӣ, инчунин зарурати баррасии парвандаи ҷиноятиро танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда нишон медиҳад. Лекин маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ ва беасоси ҳуқуқҳои шахсро катъиян манъ мекунад

Таълимот ва андешаҳои пешқадами мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи тантанаи адолати иҷтимоӣ, ошкоро ва шаффоф дар ҳузури тарафҳо баргузор шудани мурофиаи судӣ санҷишҳои гуногуни таърихиро гузашта, ҳамчун таҷрибаи нодири танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба мо омада расидааст. Онҳо ҳамчун дастовардҳои миллӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ, маънавӣ ва фарҳангии худро гум накардаанд. Имрӯз онҳо заминаи боэътимоди маънавии қонунгузории муосири миллӣ дар соҳаи рушди адолати судӣ буда, албатта, мувофиқ ба талаботи замони мо, асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мазмуну арзиши нав пайдо кардаанд.

Айни замон, ки Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд қарор дорад, ки дар он анъанаҳои миллӣ ва ғояҳои пешрафтаи адолати судӣ, аз

қабили дар ҳузури тарафҳо бо забони давлатӣ баргузор шудани мурофиаи судӣ бо тарзи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳои мурофиавӣ бо иштироки аҳли ҷомеа сарчашмаи ташаккули ҳуқуқи мурофиавии муосир ҳамчун пайвандгари мероси ниёгон бо фарҳанги насли имруза мебошад.

Рушди низоми ҳуқуқи миллӣ мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ, ҷараён ва натиҷаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки як қатор самтҳо, пеш аз ҳама, дар соҳаи ҳимояи манфиатҳои айбдоршаванда ва судшаванда минбаъд зарурати таҳқиқоти назариявии илмиро ба миён меорад.

Натиҷаҳои ҳамаҷонибаи таҳқиқоти илмии ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки роҳҳои ҳалли дақиқ ва ба воқеияти имруза қобили қабули баҳсҳои назариявӣ, такмил додан ва асоснок кардани андеша ва ғояҳои самаранок, воқеан амали шудани кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ дарёфт гарданд.

Ҳалли дурусти масъалаҳои мурофиавӣ дар доираи парвандаи ҷиноятӣ бояд дар асоси принсипи мубоҳиса бо иштироки фаъоли тарафҳо амалӣ шавад. Дар асоси ин муқаррарот ва талабот, ки тибқи онҳо масъалаҳои мурофиавӣ танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда баррасӣ мешаванд, инчунин тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда бояд мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шаванд.

Таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ва рушди минбаъдаи онҳо дар самти беҳтар кардани фаъолияти мақомоти судӣ дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муайян намудани имкониятҳои ниҳоии иштирокчиёни мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва механизмҳои амалишавии онҳо таҳқиқоти фарогири назариявиро талаб мекунад. Аз ҷумла, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ (2018) такмил дода шудани қонунгузории миллӣ, асосҳои адолати судӣ, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун самти асосии рушди низоми ҳуқуқии кишвар пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ такмили танзими ҳуқуқии иштироки судшаванда (айбдоршаванда) дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ боқӣ мемонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои вобаста ба мақом ва иштироки айбдоршаванда ва судшаванда дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, шакли мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ қаблан ҳам дар асарҳои илмии олимони ватанӣ – П.С. Абдуллозода [229, с.135], М.К. Абдуллоева [230, 225], А.Л. Арипов [234, с. 24], З.Ҳ. Искандаров [69, с. 368], Н.А. Қудратов [144, с. 527], Н.М. Қаҳоров [77, с. 152], Б.Қ. Қобилов [248, с.46], И.Т Маҳмудов [91, с. 260], А.А. Муҳитдинов [250, с.171], Р.Ҳ. Раҳимзода [109, с. 232], Р.Р. Раҳматҷонзода [252, с. 74], [265, с. 26], А.Э. Раҳматулоев [105, с. 300], ва инчунин асарҳои олимони Федератсияи Россия - Д.Т. Арабули [44, с. 112], Л.Б. Алексеева [232, с. 57], С.Н. Алексеев [233, с. 22], Е.Г. Бендерская [235, с. 212], Т.Г. Бородинова [237, с. 27], Н.П. Дубовик [242, с. 174], А.А. Казаков [244, с 281], А.В. Курдюкова [247, с. 22], И.Л. Петрухин [130, с. 720], М.С. Строгович [128, с. 470], [129, с. 143], Е.В. Трофимова [256, с. 24], Т.В. Трубников [258, с. 264], Л.М. Фатихова [260, с. 226] ва муаллифони дигар мавзуи таҳлил ва татқиқоти ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Лекин таҳқиқот дар ин соҳа хотима наёфтаанд ва дар шароити муосир идома дода шудани онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Масъалаҳои амалишавии принсипи конститутсионии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи судӣ, иштироки ҳатмии судшаванда дар муҳокимаи судӣ, асосҳо, шарт, зарурият ва тартиби муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда, таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқҳои судшаванда ҳамчун иштирокчии тарафи ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибонаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, тартиби баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва омодагӣ, таъин кардани маҷлиси судӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда таҳқиқоти комплексиро талаб мекунад, ки дар раванди амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳимми назаривию амалӣ доранд.

Мавқеи баёнкардаи олимон имконият медиҳад, ки дурнамои рушди танзими ҳуқуқии масъалаҳои мурофиаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда дар ҳолатҳои истисноӣ, асос ва шартҳое, ки муҳокимаи судии парвандаҳоро бидуни иштироки судшаванда тақозо менамоянд, инчунин, ҳалли масъалаҳои таъмини кафолатҳои қонунии ҳуқуқ ва манфиатҳои судшаванда дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, зарурати такмил дода шудани қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, риоя ва иҷрои дақиқи онҳо дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ муайян карда шавад, ки асос ба интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ дониста шудаанд. Рисола маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалияро дарбар гирифтааст, ки бо тартиби судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда алоқаманд мебошанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмии мазкур дар доираи чорабиниҳо ва нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ барои солҳои 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиши назария ва амалияи масъалаҳо вобаста ба таъмини иштироки айбдоршаванда ва судшаванда дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ва амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, махсусан дар ҳолати баргузории муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян карданд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба мақсади дар боло қайдгардида бояд **вазифаҳои** зерин иҷро карда шаванд:

– муайян кардани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули баргузории муҳокима дар ҳузури тарафҳо, дастаҷамъона баррасӣ шудани арзу даъво ва ҳалли одилонаи онҳо;

– омӯзиши пайдоиши амалияи мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон, ки дар асоси арзишҳои анъанавӣ ва таълимоти нодири миллӣ-ҳуқуқӣ дар бораи адолат ташаккул ёфтааст ва аҳаммияти он дар марҳилаи муосири рушди кишвар;

– таҳлили фаҳмиши ҳуқуқии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳадди имкониятҳои мурофиавии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– муайян кардани моҳият ва аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва муайян кардани меъёрҳо ва шаклҳои иштироки судшаванда дар амалишавии онҳо;

– таҳлили муқоисавии истилоҳоти «муҳокимаи судӣ дар ғоибии судшаванда», «баррасии ошкорои парвандаи ҷиноятӣ», «муҳокимаи пӯшидаи судӣ» ва «муҳокимаи соддакардашудаи судӣ»;

– муайян намудани хусусиятҳои хоси мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда ва дар ин замина муайян намудани вазъи ҳуқуқии ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили ҳуқуқии баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда;

– муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқии пешбурди амалҳои тафтишӣ ва судӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда;

– муайян намудани ҳолатҳое, ки тибқи онҳо дар ғоибии судшаванда гузаронидани мурофиаи судӣ имконпазир аст;

– асоснок кардани ҳалли масъалаҳои назариявие, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда ба миён меоянд;

– асоснок кардани хулоса ва пешниҳод оид ба такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва кор карда баромадани тавсияҳо оид ба

таъмини иштироки тарафҳо дар ҳалли судии масъалаҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ.

**Объекти таҳқиқот** танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд, ки ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо иштироки тарафҳо ё бе иштироки судшаванда ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мешаванд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** ҷамъи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки бо принсипҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ алоқаманданд, инчунин амалияи иштироки ҳатмии судшаванда дар муҳокимаҳои судӣ, имконияти дар ғоибии иштирокчиёни мурофиа, аз ҷумла дар ғоибии судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳо ва мавридҳое, ки ҳамчун сабаб ва асоси бе иштироки судшаванда баргузор шудани муҳокимаи судӣ, баромад мекунанд, таҳлили моҳияти мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ, таъмин шудани кафолатҳои ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқот омӯзиши масъалаҳои назариявии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятиро дар ғоибии судшаванда, танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи онро дар солҳои 2009-2024 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дарбар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳо, дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нуқтаҳои назариявию илмӣ ва хулосаҳои асосноки олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба шартҳо, тартиб ва қоидаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо иштироки тарафҳо, хусусан бо иштироки гумонбаршудагон, айбдоршавандаҳо ва судшавандаҳо, ки дар нашрияҳои илмӣ тавсиф ёфтаанд, маводҳои амалия ва бойгонии мақомоти судӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** материализми диалектикӣ чун методи умумии даркнамоӣ ташкил медиҳад. Дар рафти таҳқиқот методҳои умуми илмӣ, аз ҷумла таҳлили ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ - муқоисавӣ, хронологӣ-таърихӣ,

абстрактсия, оморӣ, мантиқӣ, шаклбандӣ, тарҳрезӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқотро фаро гирифта, ба асоснокӣ, самаранокӣ, сифати таҳқиқот, ба эътимоднокии натиҷаҳои он мусоидат кардаанд.

Дар рисола меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналхалқии ҳуқуқӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ҷиноятӣ, маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Маводи эмперикӣ бо роҳи омӯзиши парвандаҳои ҷиноятии алоқаманд бо фаъолияти судҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе, ҷамъ оварда шудаанд. Умуман, 110 адад парвандаҳои ҷиноятӣ дар давраи солҳои 2017-2024 мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва таҳлили амалияи дар ғоибии айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ ва дар ғоибии судшаванда дар марҳилаи судӣ баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ ба асоси диссертатсия чун таҳкурсии амалӣ ҷой дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба таҳлили илмии масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ вобаста ба муҳокимаи судӣ дар ғоибии айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ ва дар ғоибии судшаванда дар муҳокимаи судӣ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар доираи меъёрҳои КМҶ ҶТ гузаронида шудааст.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд.

Навгонии таҳқиқот, инчунин бо он муайян мешавад, ки рисоланавис назари муаллифонаи худро оид ба муаммоҳое, ки бо мақоми ҳуқуқии судшаванда дар доираи мурофиаи судии ҷиноятии ватанӣ алоқамандӣ доранд, шаклбандӣ намуда ва бо ҳамин мақсад ҷабҳаҳои ҷамъи истилоҳоти мавзуи таҳқиқотро дақиқ мекунад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили муқоисавии адабиёти ҳуқуқӣ муаллиф истилоҳоти «мурофиаи ғоибона» ва ё «пешбурди ғоибона»-ро маҳкум карда, манъ карда шудани истифодаи ифодаҳои гуногуни мафҳумҳои якхелаи мурофиавиро дар қонунгузории ватанӣ пешниҳод мекунад.

**I. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асоснок мешавад, ки таълимот ва ақидаҳои пешқадами мутаффакирон ва сиёсатмадорони тоҷику форс оид ба таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, ошкоро дар ҳузури тарафҳо баргузор намудани муҳокима ҳамчун дастоварди миллӣ таҳкурсии боэътимоди ахлоқии қонунгузории муосири кишварро дар самти рушди адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил дода, бо арзишҳои муосири умумибашарӣ тақвият дода шуда, тибқи талаботи замони муосир ва асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ғанӣ гардонида шудаанд, ки чун аз тадбирҳои муҳим ва зарурии рушди давлатдории муосири миллӣ эътироф мешаванд.

2. Аз нуқтаи назари муаллиф, таъмини адолат ҳадаф ва мазмуни мурофиаи судиро ташкил дода, минбаъд самти ташаккули ҳуқуқро муайян намуда, онро то сатҳи фарҳангӣ ва меъёрҳои расмии ҳуқуқии мурофиавӣ муттаҳид намудааст. Ҳастии тарафҳо дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ заминаҳои таърихиву фарҳангии пайдоиш ва рушди худро дошта, фаҳмиши адолатро ҳамчун самараи тағйироти ҳадафнок ва марҳалаи рушди таърихӣ, чун қисми таркибии воқеияти ҳаёти ҷомеа инъикос намуда, бо гузашти айём дар Тоҷикистони муосир ба сифати василаи таъминкунандаи арзишҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ эътироф гаштааст. **Вале расидан ба мақсад ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамчунин тақозо менамояд, ки дар баъзе мавридҳо бе иштироки судшаванда муҳокимаи судӣ баргузор гардад. Дар чунин ҳолатҳо, масъалаи дар доираи меъёри ҳуқуқӣ асоснокии**

**таъин шудани он ва риояи шарт ва тартиби мурофиавӣ, аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.**

3. Муаллиф асоснок кардааст, ки муҳокимаи ошкорои парвандаҳои ҷиноятӣ, ки дар он иштироки тарафҳо ҳатмӣ буда, дар он аҳли ҷамъият метавонад иштирок намояд, дар як вақт имконият фароҳам меорад, дар асоси баҳсу мунозира ҳақиқат, адолати ҳуқуқӣ амалӣ шавад ва назорати аҳли ҷомеа аз болои ҳокимияти судӣ таъмин гардад.

4. Муаллиф истилоҳоти «баррасӣ ва ҳалли ғоибонаи масъалаҳои парвандаи ҷиноятӣ», «муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда», «мурофиаи ғоибонаи судӣ»-ро, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар натиҷа хулосаҳои дақиқ пешбарӣ мешаванд, ки баъзе аз истилоҳот ба мафҳуми «муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда» мувофиқ нест. Мафҳумҳои аввал ҷузъи амалияи истисноӣ дар баргузории маҷлиси судӣ буда, дар як вақт мафҳуми охирон ғалат аст, аз ин сабаб набояд арзи вуҷуд дошта бошад, чунки мухолифи ҳадафу вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

5. Муаллиф чунин мавқеро асоснок мекунад, ки кафолати мурофиавӣ, пеш аз ҳама уҳдадории давлат оид ба вуҷуд овардани шарту шароити боэътимод, умумиҳатмӣ ва тағйирнопазир барои амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки иштироки судшаванда на танҳо дар маҷлиси суди марҳилаи аввал, балки ҳангоми баррасӣ шудани масъалаҳои дигари мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ низ таъмин гардад.

6. Аз нуқтаи назари муаллиф, азбаски дар назарияи муосири мурофиаи ҷиноятӣ асос ва шартҳои баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда бе назардошти унсурҳои муҳимми мурофиаи судӣ ифода шудааст, пешниҳод мешавад, ки асосҳои зерини муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда, эътироф шаванд:

а) дар қонун пешбинӣ шудани тартиби муайян ва ҳолатҳои истисноии бе иштироки судшаванда баргузор шудани маҷлиси суд;

б) воқеан ҷой доштани ҳолатҳое, ки иштироки айбдоршаванда, судшавандаро дар маҷлиси судӣ истисно намуда, дар КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд:

– аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кардани судшавандае, ки таҳти ҳабс қарор дорад;

– рад кардани ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд аз ҷониби судшавандае, ки берун аз ҳудуди ҶТ қарор дорад.

7. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф асоснок мекунад, ки шартҳои муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда қоидаҳои мурофиавие мебошанд, ки қонун дар иртибот бо риояи онҳо баргузории муҳокимаи судиро бе иштироки судшаванда ва ё айбдоршаванда раво медонад:

– дар ҳузури ҳимоятгар ба тариқи хаттӣ аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кардани судшавандае, ки таҳти ҳабс қарор дорад;

– дар ҳузури ҳимоятгар ба тариқи хаттӣ оид ба ин масъала дархост кардани судшавандае, ки нисбати ӯ чораи пешгирии ғайриҳабсӣ татбиқ шудааст;

– имкониятҳои расмии баргардонидани судшавандае, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон қарор дорад, мавҷуд набошад, агар чунин шарт ва тартиб дар қонунгузории ҶТ ва дар шартномаҳои байналмилалии ҶТ пешбинӣ шудаанд, агар мақомоти дахлдори давлати хориҷӣ қонеъ кардани дархости Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба супоридани шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир карда айбдоршаванда ё судшаванда эътироф шудааст, рад карда бошад;

– дар ҳолате агар судшаванда барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин айбдор шуда бошад;

– агар судшаванда дар ҳудуди давлати хориҷӣ барои ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад;

– мавҷудияти дархости прокурор дар бораи бе иштироки судшаванда баргузор шудани маҷлиси суд;

– дархости хаттии судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта, ки дар ҳузури ҳимоятгар  омода шудааст.

8. Бо мақсади мутобиқ кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ ба фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ  бартараф намудани духура ифода шудани мафҳум, истилоҳ ва меъёрҳои мурофиавӣ, истисно карда шудани ибораи «мурофиаи ғоибона» пешниҳод карда  шуда, дар матни меъёрҳои КМҶ ҶТ (м.м. 248, 280) истилоҳи «дар ғоибии»  бо истилоҳи «бе иштироки судшаванда» иваз карда шавад.

9. Бо мақсади таъмин намудани мутобиқати қатъии меъёрҳои дар зер нишондодашудаи мурофиавӣ ба муқаррароти конститутсионӣ, онҳо бояд мукаммал гардонида шуда, дар таҳрири зерин пешбинӣ шаванд:

1) бо дарназардошти арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, амали принсипи эҳтироми шаъну шарафи шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки дар м.273 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолате, ки зарурати маҷлиси пӯшидаи судиро ба миён меорад, дархости судшаванда ва ҷабрдида низ пешбинӣ карда шавад, то ки суд онро баррасӣ намуда, ба хулосаи зарурӣ ояд.

2) қоидаҳои дастгир карда шудани судшаванда дар меъёри алоҳида бо муқаррароти зерин «Моддаи 96(1). Дастгир кардани судшаванда то ба ҳабс гирифтани ӯ дар асоси қарори судя  пешбинӣ карда шавад:

1. Агар судшаванда қоидаҳои чораи пешгирии дар ҳаққи ӯ татбиқшударо, ки бо нигоҳ доштан дар ҳабс вобаста нест ё ӯҳдадории хаттиашро дар бобати ҳозир шудан бо даъвати суд ё хабар додан дар бораи ивази ҷойи истиқомат риоя накунад, суд, судя ҳуқуқ дорад масъалаи дастгир карда щудани судшаванда ё ин ки  татбиқи чораи пешгириро дар намуди ба ҳабс гирифтан, ҳал намояд.

2. Муҳлати дар тавқифгоҳ нигоҳ доштани судшаванда бо тартиби пешбиникардаи қисми 1 ҳамин модда аз лаҳзаи дастгир кардани воқеӣ аз 72 соат зиёд шуда наметавонад».

3) Дар матни қисми 5 м. 280 КМҶ ҶТ қоидаи «... ҳукм ё таъиноти судие, ки ғоибона қабул карда шудааст» бо таҳрири зерин «ҳукм ё таъиноти судие, ки бе иштироки судшаванда қабул карда шудааст» иваз карда шавад;

4) Дар сархати 6 қисми 1 м. 248 КМҶ ҶТ ва сархати 3 қисми 1 м.312 КМҶ ҶТ истилоҳи «... дар ғоибии судшаванда» бо истилоҳи «... бе иштироки судшаванда» иваз карда шавад.

5) Муаллиф чунин мавқеро асоснок менамояд, ки ҳангоми бе иштироки айбдоршаванда баррасӣ шудани масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ тибқи (қ. 3 м. 232 КМҶ ҶТ) нисбат ба айбдоршавандаи дар ҷустуҷӯ қарордошта, татбиқ карда шудани на чораҳои пешгирӣ, балки татбиқи дастгир кардан ҳамчун чораи маҷбурӣ мувофиқи мақсад аст. Чунки дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 111 КМҶ ҶТ татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бо иштироки айбдоршавандаи дастгиршуда ва ҳимоятгари ӯ имконпазир мегардад.

6) Дар матни қисми 2 моддаи 116 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад, ки дархост оид ба ҳабси молу мулк аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 2-10 моддаи 111 Кодекси мазкур баррасӣ карда шавад. Айбдоршаванда ва ҳимоятгар бояд бо қарор ё дархости мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва маводе, ки асоснокии дархостро оид ба зарурати татбиқи ҳабси молу мулк тасдиқ менамоянд, то муҳокимаи судӣ шинос карда шаванд, ки имконият ва вақти кофӣ барои тайёр шудан ба ҳимоя дошта бошанд.

7) Ҳолати ҳуқуқии судшаванда бояд дар моддаи алоҳида 47.1 КМҶ ҶТ бо нишон дода шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавӣ пешбинӣ карда шавад.

8) Ҷумлаи дуввуми қ. 1 м. 280 КМҶ ҶТ бо матни зерин тағйир дода шавад:

«... Ҳангоми бо сабабҳои узрнок сари вақт ба маҷлиси суд ҳозир нашудани судшаванда баррасии парванда бояд мавқуф гузошта шавад».

9) Ҷумлаи охирони қисми 3 м. 286 КМҶ ҶТ бо матни зерин иваз карда шавад: «Ҷустуҷӯи судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти суд (қарори судя) эълон карда мешавад».

10) Дар қисми 4 м. 280 КМҶ ҶТ баъд аз калимаҳои «аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад» ибораи «бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар» илова карда шавад.

11) Бо мақсади мутобиқ гардонидани меъёри қ.4 м.280 КМҶ ҶТ бо меъёри қ. 1 м. 51 КМҶ ҶТ, дар он тағйирот дар таҳрири зайл ворид карда шавад: «айбдоршаванда, судшавандаи берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот ва (ё) муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** мазкур дар он аст, ки хулосаҳое, ки пешниҳод шуданд ба такмили асосҳои назариявии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҳкими қонуният ва таъмини адолат ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин барои асоснок кардани зарурат, шарт ва дақиқ карда шудани доираи масъалаҳои мурофиавӣ, ки бе иштироки судшаванда ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ҳал мешаванд ва таъмини кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, равона мешаванд.

Маводи диссертатсияи мазкурро дар раванди омӯзиши фанҳои «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ», «Адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Назорати прокурорӣ», аз ҷумла курсҳои махсуси «Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ», «Мавқеи ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятӣ» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд.

Хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи он, ки дар диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти тафтишотию судӣ, инчунин ҳангоми кор карда баромадани маводҳои илмӣ-методӣ аз ҷониби муҳаққиқон, устодон ва донишҷӯёни мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** истифодаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018-2028), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021), амалияи тафтишотиву судӣ (110 парвандаҳои ҷиноятӣ) ташкил медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар шаҳри Хуҷанд омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣназариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар гузоришҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» – маърӯза дар мавзуи «Таҳлили назариявӣ ва ҳуқуқии муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ» (10 декабри соли 2022);

– Конфренсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Терроризм ва экстремизм-хатар ба амнияти инсоният!» бахшида ба 30 солагии ДДҲБСТ ва 32 солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи Қоидаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта, 27 – 28 октябри соли 2023.

– Международной научно-практической конференция на тему: «Глобальные вызовы и научные решения»–доклат нам тему: «Правовое положение обвиняемого (подсудимого) в уголовно-процессуальном законодательстве СНГ» (Калуга, 30 марта 2024 года).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол» – маърӯза дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ дар дарк ва таъмини дастрас будани адолати судӣ» ( ш. Хуҷанд, 5 майи соли 2024).

– Конфренсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Илму маориф дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд» ба ифтихори 35 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик, – маърӯза дар мавзуи «Муайян гардидани ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар

қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (19 апрели соли 2024)

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур баён карда шудаанд, дар 12 мақолаи илмӣ инъикос шудаанд. Аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ ИШТИРОКИ СУДШАВАНДА ДАР МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Ҳастии тараф, пайдоиш ва ташаккулёбии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо – шарти муҳимми муҳокимаи одилонаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ

Барои муайян кардани самти ташаккулёбии асосҳои адолати судӣ ва ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин баҳри такмил дода шудани фаъолияти мурофиавии судии ҷиноятӣ таҳқиқоти дастовардҳои таърихӣ ва таҷрибаи пазируфташудаи даврони истиқлолият ногузир аст. Аз ҷумла Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳаққиқони кишвар ибрози ақида доранд, ки «рӯ овардан ба осори гузаштагони маъруфи халқи тоҷик ва тамаддуни оламшумули он, ки таҳкурсии фарҳанги миллии моро ташкил медиҳанд, барои тақвияти раванди ташаккули андеша ва худшиносии миллӣ, таҳкими асосҳои ҷомеаи адолатпарвар ва мутамаддини шаҳрвандӣ, инчунин барои таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули адолати иҷтимоӣ неруи созанда аст» [150], [131], [123], [71], [48], [61], [64], [231], [263].

Истифода аз таҷрибаи таърихии аҷдодони хирадманду фарҳангпараст дар замони таҳаввулот ва авҷ гирифтани бархурди арзишҳои тамаддун, ба андешаи олимони ватанӣ Тоҳиров Ф.Т., Сотиволдиев Р.Ш., Бӯриев И.Б., Холиқов А.Г., Обидов Д.С., баҳри фароҳам овардани ҳусни тафоҳум, пеш гирифтани сиёсати таҳаммулу муросо дар ин маҷрои пурталотуми рӯйдодҳои замони муосир аҳаммияти хеле муҳим пайдо мекунад [142], [143], [97]. Олимони дигари ватанӣ Д.С. Раҳмон, Ҷ. Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзода қайд мекунанд, ки «низом ва қоидаҳои ҳалли одилонаи масъалаҳои иҷтимоӣ собиқа ва таҷрибаи беш аз 2600 сола доранд» [112, с. 16], ки ҳама вақт дар маркази таваҷҷӯҳи афкори сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фалсафӣ қарор дошта, имрӯзҳо низ аҳаммияти муҳимми фарҳангию иҷтимоӣ доранд.

Аҳаммияти фарҳанги миллӣ ва таҷрибаи давлатдорӣ ҳамчун заминаи бунёдӣ ва самти ташаккули ҷомеаи адолатпарвар дар сатҳи расмӣ низ борҳо қайд гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои худ қайд мекунанд, ки дар замони муосир дар ҷараёни рақобати тамаддунҳо «беҳурматӣ зоҳир кардан нисбати гузаштаи миллати шарафманди худ, нисбати анъанаҳои таърихӣ, нотавонбинӣ дар нигоҳ доштани мероси фарҳангию мадании миллат аз худшиносии маҳдуд шаҳодат медиҳад, ки масъулияти шахсро нисбати ҳаёти имрӯза ва дар назди наслиояндаи миллат коста мегардонад» [151, с.12].

Аз замонҳои пайдоиш ва ҷорӣ шудани қоида ва шартҳои иштироки тарафҳо (даъвогару ҷавобгар дар шакли классикӣ) ҳангоми баррасии арзу даъво, қоидаҳои мубоҳиса ва низоми муайяни ҳалли дастҷамъонаи баҳсу мунозира, мунокишаю зиддият ё ихтилоф ё оқибатҳои вайрон кардани талаботи муайяни зисту зиндагӣ дар ҳаёти гузаштагони мо ҳазорсолаҳо сипарӣ шудаанд, ки онҳо таҷрибаи нодир ва эътимоди аҳли ҷомеа ба адолат, нақши татбиқи ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Оид ба пайдоиш ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ манбаъҳои таърихӣ аз он далолат медиҳанд, ки қоидаҳои баррасӣ ва ҳалли баҳсу мунозира дар ҳузури даъвогару ҷавобгар (дар фаҳмиши имрӯза тарафҳо дар назар дошта мешавад) оид ба муносибатҳои байниҳамдигарии аҳли ҷомеа ҳанӯз дар давраҳои ҷомеаи ибтидоӣ ва сохти қабилавӣ, вобаста ба урфу одат ва меъёрҳои мазҳабӣ, авлодӣ, динӣ ҷорӣ ва амал кардаанд [65, с. 7-9], [148, с. 12-14].

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қоидаҳои одитарини мурофиавӣ, аз ҷумла дар ҳузури тарафҳои баҳсу мунозира баррасӣ ёфтани арзу даъво заминаҳои устувори иҷтимоӣ дошта, аз тасаввурот ва дарки падидаи «хуб ва бад», мубориза «некӣ ва бадӣ» сарчашма гирифтаанд. Дар ҳама зинаҳои рушдёбӣ ҳадафи ниҳоии онҳоро ҳамеша адолати иҷтимоӣ ташкил додааст. Доир ба мазмуни мурофиа аз ҷониби З.Ҳ. Искандаров қайд мегардад, ки «ин тарзи маъруфи дарёфти ҳақ

мебошад, ки зимни муҳокима дар миёни тарафҳо муайян мешавад ё ба даст оварда мешавад» [69, с. 35].

Дар мисоли танҳо баргузории мурофиа дар ҳузури тарафҳо дидан мумкин аст, ки чунин тарзи мурофиа:

– барои пешгирии қасди хунӣ (авлодӣ), худсарӣ, худмаҳкумкунӣ, ҳудҷазодиҳӣ, низоъ ва ҷоҳилӣ, зулм ва зуроварӣ;

– ба огоҳ шудани аҳли ҷомеа аз кирдори норавои ҷойдоштаи зидди арзишҳои маънавӣ, авлодӣ, динӣ ва мазҳабӣ ва оқибатҳои он;

– ба муҳокима ва маҳкумкунии ошкоро гузошта шудани гунаҳгори ҷиноят, баҳсу моҷаро ё арзу даъво ва кушиши муайян карда шудани ҳақиқати ҳол, барои ҳалли оқилона ва одилонаи онҳо аз тарафи ҳоким ва тобеони ӯ;

– ба ҳифзи ҳуқуқу манфиати нафарони осеб ва ё зарардида, дар аксари ҳолатҳо ба ҳифзи манфиатҳои давлат ва гурӯҳи ҳукмрон;

– барои риоя ва иҷрои қоидаҳои авлодӣ, мазҳабӣ, динӣ тарбия, даъват ва маҷбур карда шудани аҳолӣ равона шудаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пайдоиш ва ташаккули тартиб ва қоидаҳои ширкат намудани тарафҳо (даъвогару ҷавобгар дар шакли классикӣ) дар ҷараёни дида баромадани арзу даъво, қоидаҳои мубоҳиса ва низоми муайяни ҳалли дастҷамъонаи баҳсу мунозира ба пайдоиш ва паҳн шудани арзишҳои умумии ахлоқию маънавӣ аз ҷумла баҳри банизомдарорӣ ва танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, барои таъмини ҳаёти осоиштаи мардум ва адолати иҷтимоӣ роҳ кушода, ба рушди қоидаҳои мурофиаи одилона таҳкурсӣ гузоштааст.

Таҳлили асари безаволи Бобоҷон Ғафуров аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баробари пайдоиш ва рушди давлат ҳуқуқ, муносибатҳои ҷамъиятӣ анъана, қоидаҳои муҳокимаи арзу даъво дучори санҷишу пайомадҳои гуногун гашта, бо назардошти хусусиятҳои марҳилаи хосаи таърихӣ, бо шакли расмӣ ва арзишҳои умумиҷтимоӣ амалӣ шуда, пайваста ба яке аз таъйиноти муҳимми низоми давлатдорӣ ва ҷузъи ҳатмии ҳокимият табдил ёфтааст [53], [113, с. 127].

Ҳастии анъанаи бо иштироки тарафҳо, дастҷамъона ҳал кардани низои иҷтимоӣ, ҳақпарастӣ, адолат, идоракунии одилона ва тарзи ҳаёти осоишта дар оинаи сарнавишти миллатамон зуҳуроти нояён намебошад [165, с. 69-75], қаблан, дар рӯзгори гузаштагон асосҳои ахлоқии танзимкунандаи муносибатҳо мавҷуд буданд [124, с. 29], амсоли «сурудаҳои Авесто» [42, с. 612], «Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён» [99, с. 7-11], «Қуръон, Сиёсатнома» [82, с. 20] .

Ба инкишоф ва рушди қоидаҳои мурофиавии судӣ меъёрҳои ҳуқуқи мусалмонӣ (дар заминаи ҷорӣ шудани дини мубини Ислом, дар солҳои 705-755) [143, с. 92] бо ғояҳои пешқадам, бо дастрасӣ ва хусусиятҳои башардӯстии худ таъсири ҷиддӣ расонидааст, ки дар як муддати кӯтоҳ ба минтақаҳои бузурги хилофат густариш ёфта, дар ҳудуди Хуросон ва Мовароунаҳр то сарҳади Хитой, Ҳиндустон, Индонезия, нимҷазираи Балкан, Анатолия, Кавказ, минтақаҳои назди баҳри Сиёҳ паҳн мегардад, лекин таъсир ва амалӣ шудани урфу одати мардуми ғайримусалмони маҳаллиро бекор накардааст.

Маълум шудааст, ки асрҳои VII-VIII давраи густариши босуръати ҳудудӣ ва ғоявии дини Ислом буда, барои воқеияти сиёсию ҳуқуқии он меъёрҳои фиқҳи классикии исломӣ ва амалишавии бомуваффақияти он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини адлу инсоф нақши муҳим доштанд [49, с. 195, 199]. Тибқи таълимоти мусалмонӣ дар ҷараёни ҳалли масоили иҷтимоӣ ва баҳсу мунозираи тарафҳо ба сарчашмаҳои зерин такя кардаанд: 1) Қуръон; 2) суннат; 3) иҷмоъ; 4) фатвои саҳоба; 5) қиёс; 6) истеҳсон; 7) урф; 8) ҳиллаи шаръӣ [201, с. 94-101], 9) урфу одатҳои мардуми таҳҷойии маҳал, ки ба ҷорӣ шудани меъёрҳои башардӯстонаи танзим, ба сатҳу низом ва тартиби пешқадами одилона ҳал кардани баҳсу низои иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ бахшидаанд.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи мусалмонӣ маҷмуи меъёрҳоро дар самти баробарҳуқуқии тарафҳои мурофиа ва муносибати хосаи қозиро бо тарафҳо муайян кардааст, ки муҳимтарини онҳоро муаллифон [157, с. 248 – 255] дар чунин қоидаҳо ифода мекунанд:

– Қозӣ бояд шахси оқилу одил бошад, яъне беғараз, холис ва соҳиби донишҳои васеи ҳуқуқӣ бошад [119, с. 53].

– Дар ҳолатҳои зарурӣ қозӣ бояд бо дигар қозиҳо машварат, маслиҳат кунад, ки ифодаи ҳалли дастҷамъонаи масъалаи мурофиавӣ аст [110, с. 108].

– Ба тарафҳои мурофиа макони баргузории мурофиа маълум бошад, ки ошкоро ва дастрас будани мурофиаро инъикос мекунад, ки барои муҳокима ниҳоят муҳим арзёбӣ мешавад [96, с. 72-73].

– Қозӣ бояд бо тарафҳои мурофиа як хел сухан кунад, яъне ба тарафҳо муносибати баробар кунад, аз тарафҳо вобаста набошад, аз ҳалли масъала манфиатдор нашавад, ки инъикоскунандаи талаботи беғаразӣ, холисона мебошад.

– Қозӣ бояд тарафҳои мурофиаро аз мақсади мурофиа огоҳ кунад, ки ифодаи одилона ва холисона муқаррар кардани ҳаққу ноҳақ аст.

– Ба тарафҳои вақти мусоид ва баробарии мурофиавӣ бояд Қозӣ муҳайё намояд.

– Зимни ҳалли баҳс қозӣ набояд шитоб кунад, балки кӯшиш намояд то тарафҳо ба созиш ва иттифоқ оянд [202, с. 89-94].

– Дар сурати баровардани қарор ё ҳукм дар ғоибии яке аз тарафҳо ҳукми қозӣ ноодилона дониста мешуд [110, с. 117].

– Уҳдадории исбот пурра ба зиммаи тарафҳо вогузор шуда буд.

Аксарияти ақидаҳои баёншуда атрофи нақш ва мавқеи қозӣ дар муҳокимаи баҳсу мунозира баён гардида бошанд ҳам, мавҷудият ва устувории ин қоидаҳои мурофиавӣ дар алоқамандӣ ва нисбати мавқеи иштироки тарафҳо дар муҳокимаи судӣ муайян шудаанд.

Дар сарчашмаҳои номбурда (Қуръон; суннат; иҷмоъ; фатвои саҳоба; қиёс; истеҳсон; урф; ҳиллаи шаръӣ; урфу одатҳои мардуми таҳҷойии маҳал, ҳадису ривоят ва асарҳои фақеҳон) чун таҳкурсии асосии ҳалли одилонаи баҳсу даъво аз ҷониби халиф, ҳоким (шариатпаноҳ); тартиби муҳокимаи масъалаҳои мурофиавӣ дар қозиёт, дар фаъолияти ҳакам, дабир, қозӣ, мазолим, муҳтасиб, раис, қушбегӣ, ки дар ҳузури тарафҳои манфиатдор, инчунин салоҳияти онҳоро дар баррасии арзу шикоят ва баҳсу мунозираро

нишон дода, низом ва танзими онҳо дақиқан инъикос ёфтаанд [50, с. 14], ки таҷрибаи нодири таъмини адолати иҷтимоӣ аст. Чи тавре Р.М. Тленшева қайд менамояд «халиф, ҳоким салоҳияти мустақилонаи аз руйи ақидаи (раъй) мустақили худ дар ҳузури тарафҳо ҳал намудани баҳсу даъво ё таъини ҷазоҳоро (монанди ҳудуд, қасос ва таъзирро) дошт» [255].

Ба сифати тарафи айбдоркунанда ё салоҳияти таъқибнамоӣ мансаби шахси таъминкунандаи тартибот ва амният «соҳиб ал-шурта», дар қисмҳои низомӣ ва давраи ҷанг «қозӣ- ал- ҷунд» амал кардаанд, ки на танҳо салоҳияти тафтиш, балки ҷустуҷӯи гунаҳгор, дастгир кардан, ба баррасӣ ва муҳокима маҷбуран ҳозир кардани вай тааллуқ дошт. Дар муҳокима «соҳиб ал-шурта» ба сифати тарафи айбдоркунанда иштирок мекард.

Салоҳияти тарафи таъқибнамоӣ (дар фаҳмиши имрӯза тарафи айбдоркунанда) дар ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии далелҳо, дар баррасии баҳсу даъво ба орифон (шахсони мансабдори назораткунандаи риояи урфу одатҳо дар байни тамоми табақаҳои ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои бечорагон ва бепарасторон), ба муҳтасиб (назораткунандаи риояи савдо ва ахлоқ дар бозорҳо) ва ҳатто ба муаллим, мукотиб, мударрис (новобаста аз он ки бо таълим машғул буданд) бо амри халиф ба сифати тараф дар муҳокима ширкат меварзиданд ё ба сифати ҳакам (судя) баҳсро, бинобар он ки маълумот аз фиқҳ доштанд, баррасӣ карда метавонистанд.

Ҳамин гуна ҷамъи қоидаҳои мурофиавӣ, ки дар ҳаёти иҷтимоии мардуми мо таърихан амал кардаанд дар таълимоти фақеҳон ғояи адолат, баробарии тарафҳо, башардӯстӣ, бо тарзи дастҷамъӣ ва ошкоро бо иштироки тарафҳо баргузор шудани мурофиа, паҳлӯҳои (қоидаҳои) дигари мурофиавиро густариш дода, асосан роҳҳои баррасии одилонаи баҳсу даъворо таҷассум кардаанд, ки аксари онҳо бо мазмун ва моҳияти худ дар замони муосир низ дар қонунҳои ҷорӣ пешбинӣ шудаанд ва амал мекунанд.

Давраи дигари муҳимми дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи ба амалбарории адолати судӣ дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна дар миёнаи асри XIX ба вуқуъ омадааст [228, с. 645-651]. «Дар нимаи асри XIX давлатҳои Осиёи Миёна ба империяи Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуд, ки ба ҷорӣ шудани

на танҳо санадҳои меъёриву ҳуқуқии Россия, балки ба амали тартиб ва низоми судӣ, ки Оинномаи мурофиаи судии ҷиноятӣ (аз соли 1864) пешбинӣ карда буд, дар ин давлатҳо сабаб гардид» [65, с. 24]. Лекин новобаста аз ислоҳоти ин соҳа амали арзишҳои маънавию фарҳангии миллӣ, оятҳои Қуръони маҷид, суннат, ҳадисҳо, иҷмоъ, иҷтиҳод ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ дар баррасии арзу даъвои мардум манъ нагардиданд [164 с. 69].

Дар асоси муқаррароти Низомномаи муввақатии «идоракунӣ дар вилоятҳои Туркистон аз 6 августи соли 1865 нахустин бор таъин гардидани қозӣ (судя) аз ҷониби губернатори ҳарбӣ (низомӣ) пешбинӣ мешавад» [198, с. 34], [196, с. 65-69], ки дар як вақт таъйиноти айбдоркунӣ, маъмурӣ ва судиро ба зимма дошт ва иҷро мекард [81, с.15], [266]. Қозӣ (судя) ҳангоми баррасии баҳсу муноқишаи даъвогар ва ҷавобгар (дар ҳузури тарафҳо) имконият татбиқи санадҳои ҳуқуқии Россия ва меъёри динӣ, одатҳои маҳаллӣ, маънавиро дошт [157, с. 248-255]. Намуди мурофиа мазкур хусусияти синфӣ дошта, ҳамчун шакли омехта ихтилофи зиёд дошт. Ба «Низомномаи зикргардида 1886 сол тағйирот ворид гардида» [163, с. 65-76] суди фавкулодаи вилоятӣ, расман қоидаҳои бевосита, мубоҳиса, ошкоро, баррасии дастҷамъона ва иштироки аҳли ҷомеаро пешбинӣ карда бошад ҳам [266], воқеан онҳо пурра амал накардаанд.

Дар Низомнома бе иштироки судшаванда баровардани ҳукм оид ба ҷиноятҳои начандон хавфнок пешбинӣ шуда буд, яъне имконияти дар ғоибии судшаванда баррасӣ ёфтани парванда ҷорӣ шуда буд [264], [117, с. 28]. Лекин ҷиҳати мусбати Низомномаро қайд кардан лозим аст, ки он ҳимояи айбдоршаванда ва судшавандаро аз ҳукми ноодилона, ҳуқуқ ба шикоят доштан ӯ, ҳамчунин дар рафти татбиқи чораҳои маҷбурӣ ба назар гирифтани синну сол, аҳволи саломатӣ, ҷинс, дараҷаи гунаҳгорӣ ва хавфнокии кирдорашро низ муқаррар менамуд [225, с. 92-106], [267], [266].

Тибқи Оинномаи судӣ аз 19 октябри соли 1865 дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна ҳатто судҳои ҳарбӣ таъсис дода шуда буданд [154, с. 35-39]. Ин

низоми ҷорикардаи судии империяи Россия дар ҳудуди давлатҳои минтақаи Осиёи Миёна то инқилоби октябри соли 1917 бе дигаргуниҳои куллӣ амал кард. Солҳои 1917-1918 бо қабул шудани «Декрети №1, №2 «Дар бораи судҳо» принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти судӣ, ки Оинномаи мурофиаи судии ҷиноятии соли 1864 муқаррар карда буд, боқӣ монд» [37, с. 69]. Қоидаҳои Оинномаи судии соли 1864 аз нуқтаи назари ҳокимияти шуравӣ бо назардошти манфиати синфи коргару деҳқон бо тағйиру иловаҳо амалӣ гардидааст [38, с. 50].

Дар натиҷаи Инқилоби Октябр соли 1917 низоми давлатдорӣ дигаргун шуда, дар Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии низоми сиёсии сотсиалистӣ амалӣ гардид [147, с. 44]. «Суди қозиёт (бо расмиёт ва қоидаҳои шариат) дар Тоҷикистон пурра фаъолияташ манъ нагардида, то солҳои 1927 амал намудааст» [47, с. 112]. «Қозиро аҳолӣ ба муҳлати як сол интихоб менамуд, ки доираи маҳдуди баҳсҳои гражданиро баррасӣ мекард» [41], [246, с. 88]. Аз болои фаъолияти суди қозиёт ва мақомоти дигар (ОГПУ, (ВДТ) Сегонаи ҳарбии диктаторӣ [52, с. 86], [68, с. 126] назорат мекард [136, с. 150]. Ҳарчанд Низомномаи муваққатӣ «Дар бораи трибунали револютсионӣ» аз 2 октябри соли 1918 таъсиси коллегияи муҳофизони ҳуқуқро пешбинӣ карда бошад ҳам, айбдоршаванда, судшаванда воқеан ҳуқуқ ба ҳимояро надошт ва намедонист, ки барои чи, дар асоси кадом «далелҳо» маҳкум мешавад. Мақомоти тафтишот (муфаттишони халқӣ) дар тобеияти маъмурии суди халқӣ амал мекарданд ва функсияи айбдоркунӣ ба зиммаи суд вогузор гардида буд [250, с. 24-25].

Аз соли 1924 то соли 1929 дар ҳудуди Тоҷикистон қонунҳои ҶШС Узбекистон, аз ҷумла Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Узбекистон аз 1 июли соли 1926 амал кардааст, ки дар муҳокимаи судӣ дигаргунии ҷиддиро дарбар нагирифта, доир ба таъмини иштироки судшаванда ва ҳимоятгар тағйироте ворид нагардид.

Аввалин Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон бо қарори Президиуми КИМ Тоҷикистон аз 15 августи соли 1935 қабул гардида, аз 25 августи соли 1935 мавриди амал қарор гирифт. Кодекси мурофиавии

ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (1935) аз 14 боб ва 154 модда иборат буд, ки қоидаҳои дар ҳамон замон пешқадамро ҷорӣ намуд. Лекин баробари он бо истифодаи ҳама гуна роҳу воситаҳо маҳдуд ва ҳатто маҳрум кардани ҳуқуқҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва «бе ягон истисно ба мақсад расидан» қоидаи расмӣ эътироф гардида буд, ки ҳатто қоидаҳои нонавиштаи «он кирдори (аз нуқтаи назари синфӣ ё ҳизбӣ) манфӣ ё баде, ки аён аст ва ҳоҷат ба баёну исбот надорад» ё «ҷоиз будани баъзе хатогиҳо, эҳтимолият, шубҳа, тахмин ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда» [132, с. 46-49], [87, с. 30-31] дар ҷараёни исбот ва баррасии судӣ қобили қабул эътироф гашта, дар амал бевосита татбиқ шудааст. Дар натиҷа боиси инкори имкониятҳои баробари тарафҳои муҳокимаи судӣ, маҳдудияти ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, беасос, бидуни баргузории тафтишот ва муҳкоимаи судӣ гардида буд [130, с. 159].

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавӣ ва такмили қоидаҳои баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо қабул ва мавриди амал қарор гирифтани маҷмуи санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҳамон давра аз он ҷумла қабули «Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон 1931, 1937, 1978, қабул ва амалӣ гаштани Қонуни Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судии ҶШС Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1981» [33, с. 613-614], [35, с. 83], [36, с. 96] алоқаманди дошт, ки паҳлуи мусбат ҳам пайдо кардааст. Мисоли онро дар ҷорӣ шудани ниҳоди машваратчиёни халқӣ ё тарзи дастҷамъонаи мурофиаи судӣ дида метавонем.

Сессияи панҷуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон 17 августи соли 1961 қонун дар бораи тасдиқ намудани Кодекси мурофавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистонро қабул кард, ки он аз 1 декабри соли 1961 мавриди амал қарор гирифт, ки то соли 2010 амал кардааст.

Дар соҳаи адолати судӣ ҳарчанд Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (аз 17 августи соли 1961) [34] қоидаҳои муҳимми иштироки шахсони манфиатдор дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ карда бошад ҳам, иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ба

сифати тарафҳо, баробарии мурофиавии онҳо ва қоидаҳои мубоҳиса пешбинӣ нашуда буд. Моддаи 245 Кодекси номбурда баробарии мурофиавии айбдоршаванда, ҷабрдида, судшаванда, ҳимоятгар, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро ҳангоми муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ оид ба пешниҳоди далелҳо, иштирок дар таҳқиқи далелҳо ва пешниҳоди арзу дархост кафолат дода, доираи иштирокчиёни муҳокимаи судиро бо иштироки намояндагони аҳли ҷомеа ба сифати айбдоркунандаи ҷамъиятӣ ва ҳимоятгари ҷамъиятӣ дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ васеъ намуд ва оқибати саривақт ҳозир нашудани иштирокчиёни мурофиаи судиро низ муқаррар кард. Ин навовариҳо баъдан чун таҷрибаи ҳуқуқӣ ба такмил ёфтани қоидаҳои пешқадам ва рушди қонунгузории миллӣ дар соҳаи адолати судӣ, таъсиси мақомоти ҳокимияти судии имрӯзаи Тоҷикистон мусоидат карданд.

Лекин баробарӣ дар КМҶ ҶШСТ 1961 пешбинӣ шудани принсипҳои демократии мурофиаи судӣ, ба монанди дахлнопазирии озодии шахс, манзил, ҳифзи маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ, баробарии шаҳрвандон, забони мурофиаи судӣ ва ғайра, вогузор шудани функсияи айбдоркунӣ (м. 3), ҳимоя (м. 6, 11) ва адолати судӣ (м. 8) ба зиммаи мақомоти судӣ боқӣ монд.

Масъалаи дигар ин иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парванда мебошад, ки ӯ танҳо пас аз хотима ёфтани тафтишотӣ пешакӣ роҳ дода мешуд, яъне ҳангоми хабардор намудани шахсе, ки нисбаташ таъқиботи ҷиноятӣ сурат гирифтааст оиди хотима ёфтани тафтишоти пешакӣ ва ба ӯ додани имконият ҷиҳати шинос шудан бо маводи парванда пешбинӣ гардида буд.

Ба андешаи академик С.А. Раҷабов «муайян шудани ҳолати иштироки ҳимоятгар дар тафтишоти пешакӣ дар натиҷаи демократикунонии мурофиаи судӣ имконпазир гашт, ки ин қадами муҳим дар рушди ин соҳаи фаъолият аст. Иштироки ҳимоятгар дар тафтишоти пешакӣ ёрии ҳуқуқиро ба айбдоршаванда беҳтар менамояд, масъулияти мақомоти тафтишотиро

ҷиҳати пуррагии тафтишот, холисона ва асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ин ё он шахс баланд мекунад» [101, с. 97-99].

Имкони иштироки ҳимоятгар аз лаҳзаи оғози таъқиби ҷиноятӣ дар тағйиру иловаҳои воридгардида ба КМҶ ҶШСТ аз 28 августи соли 1990 [39, с. 123-124], пешбинӣ гардид.

Ҷанбаҳои назариявии иштироки ҳимоятгар аз лаҳзаи оғози таъқиби ҷиноятӣ аз ҷониби олими ватанӣ З.Ҳ. Искандаров низ таҳқиқ шуда аст [74, с. 15], [73], [75].

Ҳамин гуна тағйироти минбаъдина дар самти фаъолияти пешбурд ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ хусусан аз ҷониби суд ба васеъ ва эътироф гардидани имконияти тарафҳо дар муҳокимаи судӣ ва таъсиси мақомоти ҳокимияти судии имрӯзаи Тоҷикистон заминаи мусоидат гузоштааст.

Муҳаққиқ Н.Р. Шодиев қайд мекунад «новобаста аз оқибатҳои фоҷеабори мафкураи ягонаи синфӣ, шакли маъмурию тоталитарии давлатдорӣ, пурра инкор кардани сабақҳои таърихӣ ё танҳо аз ҷиҳати манфӣ баҳо додан ба падидаҳои таърихан шаклгирифтаи ҳуқуқӣ, қоидаҳои мурофиаи судӣ ва рӯйдодҳои таърихии замони шуравӣ нодуруст аст» [147]. Зеро меъёрҳои КМҶ ҶШСТ (1961) бо иштироки бевоситаи шахсони манфиатдор, ошкоро, дастҷамъона, муҳокима гардидани парвандаи ҷиноятиро пешбинӣ намуд, ки, ҳуқуқ ба ҳимоя доштани гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи судӣ расман кафолат дода шуд.

Дар Тоҷикистони муосир пас аз эълони Истиқлоли давлатӣ [16], қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] давра ба давра амалӣ гардидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ [17], [54], [55] ва қабул шудани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009) [4], ки бори аввал принсипҳои эҳтимолияти бегуноҳӣ, тарзи мубоҳисавии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва баробарии мурофиавии тарафҳоро пешбинӣ карда, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба сифати тарафҳо эътироф намуд ва бо ҳамин марҳилаи навбатии рушди қонунгузории миллии мурофиавии ҷиноятӣ

оғоз гардид [169, с. 117-122]. Лекин дар баробари ин, имкони дар ғоибии судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ боқӣ монд.

Дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ бо мақсади такмил додани асосҳои ҳуқуқии ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ давра ба давра қабул ва амалӣ шуданд [18], ки онҳо ба устуворӣ ва рушду такомул, тақвият ёфтани қоидаҳои башардӯстонаи ба амалбарории адолати судӣ ва кафолатҳои мурофиавӣ шароит муҳайё карданд.

Қабул гардидани қонунҳо, аз ҷумла қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2], «Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3], Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдораванда, судшаванда» [11], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» [14], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» [15], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» [8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [13] ва ғайра ба васеъ шудани ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавии тарафҳо дар соҳаи баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ хеле мусоидат карданд.

Дар заминаи қонунгузории миллӣ қоидаҳои пешқадами пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ ва дар амал ҷорӣ гаштанд. Барои ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ноил шудан вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар м. 2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ номбар шудаанд, ки дар байни онҳо кафолати ҳимоя гардидани ҳуқуқу манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар ҷойи махсусро ишғол намуд, ки иҷрои онҳо дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мешавад.

Р.Ҳ. Раҳимзода қайд менамояд, ки «вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ на танҳо риоя ва иҷрои тартиби ягона ва умумии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, инчунин эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигарро дарбар гирифтааст, ки барои ноил шудан ба ҳадафи ниҳоӣ, яъне барои ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ равона шудааст» [109, с. 22].

Ҳамзамон дар моддаи 6 Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳи мафҳумҳои нави мурофиавӣ муқаррар гардид, ки назар ба м. 24 КМҶ ҶШСТ (1961) 13 истилоҳи нави мурофиавии ҷиноятӣ бо шарҳи саҳеҳ ва мазмуни пурра нишон дода шудаанд, ки дар байни онҳо бори аввал иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ ба сифати тарафҳо, баробарии онҳо ва мубоҳиса дар пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ ва эътироф гаштаанд.

Вижагии дигари Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки номгӯйи принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ васеъ гардида, мазмуни онҳо дар боби алоҳида – боби 2 (17 номгӯйи принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ) пешбинӣ шудааст. Дар КМҶ ҶШСТ (1961) ҳамагӣ 12 принсип пешбинӣ шуда буд, ки хусусияти расмӣ ва ҳатмӣ дошт. Қаблан татбиқи онҳо дар амалия хеле маҳдуд, зоҳирӣ ва ҳатто имконнопазир буд. Ҳамакнун мазмуни принсипҳои қонуният, дастрас будани адолати судӣ, ҳифзи судӣ, эҳтироми шаъну шарафи шахс, кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, мубоҳиса, баробарии тарафҳо ва эҳтимолияти бегуноҳӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти мурофиаи ҷиноятиро тақвият додаанд.

Ба андешаи муаллифони ватанӣ Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятиро аз рӯйи мавқеи онҳо дар амалӣ гаштани таъиноти (функсияи) мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати

тарафҳо пешбинӣ кардааст [71, с. 10]. Тибқи сархати 4 моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ – мақомот ва шахсоне, ки таъқиби ҷиноятӣ ва тақвияти айбдоркуниро дар суд анҷом медиҳанд, инчунин шахсоне, ки худро аз айбдоркунӣ ҳимоя намуда, ҳуқуқ ва манфиатҳояшонро муҳофизат менамоянд (прокурор-айбдоркунандаи давлатӣ, ҷабрдида-айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ, намояндагони қонунӣ ва намояндагони онҳо, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндагони қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ)» [4]. Ҳамзамон тибқи муқаррароти сархати 20 моддаи 6 КМҶ ҶТ «прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари гражданӣ, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ» [4] ҳамчун тарафи айбдоркунанда пешбинӣ шудаанд. Дар сархати 21 моддаи 6 КМҶ ҶТ бошад «гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи қонунии ӯ» [4] ҳамчун тарафи ҳимоя пешбинӣ мешаванд. Лекин мафҳуми тарафҳо ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро дарбар нагирифтааст. Ғайр аз тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ иштирокчиёни дигар низ нақш ва мавқеи худро доранд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии худро ба амал мебароранд (шоҳидон, тарҷумон, шахсони холис, мутахассис, эксперт, котиби маҷлиси суд) ва ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ имкониятҳои баробари мурофиавӣ доштани тарафи айбдоркунанда ва ҳимояро дар ҳимояи мавқеи худ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ пешбинӣ ва кафолат медиҳад.

Таъмини баробарҳуқуқии тарафҳоро дар ҷорӣ шудани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ дидан мумкин аст, ки мувофиқи он суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё танҳо ҷазодиҳанда нест ва набояд тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намояд, хулосаи суд (ки дар ҳукм ифода меёбад) аз мавқеи тарафҳо, хулосаи айбдоркунӣ ё мавқеи ҳимоятгар

вобастагӣ надорад. Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ барои тавқият ё ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд.

Дар раванди тафтиши судӣ, ки қисми марказии муҳокимаи судӣ ба шумор меравад, ҳайати суд дар ҳузури шахсони мафиатдор ва айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ (тарафҳо) ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи далелҳои аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пешниҳодшуда шуруъ мекунад, ки дар натиҷаи он мавҷудияти ҳолатхои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, муайян карда мешавад. Бо далелҳои раднопазир ва саҳеҳ тасдиқ шудани воқеан доштани ин ҳолатҳо асоснокии ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, ки дар м. 335 КМҶ ҶТ номбар мешаванд, аз ҷумла масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят таъмин мекунад. Аз руи фарзия, гумон ё эҳтимолият исботшуда донистани ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, на танҳо ғалат, балки ғайриқонунӣ аст. Зеро, ки мавзуи исбот дар муҳокимаи судӣ бо тахмин ё хаёлӣ муқарраршуда дониста намешаванд ва барои баровардани ҳукми айбдоркунанда асос шуда наметавонанд. Чунин хулосабарорӣ ё ҳалли масъалаи мурофиавӣ бар хилофи муқаррароти моддаҳои 15, 339 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, судя холис дар маркази баҳс аст, масъалаҳои муҳокимашавандаро эълон мекунад, мавқеи тарафҳоро муайян намуда, ба онҳо шароиту имкониятҳои мурофиавиро барпо мекунад, лекин новобаста аз мақеи онҳо дар асоси қонун хулосаи ниҳоӣ мебарорад иҷро ва риояи он ба ҳама иштирокчиёни маҷлиси суд ҳатмӣ аст. Исботи айбдории шахс ё бегуноҳӣ ба доираи таъйиноти (функсия) суд дохил намешавад. Ба хулосаи суд ягон тарафи муҳокимаи судӣ (айбдоркунанда ё ҳимоя) таъсир расонида наметавонад, суд танҳо далелҳо ва меъёрҳои қонунро ба асос гирифта, масъалаҳои дар м. 335 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо холисона, беғаразона ва одилона ҳал мекунад. Суд салоҳият надорад пешакӣ ягон далели таҳқиқшавандаро нисбатан боэътимод, афзалиятнок ё бо хусусият ё ягон нишонаҳои фарқкунандаи худ босифат, бе шубҳа дуруст ё ва қобили қабули ҳамаи

иштирокчиёни мурофиа донад. Дар сурати бо далелҳо ва ҳолатҳои исботшуда асоснок нагардидани хулосаи ниҳоии суд, ки дар ҳукм ё дигар санадҳои судӣ инъикос ёфтааст, минбаъд бо шикоят ё эътирози тарафҳо боиси бекор шудани ин гуна сандаҳои судӣ мегардад.

Новобаста аз мавқеи муаллифони алоҳида, ки мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро танҳо дар муҳокимаи судӣ ҷонибдорӣ мекунанд [216, с. 35-38], лекин амали қоидаи мубоҳиса бо иштироки тарафҳо дар марҳилаҳои тосудии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ низ дида мешавад. Мо ин ҷо махсус ифодаи «баробарии тарафҳоро» номбар намекунем, зеро дар марҳилаҳои тосудӣ мо ба «иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавӣ ва шахсони манфиатдор» диққат медиҳем, ки қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (м. 86 КМҶ ҶТ) ба онҳо имконият медиҳад, ки зимни анҷом додани амалҳои тафтишӣ бевосита иштирок намоянд, вобаста ба ҳодисаи рухдода маълумоти дар ихтиёри худ доштаро (дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ё ҳуҷҷат ашё) пешниҳод кунанд, бо арзу дархост ба мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муроҷиат намоянд ё аз амал ва санадҳои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ шикоят кунанд. Аз ин бармеояд, ки то баргузории муҳокимаи судӣ амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо иштироки бевоситпи иштирокчиёни манфиатдор имконпазир мегардад, яъне дар марҳилаҳои тосудӣ бо тартиби махсуси мурофиавӣ онҳо дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ фаъоланд, ки амалишавии принсипи конститусионии дастрасии адолати судиро ба ҳама иштирокчиён тасдиқ мекунад. Новобаста аз имкониятҳои нисбатан васеи мурофиавии прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда, ба зиммаи иштирокчиёни манфиатдори мурофиа уҳдадории таъқиби ҷиноятӣ ва ҷамъоварии далелҳо вогузор намешавад, баръакс иштироки онҳо дар ҷамъоварии далелҳо ва исбот манъ карда ё маҳдуд нашудааст.

Принсипҳои нави роҳбарикунанда, ки баробарии тарафҳоро дар баҳси ҳуқуқии байни давлат ва шаҳрванд эътироф кард, дар як вақт тағйироти ҷиддиро ба миён овард, доираи амали принсипи қонуният ва кафолати амалишавии ҳуқуқу имконияти мурофиавии тарафҳо васеъ гардид, ки ба ташаккули қоидаҳои ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуд.

Эътироф ва дар амал татбиқ гаштани ин қоидаҳо, ба андешаи Н.М. Қаҳоров «минбаъд барои пурра ба шакли таърихии мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овард» [77, с. 153].

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ нишон доданд, ки ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ва минбаъд рушди низоми давлатдорӣ ба паҳн гаштани таҷрибаи дастҷамъона, бо иштироки тарафҳо, одилона ҳал кардани баҳсу низоъ замина гузошта, эътибори умумиҳатмӣ пайдо намуда ва то сатҳи танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ расидаанд. Аз ин рӯ, олимони шинохтаи ватанӣ Н. Неъматов, Ф.Т. Тоҳиров нуктаи муҳимро қайд кардаанд, ки таърихи давлат ва ҳуқуқ, рушди ҳаёти ҷомеа ва дигаргуниҳои иҷтимоиро тавассути ҳуқуқ, қонун ва қонунгузорӣ фаро гирифтааст [95], [135, с. 18].

Дар радифи чунин мулоҳизот муҳаққиқони ватанӣ қайд кардаанд, ки «агар ба пайдоиш ва ташаккули роҳу восита ва қоидаҳои ҳалли одилонаи баҳсу мунозира бо иштироки тарафҳо ҳамчун зуҳуроти таърихиву иҷтимоӣ баҳогузорӣ кунем, ба хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо инъикосгар ва ифодакунандаи натиҷаи дигаргуниҳои мақсаднок ва зинаи инкишофи таърихӣ ва ҷузъи воқеияти ногузири ҳаёти ҷомеа мебошанд, ки бо мурури замон аз арзишҳои маънавии иҷтимоӣ сарчашма гирифта, то сатҳи расмӣ эътироф гаштаанд» [106, с. 17].

Дар сатҳи расмӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як нуктаи муҳимро қайд карда буданд, ки «ба фарҳанги гузаштагон рӯй овардан набояд ба инкор кардани арзишҳои умумибашарӣ, ғурури ноҷо, кундфаҳмӣ, муқобилгузории фарҳангҳо, анъанаҳои дигар миллату қавмҳо, аз ҷумла муқобилгузории фарҳанги тоисломӣ бо фарҳанги исломии халқи мо боис гардад» [150, с. 196].

Ҳамин тариқ:

1. Аҷдодони мо бо пайравӣ ва эътимод ба қоидаҳои бо иштироки тарафҳо, ошкоро ҳал кардани арзу даъво, баҳсу мунокиша ё низои иҷтимоӣ, роҳҳои самаранок ва мақсадноки ҳимояи ҳаёти осоишта ва осудаи мардумро

аз ҷаҳолат, зулм ва хавфу хатарҳо, такмил додани шаклҳои самараноки таъмини адолат саҳми арзанда гузошта, таҷрибаи нодир пайдо кардааст.

Таълимот ва ақидаҳои пешқадами мутаффакирон ва сиёсатмадорони тоҷику форс оид ба таъмини адолати иҷтимоӣ, ошкоро бо иштироки бевоситаи даъвогар ва ҷавобар баррасӣ шудани баҳсу мунозира ба сифати таҷрибаи нодир заминаи қавии маънавии асосҳои муосири ҳуқуқии давлатро ба такмил дода шудани роҳу воситаҳои амалишавии адолати судӣ равона карданд, сарчашмаҳои ҳуқуқиро мазмуни инсондустӣ, мусолеҳа ва таҳаммулпарстӣ бахшида, бо назардошти вазъият ва пайомадҳои имруза сифати низоми идоракунӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро беҳтар намуданд, ки чун манбаи инкишоф ва дигаргуниҳои кулии даврон пазируфта шуданд.

2. Пайдоиш ва ташаккули қоидаҳои мурофиаи судӣ, ба монанди мубоҳиса, ошкоро бо ҳастии даъвогару ҷавобгар адолатона баррасӣ гардидани баҳсу мунозира аз инкишофи тафакуккурӣ ҳуқуқӣ ҳамбастагии дошта, имрӯз ҳамчун қоидаи умумиҳатмӣ дар қонунгузории муосири кишвар амал мекунад.

Дар ҳар як марҳилаи таърихӣ ҷорӣ шудани қоидаҳои мурофиавии дар ҳузури тарафҳо, ошкоро, одилона, дастҷамъона баррасӣ шудани баҳсу мунозира, кушиши амалӣ намудани яке аз унсурҳои таъмини адолати иҷтимоӣ бо иштироки аҳли ҷомеа гардидааст.

3. Фаҳмиши адолати судӣ ҳамчун мафҳуми ифодакунанда ва таъминкунандаи муҳити муносиб дар баррасии арзу даъво бо зуҳури тарафҳо пайваста бо ташаккули муносибатҳо ва сохти ҷамъиятӣ рушд намудааст. Омӯзиши сабабҳои пайдоиш ва рушди мурофиаи одилона дар ҳузури тарафҳо ба фаҳмиши васеъ ва ташаккули ақидаҳо дар бораи аҳаммияти қоидаҳои мурофиаи судӣ (имконияти ҳифзи ҳуқуқҳои шахс, тарзи мубоҳисавӣ, иштироки тарафҳои манфиатдор, ошкоро баргузор шудани мурофиа), ба муайян кардани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихӣ, шаклҳои таърихии иштироки аҳли ҷомеа дар танзими муносибатҳо ва низоми давлатдорӣ мусоидат мекунанд.

4. Дар марҳалаи гузоштани таҳкурсии давлати милливу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон фарҳанги ҳуқуқи миллӣ ва анъанаҳои миллӣ пояҳои онро устувор гардонида, сарчашмаи ташаккули ҳуқуқи мурофиаи судии муосирро ғояҳои олии адолати судӣ, ба мисли бо ҳастии тарафҳо, дар асоси баҳсу мунозира ва баробарии онҳо баррасӣ шудани парвандаҳо, дастҷамъона бо иштироки аҳли ҷомеа одилона ҳал шудани ҳама масъалаҳои мурофиавӣ ташкил додааст. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар муқаррар гардидани арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва ҳуқуқбунёд тасдиқи ин ақидаҳост.

5. То ба сатҳи конститутсионӣ расидани шакли расмию ҳуқуқӣ гирифтани тарзи мубоҳиса, иштироки тарафҳо, баррасии дастҷамъонаи арзу даъво ё баҳсу мунозира ҳазорсолаҳо сипари шудааст. Дар давоми асрҳо нигоҳ доштан ва минбаъд эҳё намудани шаклҳои самараноки таъмини адолати судӣ (дар фаҳмиши имрӯза) тасодуфан ба вуқуъ наомадааст. Ин роҳи тулонии таҷрибаву санҷишҳои таърихӣ аст.

6. Ҳадафи ҷорӣ ва амалӣ кардани тамоми қоидаҳои дастҷамъона, дар ҳузури тарафҳо, ошкоро баргузор шудани мурофиа, ки зинаҳои таърихиро гузашта мазмуни он пайваста бо таҷрибаву собиқаҳои нав ба нав ғанӣ гаштааст, адолат аст. Таъмини адолат ҳадаф ва меҳвари мурофиаи судиро дар бар гирифта, роҳҳои инкишофи танзимшавии меъёриро нишон дода, муқаррароти мурофиавиро ба дараҷаи тартиби умумиҳатмӣ, мадании умумииҷтимоӣ муттаҳид намудааст.

7. Ҳастии тарафҳо дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ заминаҳои таърихиву фарҳангии пайдоиш ва рушди худро дошта, фаҳмиши адолатро ҳамчун самараи тағйироти ҳадафнок ва марҳалаи рушди таърихӣ, чун қисми таркибии воқеияти ҳаёти ҷомеа инъикос намуда, бо гузашти айём дар Тоҷикистони муосир ба сифати василаи таъминкунандаи арзишҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ эътироф гаштааст. Вале расидан ба мақсад ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамчунин тақозо менамояд, ки дар баъзе мавридҳо бе иштироки судшаванда муҳокимаи судӣ баргузор гардад. Дар

чунин ҳолатҳо, масъалаи дар доираи меъёри ҳуқуқӣ асоснокии таъин шудани он ва риояи шарт ва тартиби мурофиавӣ, аҳаммияти аввалиндарача пайдо мекунад.

## 1.2. Иштироки судшаванда аз тарафи ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, кафолатҳои мурофиавӣ

Рушди устувори давлат ва ҷомеа аз нигаҳдории осоиштагиву оромӣ, авлавияти қонун, таҳкими тартиботи ҷомеа ва зери ҳимояи муътамади давлат қарор гирифтани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад. Зери ҳимояи муътамади давлат қарор доштани ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда ғайриқонунӣ маҳкум кардан ё маҳдуд кардани хуқуқу озодиҳои ӯ ҷузъи муҳимми кафолатҳои мурофиаи ҷиноятии ватанӣ мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқ пиромуни мазмуни кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун воситаҳои расмии таъмини ҳуқуқҳои шахс ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Аз нигоҳи муҳаққиқон кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ имкониятҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои мушаххаси иштирокчиёни мурофиаро нишон медиҳанд [85, с. 127]. Мудати тулонӣ аст, ки иддае аз муаллифон кафолатҳоро бо ҳуқуқ [145, с. 21-22], принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ [100, с. 203] ва шакли мурофиавӣ [114, с. 3] вобаста медонанд.

Кафолатҳои мурофиавӣ, менависад А.Э. Раҳматулоев, «аз маҷмуи роҳу воситаҳои дар меъёрҳои қонун пешбинишуда иборат мебошанд, ки воқеан амалӣ гаштани (риоя, иҷро ва истифода) ҳуқуқу имкониятҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд» [103, с. 73].

Р.Р. Юлдошев, Н.А. Қудратов, Н.А. Нозиров кафолатҳои мурофиавии ҷиноятиро «восита ва тарзҳои махсус» номидаанд, ки баҳри таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, равона карда мешавад [93, с. 23], [144, с. 15].

Ба тариқи умумӣ кафолати мурофиавӣ ҳамчун «роҳу восита, тарзу воситаҳои» таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ фаҳмида мешавад, лекин бояд қайд намоем, ки мазмуни он нисбатан васеътар буда, шарҳи дақиқтарро талаб мекунад. Агар андешаҳои пешбаришуда бо шакли ифодаи мафҳуми кафолат фарқ кунанд, пас умумияти ақидаҳои баёншуда дар он аст, ки кафолати мурофиавӣ чун услуб ва шакли амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ баён шудаанд.

Ба андешаи мо, кафолати мурофиавӣ, пеш аз ҳама, уҳдадории расмии давлат оиди ба вуҷуд овардани шарту шароити боэътимод, умумиҳатмӣ ва тағйирнопазир барои амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Муаллифон кафолати мурофиавиро вобаста ба мазмуни ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ мекунанд (кафолати ҳифзи судӣ, кафолати дастрасии адолати судӣ, кафолати ҳуқуқ ба ҳимоя ва ғайра) [144, с. 15-16], ки баҳснок аст. Зеро мафҳуми «кафолат» уҳдадории расмӣ ва ҳатмии давлат аст, ки дар қонун пешбинӣ шуда, ба вуҷуд овардани шарту шароити эътимодноки риоя ва иҷро шудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва таҳти ҳимояи давлат қарор доштани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ифода мекунад.

Меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ҳимоя гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба сифати мақсад ва вазифаи баамалбарории адолати судӣ пешбинӣ карда, иҷрои онро кафолат медиҳад. Ҳадафҳои адолати судӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад, пешбинӣ шудаанд. Меъёрҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон низ тақозо менамояд, ки дар мавриди риоя нагардидани ҳуқуқҳои асосии инсон, ки Конститутсия ё қонуни миллӣ кафолат додааст, ҷиҳати барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳуқуқ дорад.

Такомули низоми ҳуқуқи миллӣ мувофиқ ба санадҳои байналмилалӣ, раванд ва натиҷаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон [18] аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар самти танзими боэътимоди муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, саҳеҳ ва дақиқ пешбинӣ шудани меъёрҳо, васеъ кардани имконият ва баробарии тарафҳо, коркард ва асоснок кардани роҳҳои таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқ ба дастрасии адолати судӣ ба ҳар як шахс, ҳуқуқ ба ҳимоя ва ғайра, ки барои қонунӣ, асоснок ва одилона баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунанд, минбаъд низ бояд диққат дода шаванд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (м. 8) ҳифзи судӣ ва дастрасии адолати судиро пешбинӣ мекунад, ки тибқи он «ҳар шахс дар сурати вайрон шудани ҳуқуқу манфиатҳои худ ҳуқуқ ба ҳимояи суди босалоҳият дорад, ки тибқи қонунгузории миллӣ таъсис дода шудааст ва амал мекунад» [24]. Тибқи муқаррароти санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ аз он ҷумла «Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (1995), Конвенсияи Европоӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳуқуқи шахс ба ҳимояи суди босалоҳият, беғараз ва мустақил аз ҳама гуна айби эълоншуда, ба баррасии ошкорои муҳокимаи судӣ (м.6) кафолат дода мешавад» [20, с. 40]. Муҳаққиқ А.М. Диноршоев оид ба ин масъалаҳо низ қайд мекунад, ки «зарурати мутобиқгардонии меъёрҳои адолати судӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, таҳкими кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба миён омадааст, ки мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои инсонро васеъ мегардонад» [58, с. 43].

Аз ҷониби З.Ҳ. Искандаров қайд мегардад, ки «зинаи муосири ташаккул ва мутобиқшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии ватанӣ ба санадҳои байналхалқӣ, инчунин дурнамои нави мурофиаи ҷиноятиро дар самти кафолати боэътимоди ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд нишон медиҳад» [72], [176, с. 444-445]. Бинобар ин, таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба хусус

тарафи ҳимоя яъне айбдоршаванда ва судшаванда, мубоҳиса, баробарии онҳо, ҳамчунин ҳимоя аз айбдоркунии беасос уҳдадории давлат мебошад.

Яке аз роҳҳои таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ кафолати ҳимояи ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ҳуқуқи онҳо ба ҳимоя ва ҳифзи судӣ мебошад, ки тавассути қоидаҳои мурофиавӣ оид ба иштироки бевоситаи онҳо дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ таъмин мегардад.

Барои амалӣ шудани ҳуқуқҳои номбурда қонун ба судшаванда ҳамчун иштирокчии тарафи ҳимоя кафолат додааст, ки манфиатҳои қонунии худро бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун нестанд, ҳифз кунад ва барои омодагӣ ба ҳимоя ба қадри кофӣ вақт ва имконият дошта бошад. Меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда мақомоти ваколатдори давлатии пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро муаззаф намудааст, ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ иштирок мекунад, ҳимоя намуда, баҳри таъмину татбиқи онҳо ва қонеъ гардонидани дархости қонуниашон чораҳои саривақти дида шавад. Паҳлуи дигари масъала ин ба ғайр аз вазифаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баҳри амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ин муҳайё намудани шароит ҷиҳати таъмини иштироки гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда дар муҳокимаи судӣ мебошад, ки бояд таъмин карда шавад.

Аз ин рӯ, мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун шакли фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ бояд бо мақсади таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар, инчунин барои ба амал баровардани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ равона карда шуда, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар симои шахсони мансабдори он вазифадоранд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ иштирок мекунад, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам

оваранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд [4].

Айни замон дар Тоҷикистон ба таври расмӣ кафолат дода мешавад, ки мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Агар ба мазмун ва таркиби шарту шароити кафолатдодашуда эътибор диҳем, маълум мешавад, ки шакли мубоҳисавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ чун асоси роҳбарикунанда (принсип) ва қоидаи умумиҳатмӣ пешбинӣ шуда, барои амалишавии он иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба сифати тарафҳо эътироф кардааст. Тибқи қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шудани чунин муқаррарот оид ба он, ки тарафи ҳимоя уҳдадории исботи айбро ба зимма надорад ва ҳамзамон айбдоршаванда, судшаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд ва «ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи бартараф карда намешаванд, ба манфиати айбдоршаванда ё судшаванда маънидод карда мешавад» [4] ва ғайра, қоидаҳои бо ҳар гуна роҳу воситаҳо (бо ҷой доштани ихтилоф, хатогиҳо, эҳтимолият, шубҳа, тахмин, фишороварӣ) муайян кардани ҳақиқати воқеиро (ки қаблан бештар майли айбдории шахс дар назар дошта мешуд) дар мурофиаи ҷиноятӣ истисно мекунанд.

Таҳлили кафолати амалишавии ҳуқуқро идома дода, чунин ақидаро дастгирӣ менамоем, ки «аз нуқтаи назари принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ баамалбарории таъиноти (функсияи) айбдоркунӣ ва ҳимоя ба зиммаи як тарафи баҳси ҳуқуқӣ вогузор намешавад» [77, с. 15]. Лекин баробарии тарафҳо, ки кафолат дода мешавад, набояд мутлақ фаҳмида шавад. Мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз номи давлат уҳдадории пешбурди парвандаи ҷиноятиро пурра ба зимма гирифта, баръакс иштирокчиёни дигари мурофиаро аз уҳдадории исбот, аз ҷустуҷӯ, ошкор кардан, гирифтан қайду мустаҳкам кардан ва ҷамъоварии далелҳо, иҷрои амалҳои мурофиавӣ ва хароҷоти мурофиавии вобаста ба онҳо озод намуда, шароит ба вуҷуд меоранд, ки онҳо танҳо имконият ва ҳуқуқҳои худро амалӣ намоянд.

Дар айни замон, мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ на танҳо айби шахсро дар содир кардани ҷиноят муқаррар мекунанд, балки «вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот кардани тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунандаи айб, сафедкунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд» [4]. Бинобар ин, андешаҳо оид ба нобаробарии имкониятҳои мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор (аз ҷумла гумонбаршуда ва айбдоршаванда) дар мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар марҳилаҳои тосудӣ яктарафа ва нодуруст аст [205, с. 19-22].

Моҳияти масъала дар он ифода меёбад, ки давлат ба ҳуқуқу манфиатҳои шахсони манфиатдор (гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ) бартарият ва кафолат дода, уҳдадории исботро ба зиммаи онҳо вогузор намекунад, баръакс ба онҳо ҳуқуқ додааст, ки бо тартиби муайянкардаи қонун дар раванди исбот иштирок намоянд, дар пешниҳоди далелҳо ва тақвияти мавқеи худ фаъол бошанд ва ҳуқуқу манфиатҳои худро аз айби эълоншуда ҳимоя намоянд.

Аз ҷониби дигар, кафолати ҳуқуқ ба ҳимоя, ҳифзи судӣ, татбиқи чораҳои амнияти давлатӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба судшаванда хусусиятҳои худро дорад. Судшаванда дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба сифати тарафи ҳимоя иштирок мекунад, ба ӯ имкониятҳои васеи мурофиавӣ кафолат дода шудааст.

Ҳангоми таҳқиқи кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун маҷмуи имкониятҳои шахс онро ба қисмҳои дохилӣ ҷудо намуда, пайдарҳамӣ ва пайвастагии онҳоро ба ҳамдигар муайян кардан зарур аст. Зеро он ба саҳеҳ ифода ёфтани мазмуни кафолати ҳуқуқи шахсро ба ҳимояи судӣ таъмин намуда, ба татбиқи дурусти он дар амал мусоидат хоҳад кард.

Бинобар ин, барои саҳеҳияти ин масъалаҳо зарурати таҳлил ва муқоисаи умумият ва тафовути кафолатҳои «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд», «ҳифзи судӣ», «ҳуқуқ ба ҳимоя», «ҳимояи давлатӣ», ки нисбати

судшаванда ҳамчун тарафи ҳимоя пешбинӣ шудааст, инчунин муаммои амалишавӣ ва таъсири онҳо ба воқеияти кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда дар амалия ба миён меояд, ки пайдарҳам ва дақиқ ифода ва риоя шудани онҳо ба амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ мусоидат хоҳад кард.

То судшаванда эътироф шудан ин шахс дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ба сифати гумонбаршаванда ва айбдоршаванда иштирок мекунад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки барои таҳлил ва муайян кардани мавқеи ҳуқуқӣ ва тамоми паҳлуҳо ва шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои шахс аз лаҳзаи гумонбаршуда эътироф шудан, то эълон шудани айб ва таъйин шудани маҷлиси судӣ ва ниҳоят судшаванда эътироф шудани ин шахс дар ягонагӣ баҳои ҳуқуқӣ дода шавад, чунки:

– ҳуқуқ ба ҳимоя доштани онҳо асоси ягона ва умумӣ дорад, ки дар м. 22 КМҶ ҶТ кафолат дода шудааст ва амалишавии онҳо на танҳо дар марҳилаҳои судӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парванда, инчунин бояд дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ иҷро шавад;

– тарафи ҳимоя яъне гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда метавонанд аз ҳама кафолатҳои муқаррар гардида, истифода баранд (м.м. 46-47 КМҶ ҶТ), зеро мантиқан ҳолати қаблии (тосудӣ) онҳо ба сифати гумонбаршуда ва айбдоршаванда, минбаъд ба риоя ва иҷро шудани ҳуқуқу имконияҳои судшаванда дар марҳилаҳои судии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ алоқамандӣ ва таъсири бевосита дорад;

– аз мавқеъ, дараҷаи таъмин ва амалишавии имкониятҳои иштирокчиёни тарафи ҳимоя дар марҳилаҳои тосудӣ, мавқеъ ва вазъи судшаванда дар муҳокимаи судӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ вобаста аст;

– дар сурати сари вакт ва самаранок истифода набурдани имкониятҳои мурофиавӣ аз ҷониби гумонбаршаванда ё айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ, вазъият ва мавқеи онҳо ба сифати судшаванда дар марҳилаҳои судӣ мумкин аст бадтар гардад ё судшаванда бинобар таъсири чораҳои

маҳдудкунандаи маҷбурие, ки нисбати ӯ қаблан интихоб ва татбиқ шудаанд, аз иштироки фаъолона дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар канор монад.

Ҳарчанд қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти башардӯстонаи меъёрҳои конститутсиониро идома дода, дар партави муқаррароти он, дар баробари ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳуқуқ ба дастрас будани адолати судӣ [4] як қатор кафолатҳои мурофиавиро пешбинӣ карда бошад ҳам, перомуни масоили таъмини воқеии кафолатҳои ҳифзи судии иштирокчиёни мурофиа, хусусан гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳамчун тарафи ҳимоя то ҳол баҳсҳои назариявӣ ҷой доранд:

1. Таҳлили қоидаҳои ҷорӣ нишон медиҳанд, ки қабл аз баргузории муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ натиҷаи тафтиши пешакӣ дар фикри айбдоркунӣ инъикос мешавад.

Пеш аз таҳияи фикри (хулосаи) айбдоркунӣ ҷиҳати шинос шудан бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ба шахсони аз оқибати парванда манфиатдор аз ҷумлаи айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, ҷавобгари гражданӣ, даъвогари гражданӣ, намояндагони онҳо имконият дода мешавад. Паҳлуи дигари масъаларо низ қайд намудан лозим аст, ки ин дар қонун пешбинӣ нашудани ҳадди ниҳоии муҳлате, ки муфаттиш барои шинос шудан бо маводи парванда муқаррар мекунад, мебошад, ки бояд бартараф карда шавад.

Муқаррароти меъёри моддаи 281 Кодекси мурофиави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаи дар сурати ҳозир нашудани ҳимоятгар ва имконнопазирии иваз намудани вайро боиси мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда пешбинӣ мекунад. Қоидаи минбаъдинаи муқаррар намудаи қонунгузорӣ ин «агар иштироки ҳимоятгари интихоб ё таъиншуда дар маҷлиси суд дар давоми на камтар аз панҷ шабонарӯз имконнопазир бошад, суд, судя ҳуқуқ доранд ба судшаванда даъвати ҳимоятгари дигарро пешниҳод кунанд ё барои таъин намудани ҳимоятгар чора андешанд» [4]. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки муҳлати ниҳоии мавқуф гузоштани муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз панҷ шабонарӯз зиёд буда наметавонад. Аз ин

рӯ, мухлати ниҳоие, ки муфаттиш барои шинос шудан бо маводи парванда муқаррар менамояд, набояд аз панҷ шабонарӯз кам бошад.

2. Дар меъёри моддаи 243 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мешавад, ки «дархости айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, ки пас аз шиносоӣ бо маводи парванда шифоҳӣ изҳор шудаанд, дар протоколи шиносоӣ бо маводи парванда инъикос карда мешавад» [4].

Ҳангоми мурочиати шахсони иштироккунандаи парванда оид ба додани дархости хаттӣ, ҷиҳати таҳияи он ба онҳо вақти муайян ҷудо гардида, ин ҳолат дар протокол сабт мешавад, сипас он ба парванда замима мегардад. Лекин дар қонун дақиқ нест, ки барои таҳияи дархости хаттии иштирокчиёни мурофиа чанд вақт муайян мешавад. Ба андешаи мо ин мухлат набояд аз 24 соат зиёд бошад.

3. Дар қонун мавриди тартиб дода шудани фикри (хулосаи) айбдоркунӣ дар шакли умумӣ пешбинӣ шудааст «эътирофи он, ки тамоми амалҳои тафтишӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ анҷом дода шудаанд ва далелҳои ҷамъоварда барои тартиб додани фикри (хулосаи) айбдоркунӣ кофӣ мебошанд» [4]. Ба андешаи мо «кофӣ» будани маълумоти ҷамъовардашуда бо талаботи моддаҳои 21, 85, 90 КМҶ ҶТ мувофиқат карда, бо далелҳо исбот шудани тамоми ҳолатҳое фаҳмида мешавад, ки мавзуи исботро ташкил медиҳанд. Чунин хулоса бо асосҳои ҳуқуқии номбаршуда, дар дар шакли гуногун шарҳу маънидод шудани қоидаҳои м. 239 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бартараф мекунад.

4. Меъёри м. 245 КМҶ ҶТ «дар руйхати шахсоне, ки бояд ба маҷлиси суд даъват карда шаванд, тахаллуси шахсоне, ки бо мақсади таъмини амнияти онҳо ва аъзоёни оилаи онҳо, ному насаби онҳо махфӣ нигоҳ дошта мешавад, сабт мегардад» [4], пешбинӣ менамояд. Ба андешаи мо давлат ҳимояи ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро кафолат додааст. Бинобар ин, дар рӯйхати ба суд даъватшавандагон нишон додани тахаллуси

шахсоне, ки бо мақсади таъмини амнияти онҳо ва аъзоёни оилаи онҳо, ному насаби онҳо махфӣ нигоҳ дошта мешавад, сабт нагардад. Иштироки чунин шахсон бояд танҳо бо розигии худи онҳо имконпазир дониста шавад.

Ҳамин тариқ, дар амалияи мақомоти тафтишӣ ва судӣ омилҳое, ки ба вайрон шудани амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ (риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳо) оварда мерасонанд, ҷой доранд, ки ҳанӯз пурра ошкор ва бартараф нашудаанд.

Аз ҷониби олимони ватанӣ доир ба масоили зикршуда таҳқиқоти илмӣ сурат гирифтааст [69, с. 94], ки зимнан баҳсҳои назариявӣ бояд ҳалли худро пайдо намуда, назарияҳои пешқадам таҳлил ва такмил дода шуда, механизми таъмини кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муайян ва дақиқ карда шаванд, то ки онҳо дар шакли зоҳирию изҳоротӣ боқӣ намонанд.

М.Н. Обидова қайд менамояд, ки «ҳуқуқ ба ҳимоя на танҳо ба гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда дахл дорад, балки нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ паҳн шуда, дар шакли гуногун, васеъ ва ё маҳдуд шарҳ дода мешавад» [204, с. 97-104]. Қоидаҳои муқарраркардаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ кафолат медиҳанд, ки «инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя карда мешавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯ бетаъхир сафед карда мешавад» [4], инчунин ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар таъмин мегардад. Бинобар ин, олимони соҳа «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро на танҳо принсипи мурофиаи ҷиноятӣ, балки таъйиноти асосии мурофиаи ҷиноятӣ меноманд» [261, с. 4].

Р.Р. Раҳматҷонзода қайд мекунад, ки «принсипҳо ҳамчун қоидаҳои асосӣ ва умумӣ нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ амал мекунанд» [93, с. 63]. Муҳаққиқони дигар қаблан ҳам қайд карда буданд, ки «ҳуқуқ ба ҳимоя, ки тавассути иштироки бевоситаи шахсони манфиатдор дар муҳокимаи судии парванда амалӣ мешавад, мазмуну моҳияти ягона ва умумӣ

дошта, ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дахл дорад» [220, с. 73-76]. Тибқи ин ақидаҳо ҳуқуқу манфиатҳои на танҳо гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда, балки ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. Аз ҷониби профессор З.Ҳ. Искандаров ҳимоя ба ду намуд: ҳимояи давлатӣ ва махсус ҷудо мегардад [69, с. 188, 273]. Зеро дар сурати вуҷуд доштани таҳдид ба ҷабрдида, шоҳид ё дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо шахсони мансабдори ваколатдор уҳдадоранд дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати ҳимояи ин шахсон чораҳои дар қонун пешбинишударо андешанд.

Олимон ба мазмуни ҳуқуқ ба ҳимоя ҳамчун «принсипи конститутсионӣ» [185, с. 8-12], «принсипи адолати судӣ» [173, с. 35-46], [86] «низоми судӣ» [159, с. 3-8], [188, с. 33-39], ҳамчун «кафолати мурофиавӣ ва ҳамчун шакли ҳуқуқии таъмини амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» [158, с. 48-53] назар доранд.

Муҳаққиқ В.М. Савитский қайд мекунад, ки «ҳуқуқ ба ҳимоя дар шакли муносибати ҳуқуқӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо дар мурофиаи судӣ амалӣ мешавад. Агар мазмуни муносибати ҳуқуқиро ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ташкил диҳад, пас дар ин маврид ҳуқуқи шахсро давлат дар симои мақомоти судӣ бояд таҳти ҳимоя қарор диҳад» [121, с. 316-318].

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, профессор З.Ҳ. Искандаров андешаи ҷолиброро асоснок мекунад, ки «моҳият ва аҳаммияти ин принсип дар шакли васеъ бояд ифода ёбад ва дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси роҳбарикунанда ба сифати принсипи мустақил ва муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ дар шакли васеъ ва дақиқ пешбинӣ карда шавад» [182, с. 87-97].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳуқуқ ба ҳимоя ин ҳуқуқи мураккаби зеҳнӣ (фардӣ) мебошад, ки серпаҳлӯ ва фарохмазмун аст. Ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳифзи судӣ, ки унсурҳои муҳимми демократия ва давлати ҳуқуқбунёд, ки

ҷузъиёт ва нуқтаи марказии онҳоро ҳуқуқ ташкил додааст, мебошад [174, с. 63-68].

Муҳаққиқон ба хулоса омадаанд, ки ҳуқуқ ба ҳимоя на танҳо кафолати таъмини риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда аст, балки кафолати иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳадафи он адолати судӣ аст, инчунин яке аз комёбиҳои назарраси иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва кафолати таъмини арзишҳои маънавии инсонӣ мебошад [106, с. 54]. Нуқтаи назари дигар мавҷуд буд, ки «ҳалли масъала оид ба муқаррар кардани кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда, бояд моҳиятан, аз нигоҳи талабот ва зарурати иҷтимоӣ ва арзиши ҳуқуқҳои бо қонун кафолатдодашуда вобаста бошад ва набояд ба вазифа ва таъиноти адолати судӣ зид бошад» [189, с. 66-72].

Моҳияти мафҳуми «ҳуқуқ ба ҳимояро» олимон, мутахассисон ба мафҳуми ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя алоқаманд медонанд, маҷмуи ҳуқуқҳои мурофиавии ба айбдоршаванда барои ҳимоя аз айбдорӣ пешбинӣ шуда, ки шахсан ё ба воситаи ҳимоятгар амалӣ мегардонад, дар бар мегирад, қайд мекунанд [178, с. 100-110], [149, с. 73]. Муаллифони дигар ҳуқуқ ба ҳимояро яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва ҷудонопазири ҳамаи шахсоне, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирок мекунанд, новобста аз он, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд ё не, новобаста аз мавқеи ҳуқуқии мурофиавиашон медонанд. Масалан, А.Н. Ведерников, қайд кардааст, ки «ҳуқуқ ба ҳимоя ҳамчун воситаи ҳуқуқиест, ки зидди айби эълоншуда нисбати шахси муайян дар содир кардани ҷиноят ё амали ҷавобӣ ба гумонбарӣ дар содир кардани он, дар кадом шакле набошад, новобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ ва новобаста аз он, ки дар ин ё он санади мурофиавӣ, дар кадом намуд ва мазмун қайд шудааст, муқаррар мешавад» [238, с. 9-10].

Мафҳуми «ҳуқуқ ба ҳимоя» қиёс аз мафҳуми «маҷмуи ҳуқуқҳои мурофиавии ҷиноятӣ» аз он ҷиҳат тафовут дорад, ки охирон ба томигӣ мазмуни ҳуқуқ ба ҳимояро ифода карда наметавонад. Бинобар ин, ҳуқуқҳои мурофиавӣ – ин воситаҳои ҳуқуқии баамалбарории имкониятҳои худ, ки

истифодаи он аз нигоҳи худи иштирокчии манфиатдор вобастагӣ дорад. Бинобар ин, А.Н. Ведерников фарқияти нисбии ҳуқуқ ба ҳимоя дар мазмуни моддӣ ва мурофиавиро баён кардааст [238, с. 10].

Қайд кардан лозим аст, ки ҳуқуқ ба ҳимоя дар меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бояд танҳо дар шакли имконияти воқеӣ иштирокчиёни манфиатдорӣ муносибатҳои мурофиавӣ фаҳмида шавад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба ҳимоя маҷмуи имкониятҳои ҳуқуқии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшавандаро дарбар мегирад, ки иштирокчиёни номбаршуда метавонанд бо ёрии онҳо аз айбдорӣ (гумонбарӣ) дар содир кардани ҷиноят худро бевосита ва ё бо ёрии ҳимоятгар ҳифз намоянд.

Муҳаққиқон ҳимояро шакли фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ низ тавзеҳ дода, мафҳуми онро ҳамчун «маҷмуи амалҳо ё шакли иштироки гумонбаршуда, айбдоршаванда судшаванда ва ҳимоятгари онҳо дар баррасии парванда меноманд, ки ба дигаргунсозӣ ё тағйир додани айбдорӣ, муайян кардани ҳолатҳое, ки айбдориро сабук мекунанд, озод кардан ё сабук намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, ё ҳамчунин барои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо нигаронида шудаанд» [122, с. 6]. Лекин қайд кардан ба маврид аст, ки мурофиаи ҷиноятӣ шакли фаъолияти мақомоти босалоҳият ва шакли иштироки дигар иштирокчиёни он низ ба шумор меравад, ки муносибатҳои тавассути ҳуқуқ танзимёфтаи онҳоро фаро гирифтааст.

То имрӯз ақидаҳо дар бораи он, ки воқеан, мафҳумҳои «ҳимоя» ва «ҳифз» мафҳумҳои муайянкунандаи мавқеъ ва мазмуни якдигаранд, дар назарияи ҳуқуқ [90, с. 18-19] маъмул аст, лекин байни онҳо фарқият ҷой дорад. Ҳарчанд муайян кардани сарҳади байни ин мафҳумҳо мураккаб бошад ҳам, ҳангоми таҳлили мавқеъ ва таъйиноти ҳимоя, инчунин хусусияти ҳифзкунандаи онро набояд сарфи назар кард.

Таҳти мафҳуми «ҳимоя» маҷмуи роҳу воситаҳое фаҳмида мешавад, ки барои роҳ надодан ба поймолкунии ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд равона шудаанд, ки бевосита ё бавосита амалӣ мешаванд. Инчунин таҳти ин мафҳум бо тартиби муқарраршуда тарзи маҷбурии амалишавии ҳуқуқ ва хусусан

татбиқи он аз ҷониби мақомоти босалоҳият фаҳмида мешавад [127, с. 203-208].

Дар зери мафҳуми «ҳифзи судӣ» дар назарияи ҳуқуқ, тахти ҳимояи давлат қарор доштани ҳуқуқу озодиҳо ва маҷмуи чораҳое номбар мешавад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ баҳри ба шаҳрвандон дастрас будани адолати судӣ, пешгирии поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бартарафсозии сабабу шароите, ки боиси маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳо мегарданд, рафъи монеаҳо ва мусоидат барои амалишавии воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои дар қонун пешбинишуда амалӣ мешаванд [137, с. 39-40].

Мафҳуми «ҳифз» дар мурофиаи ҷиноятӣ нисбатан васеъ буда, ҳамаи чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иктисодӣ, ташкилӣ ва ғайраро дарбар мегирад, ки воқеан амалишавии (риоя, иҷро ва татбиқи) муътадили меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин месозад. Мафҳуми «ҳимоя» нисбатан доираи муайяни чораҳои дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шударо дарбар мегирад, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳо ҳангоми маҳдудкунии беасос ё поймолгардии онҳо дар рафти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ амалӣ ва таъмин мегардад.

Ҳамин тавр, ҳифз шакли фаъолиятест, ки вазифаи асосии он дар оянда роҳ надодан ба ҳуқуқвайронкунӣ, пешгирӣ ва рафъи монеаҳо дар амалисозии имкониятҳои ҳуқуқии шахс мебошад. Нуқтаи назари Б.Г. Романовскийро дастгирӣ карда, гуфтан мумкин аст, ки ҳимоя шакли амалишавии «фаъолиятест, ки ҳангоми мавҷудияти ҳуқуқвайронкунии мушаххас, бартарафсозии ин ҳолат, инчунин барои барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда, ба вуҷуд меояд» [116, с. 25-28]. Таъйиноти муҳими он таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад

Ҳимоя чун шакли фаъолияти мурофиавии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгар ва намояндагони қонунии онҳо, ифода мешавад, ки баҳри рад кардани айбдорӣ (гумонбарӣ), дарёфти ҳолатҳое, ки айбдоршаванда ва гумонбаршавандаро сафед мекунад, ҷавобгарии ҷиноятӣ онҳоро истисно ва ё сабук мекунад, инчунин барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии онҳо равона карда мешавад [140, с. 495-499]. Таъйиноти

(функсия) «ҳимоя» маҳз дар ҳамин аст. Ин функсияро на танҳо айбдоршаванда, балки ҳимоятгари ӯ, намояндаи қонунӣ, ҷавобгари граждании ва намояндаи ӯ, судшаванда ҳам амалӣ мекунанд.

Ҳуқуқ ба ҳимоя дар мурофиаи ҷиноятӣ аз маҷмуи ҳуқуқҳо ва имкониятҳои мурофиавие иборат аст, ки барои ҳимоя аз айбдорӣ ва гумонбарӣ кафолат дода шудааст.

Аз ин нуқтаи назар ба андешаи мо, ҳуқуқ ба ҳимоя доштани судшаванда, назар ба айбдоршаванда маҳдуд аст, зеро муқаррароти «бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун ва Кодекси мазкур нестанд, дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқу манфиатҳои худро аз айби эълоншуда ҳифз кунад ва барои омодагӣ ба ҳимоя ба таври кофӣ вақт ва имконият дошта бошад» [4] дар м. 47 КМҶ ҶТ нисбати судшаванда пешбинӣ нашудааст. Дар қисми 6 м. 47 КМҶ ҶТ ба судшаванда на дар шакли дақиқ, балки дар шакли ҷамъ ва умумӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки «аз дигар ҳуқуқҳое, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, истифода кунад» [4].

Баъзе аз меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд бевосита имкониятҳои судшавандаро маҳдуд мекунанд. Масалан, қисми 1 м. 124 КМҶ ҶТ имконияти иштирокчиёни мурофиаро, аз ҷумла судшавандаро танҳо бо шикоят овардан ба суд «дар бораи рад кардани қабули ариза оид ба ҷиноят ё вайрон кардани қонун ҳангоми оғоз, боздоштан ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ» [4] маҳдуд кардааст. Аз ин муқаррароти қонун дарк намудан мумкин аст, ки аз амал, беамалии дигар ё санадҳои дигари ғайриқонунӣ қабул кардаи мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура ва суд, доираи масъалаҳое, ки аз мавзуи шикоят берун мондаанд шикоят кардан ғайриимкон аст, ки ин таъмини принсипҳо ва кафолатҳои мурофиавиро халалдор карда метавонад. Ба андешаи мо, ин қоида ба м. 23 КМҶ ҶТ ва моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф аст.

Тавре ки профессор З.Ҳ. Искандаров дар таҳлили ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ қайд менамояд, «ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, хусусияти бевосита амалӣ шуданро доро мебошад.

Аммо, меъёрҳои м.м. 123, 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишон додани номгӯи мавзуъҳои шикоят, шарту шароити пешниҳоди шикоят, амалишавии ҳуқуқ ба ҳифзи судиро мураккаб ва ғайриимкон гардонидааст. Бинобар ин, номгуи масъалаҳои шикоятшаванда кушоду озодтар бошанд» [69, с. 206-207].

Ба андешаи мо, қоидаи «... қарори рад кардани оғоз, боздоштан ё ин, ки қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ» дар қисми 4 моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисор карда шавад, зеро беасос маҳдуд шудани доираи масъалаҳое, ки мавзуи шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд, бартараф мекунад. Аз ин рӯ, мо ба чунин хулоса омадем, рӯйхати амал ва қарорҳое, ки ба суд шикоят карда мешаванд бояд васеъ бошанд, ба мисли матни зерин: «қарори рад кардани оғоз, боздоштан ё ин ки қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчунин дигар амалҳое, ки метавонанд ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии иштирокчиён зарар расонанд», ба суд шикоят карда мешавад.

Барои амалишавии ҳуқуқ ба ҳимоя ва бартараф кардани оқибатҳои ҳама гуна амалҳои беасос ё ғайриқонунӣ, ки боиси маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда гаштааст, имконияти ба тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ аз амали (беамалии) ё аз қарори суд, судя, прокурор, сардори воҳиди тафтишотӣ, муфаттиш, сардори воҳиди таҳқиқ ва таҳқиқбаранда шикоят намудан, таъмини кафолати ҳимоя буда метавонад.

Бо мақсади холисона ҳал кардани шикояти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, баррасии он ба зиммаи прокурор ва суд вогузор шудааст, лекин ба зиммаи прокурор ва судяе, ки аз амали онҳо шикоят кардаанд ва инчунин ба зиммаи шахси мансабдоре, ки қарори шикоятшударо тасдиқ намудааст, вогузоштани баррасии шикоят манъ аст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар амалия ин қоида на ҳама вақт риоя мешавад [177, с. 105-112].

Таҳлилҳои қаблан суратгирифта оид ба ҳифзи судӣ, ки аз Конститутсия сарчашма мегирад, моро водор менамояд паҳлуи дигари он, ҳамчун кафолати иштироки бевоситаи судшаванда дар муҳокимаи судӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ [20] низ иштироки бевоситаи судшаванда дар муҳокимаи судиро пешбинӣ мекунад. Зеро яке аз ҳуқуқҳои муҳим ва асосӣ барои судшаванда ин иштирок дар муҳокимаи судӣ буда, таввасути ин ҳуқуқ имконияти додани саволҳо ба шоҳидоне, ки муқобили ӯ нишондод медиҳанд таъмин мегардад.

Ба сифати кафолати бевоситаи иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ ин меъёри қ.6 м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, нахуст ҳуқуқи иштироки судшавандаро дар муҳокимаи суди марҳилаи якум ва ҳуқуқ ба сухани охирини судшавандаро пешбинӣ мекунад, ки ҳамчун кафолати иштироки бевоситаи судшаванда дар муҳокимаи судӣ буда, минбаъд заминаи амали шудани дигар ҳуқуқҳои судшаванда дар қисмҳои алоҳидаи муҳокимаи судӣ мебошад. Ҳамзамон ҳуқуқи сухани охирин гуфтан ин ҳуқуқи судшаванда, ки маҳз дар муҳокимаи судии марҳилаи якум амалӣ шуданаш имконпазир буда, бо иштироки бевоситаи ӯ таъмин шуда метавонад.

Бинобар ин, принсипҳои ҳифзи судӣ (м. 8 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ (м. 12 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда (м. 22 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) маҷмуи кафолатҳо оид ба таъмини иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ ҳамчун тарафи ҳимоя буда, дар ҳеҷ маврид иштироки бевоситаи судшавандаро дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ истисно ё рад намекунад, балки ҳамчун кафолати иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ ва истифодаи ҳуқуқҳои конститутсионӣ оид ба дастрас будани адолати судӣ маҷмуи ҳуқуқҳои мурофиавиро пешбинӣ мекунад, ки

судшаванда метавонад бевосита ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои худ онҳоро истифода намояд. Зеро иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ шакли амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ ва мурофиавии шахс ба ҳимояи судӣ ва дастраси ба адолати судӣ аст, ки дар раванди он имконияти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худро аз айби эълоншуда дорад. Мавҷуд будани имконияти таъмини ҳимоятгар ба судшаванда низ иштироки шахсии судшавандаро истисно карда наметавонад, зеро додани баёнот оид ба ҳолатҳои кор дар муҳокимаи судӣ ва пешниҳод намудани дархост ё раддия ин ҳуқуқҳои судшаванда дар муҳокимаи судӣ мебошад, ки қонун кафолати истифодаи онҳоро мустақилона пешбинӣ кардааст.

Зеро чи тавре аз ҷониби профессор З.Ҳ. Искандаров қайд мегардад «ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ бо ҳуқуқи муроҷиат намудан ба суд хотима наёфта, балки «ҳуқуқ ба иштироки бевосита», «ҳуқуқи аз суд талаб намудани ҳимоя», «ҳуқуқ ба дастрасии ёрии ҳуқуқӣ» ифода менамояд [69, с. 98]. Яъне, шахсан бевосита иштирок намудани судшаванда дар талаби таъмини ҳуқуқу озодиҳоро ифода менамояд. Таъмини иштироки судшаванда дар муҳокимаи судии парванда ва ҳалли масъалаҳои баррасишаванда, ҳамчун тарафи ҳимоя имконияти шахсан истифода намудани ҳуқуқи мурофиавӣ, талаб намудани барқарорсозӣ, риоя ва ҳифз намудани онро фароҳам меорад.

Ҳуқуқи иштироки шахсии судшаванда дар муҳокимаи судӣ бо ҳуқуқ ба ҳимоя ҷудонопазир (ҷудонашаванда, қисматнашаванда) буда, судшаванда бо иштироки бевосита ва шахсии худ метавонад дар муқаррар кардани тартиби таҳқиқи далелҳо, баён намудани ақида оид ба ҳолатҳои тафтишшаванда, ҷалб намудани диққати суд ба ҳолатҳое, ки гунаҳгории ӯро зери шубҳа мегузоранд, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки ба қабул шудани санадҳои судии ниҳоӣ таъсир мерасонанд, ширкат варзад.

Ба андешаи А.А. Хайдаров «ҳангоми баррасии судии баъзе аз намудҳои ҷиноят иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ бояд аз ҷабрдида пурсида шавад, дар сурати розӣ набудани ҷабрдида ҷиҳати бе иштироки судшаванда гузаронидани муҳокимаи судӣ, гузаронидани муҳокимаи судӣ бе иштироки

судшаванда рад карда шавад. Дар ҳолати розӣ будани ҷабрдида муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда гузаронида шавад» [224, 104-106], ки ин ақида низ баҳснок аст. Зеро суд дар амали кардани адолати судӣ мустақил буда, ба ирода ва ё хоҳиши касе вобаста буда наметавонад, лекин ҳангоми ҳалли баъзе аз масъалаҳои мурофиавӣ тарафҳоро мепурсад ва хоҳишу дархости онҳоро бо мувофиқаи тарафҳо ба назар мегирад ба монанди муайян кардани тартиби таҳқиқи далелҳо. Тарафи дигари масъала ин аст, ки меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кафолати иштироки судшаванда дар муҳокимаи судиро пешбинӣ мекунанд, ки он бояд бечунучаро новобаста аз хоҳиш ва иродаи шахсе амалӣ гардад, зеро маҷмуи қоидаҳои пешбинишуда кафолати иштироки судшаванда дар муқокима судӣ ҳамчун тарафи ҳимоя мебошад.

Аҳаммияти қоидаҳои мурофиавии баррасии шикояти гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда (чун ҷузъи таркибии мазмуни ҳимоя) дар он ифода меёбад, ки натиҷаи баррасии онҳо хатогиҳои ҷойдоштаро ошкор ва бартараф намуда, пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро ҳамчун низоми муайяни танзимёфтаи амалҳо, бо тартиби қатъиян муайян, умумиҳатмӣ, мураттаб, ягона ва пайдарҳам тақвият мебахшанд, ки аз вазифа ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ бармеоянд, ки дар интиҳо (чун ҷузъи мазмуни мафҳуми ҳифз) бояд ба амалбарории адолати судиро оид ба парвандаи ҷиноятӣ таъмин намоянд.

Шикояти гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда то баргузории маҷлиси судӣ чун ҷузъи ҳуқуқи ҳимоя баромад карда, барои қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал гаштани ҳама масъалаҳои мурофиавӣ мусоидат менамояд, иштироки воқеии тарафи ҳимояро бо истифода аз имкониятҳои мурофиавӣ дар ба амалбарории адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба ҳимояро дар шакли маҳдуд шарҳ дода, қайд менамоем, ки он аз ҳуқуқҳои тарафи ҳимоя бармеояд, ки мувофиқи он, ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шуданаш ҳуқуқ аз истифодаи ёрии ҳимоятгар дорад.

Ҳуқуқи ҳимоя, аз рӯйи ин принсип ифодакунанди маҷмуи имкониятҳои ҳуқуқию мурофиавӣ, роҳу воситаҳои пешбиникардаи қонун, ки «дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда бо мақсади ҳимояи худ (ҳуқуқу манфиатҳо) аз айбдоркунӣ (ё гумони содир кардани ҷиноят) дар содир кардани ҷиноят, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шахсан, инчунин тавассути ҳимоятгар ё намояндаи қонуниашон ба амал мебароранд» [70, с. 15].

Аз ин бармеояд, ки таъмини ҳақиқии риоя ва иҷрои принсипи конститутсионии ҳуқуқ ба ҳимоя ва таъмини дахлнопазирии шахс дар пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки низоми кафолати ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони дар мурофиа иштироккунанда, аз ҷумла гумонбаршуда, айбдошаванда ва судшаванда аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ марбут ба ин масъалаҳо, қатъиян риоя карда шавад.

Дар қиёс тартиби ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки иштирокчиёни мурофиаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [10] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла аз ҷониби давлат (мақомоти давлатӣ) «таҳти ҳимоя қарор гирифтани ҳуқуқу манфиати гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда татбиқ намудани:

А) чораҳои амниятиро, ки ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу мулки онҳо (муҳофизони шахсӣ, муҳофизати манзил ва молу мулки онҳо дахл доранд, додани воситаҳои махсуси мудофиаи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар, таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда, кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ, иваз намудани ҳуҷҷатҳо, тағйир додани симои зоҳирӣ, дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсил, ҷойгиркунонии муваққатӣ дар маҳалли бехатар, татбиқ намудани чораҳои амниятии иловагӣ нисбат ба шахси ҳимояшаванда, ки дар ҳабс

нигоҳ дошта мешавад ё дар маҳалли адои ҷазо қарор дорад, аз ҷумла гузаронидани ӯ аз як маҳалли дар ҳабс нигоҳдорӣ ё адои ҷазо ба дигар маҳал) равона гардидаанд.

Б) инчунин чораҳои дастгирии иҷтимоии шахсони номбурдаро (аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ аз рӯи тартиб ва андозаи муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрдампулии яквақта ва нафақа таъин карда мешавад)» [10] бо сабаби иштироки онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дарбар гирифтааст, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бояд таъмин шавад, ки дар ин бора З.Ҳ. Искандаров таҳлили ҳуқуқиро анҷом додааст [175, с. 154-157].

Қайд мегардад, ки «манфиат ва имкониятҳои қонунии ҳар шахс метавонад мавзуи ҳимояи судӣ (давлат) бошад, агар чунин имкониятҳо дар қонун пешбинӣ шуда бошанд. Зеро шахси манфиатдор ба суд барои ҳимояи доираи муайяни ҳуқуқу озодӣ, ки дар меъёрҳои қонун пешбинӣ шудааст, муроҷиат карда метавонад» [243, с. 9]. Бинобар ин, ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ бо тартиби муайян ва масъалаҳое, ки метавонанд мавзуи баррасии судиро ташкил диҳанд, бо ҳадду ҳудуди муайян ба таври дақиқ дар қонунгузорӣ муқаррар мегардад. Бинобар ин, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ мутлақ ва бе маҳдуд набуда, он бо тартиб ва низоми муайян амалӣ мешавад.

Ҳамзамон, меъёри моддаи 171 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти иштирокчиёни амали тафтишӣ қоидаи наверо муқаррар менамояд, ки мувофиқи он «ҳангоми мавҷуд будани асос барои эҳтимоли он, ки таъмини амнияти ҷабрдида, намояндаи ӯ, шоҳид ва аъзои оилаи онҳо зарур аст, муфаттиш ҳуқуқ дорад дар протоколи амали тафтишӣ, ки дар он ҷабрдида, намояндаи ӯ ва шоҳид иштирок доранд, маълумотро дар бораи шахсияти онҳо зикр накунад. Дар ин сурат муфаттиш вазифадор аст қароре барорад, ки дар он сабаби дар хусуси махфӣ нигоҳ доштани маълумот оид ба шахсияти иштирокчии амали тафтишӣ қабул кардани қарорро зикр намуда, намунаи имзоро, ки вай дар протоколи амали тафтишӣ бо иштироки ӯ аз он истифода мебарад, сабт кунад. Қарор дар лифофаи мухршуда нигоҳ дошта мешавад, ки бо мазмуни он ба ғайр аз

муфаттиш, прокурори назораткунанда суд, судя шинос шуда метавонанд» [4]. Ин қоида дар м. 172 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шуда, чунин чораи таъмини амният на танҳо нисбати ҷардида ва шоҳид, балки нисбати гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда ва аъзои оилаи онҳо низ амал намояд, зеро муқаррароти ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кафолат дода шудани чораҳои амнияти давлатӣ (м. 12 КМҶ ҶТ) ҳуқуқи тарафҳо, баробарии онҳо ва имконияти тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро ифода мекунад.

Паҳлӯи дигари масъала, ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқу озодиҳои гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба онҳо расонида шудааст, мебошад, ки бояд аз ҳисоби давлат рӯёнида шавад. Лекин тибқи муқаррароти м. 461 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ расонида шудааст, аз ҳисоби давлат рӯёнида мешавад [4]. Ба андешаи мо, ин қоида имконияти гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшавандаро ба таври ҷиддӣ маҳдуд кардааст, зеро агар дар қиёс ба м. 119 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор диҳем, пешбинӣ шудааст, ки иштирокчиёни мурофиа ҳуқуқ доранд аз тамоми «амал (беамалӣ) ва санадҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишот, прокурор, суд, судя ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ шикоят намоянд» [9]. Яъне дар м. 461 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи шикояти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ки боиси зарар гардидааст, танҳо бо ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ маҳдуд шуда, амалҳои дигари мурофиавӣ

(беамалӣ) ва санадҳои дигари мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ беасос ихтисор шудааст.

Муаллифон Ю.А. Раҳмон, Р.Р. Раҳматҷонзода амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро таҳлил намуда, махсус таъкид мекунанд, ки «ҳар як ҳолати вайронкунии қонун, амал, беамалии ғайриқонунӣ ё қабул шудани санади ғайриқонунӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ боиси маҳрум ё маҳдуд карда шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дар парванда иштироккунанда, хусусан гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда, кафолатҳои мурофиавӣ, риоя нашудани расмиёти пешбурди судӣ ё боиси халалрасонӣ ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда, ба баровардани ҳукми одилонаи судӣ таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд» [108, с. 213-214], [93, с. 226]. Чунин ихтилоф дар қ. 1 м. 461 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бартараф карда шавад.

Бинобар ҳолатҳои номбурда дар қ. 3 м. 9 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд пешбинӣ гардад, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ рӯёнидани товони зарар кафолат дода мешавад, ки амалишавии принсипи қонуният ва ҳуқуқ ба ҳимояро тақвият мебахшад.

Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон ба ҳар кас, аз ҷумла ба гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳифзи судӣ кафолат дода мешавад. Гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст баррасӣ намояд. Яъне таҳти ҳимояи давлат қарор доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба ҳар шахс дастрас будани адолати судӣ мазмуни ин принсипро ташкил медиҳад [180, с. 104-115]. Ҳар шахс, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ аз ин кафолати конститутсионӣ метавонанд истифода намоянд, агар ба ҳуқуқу манфиатҳои онҳо аз ҷиноят зарар расида бошад ё ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқу манфиати онҳо беасос ва ғайриқонунӣ дучори маҳдудиятҳо шуда бошад.

Бинобар ин, яке аз кафолатҳои муҳимми қонунӣ, асоснок ва одилона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ин ҳифзи судӣ мебошад. Оид ба ин, дар

назарияи мурофиаи ҷиноятӣ қайд мешавад, ки дар даврахои тосудии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ татбиқи баъзе аз чораҳои пешгирӣ нисбати айбдоршаванда ва иҷрои амалҳои ҷудогонаи мурофиавӣ бо иҷозати суд амалӣ мешавад, ки ифодакунандаи як шакли ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс аз амалҳои ғайриқонунӣ ва таъмини истифода аз имкониятҳои мурофиавӣ мебошад [248].

Қайд мегардад, ки «амалишавии ҳуқуқи шахс ба ҳифзи судӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ аз низоми қоидаҳо ва муносибатҳои ҳуқуқӣ иборат аст, ки дар натиҷа ҳалли одилонаи баҳси ҳуқуқӣ, барқарор карда шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахс таъмин мегардад» [179, с. 19-23].

Муаллифон А.Э. Раҳматулоев, М.Д. Қаландарова масъалаи амалишавии принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро таҳлил намуда, қайд мекунанд, ки «принсип ё асоси роҳбарикунандаи адолати судӣ эътироф шудани ин қоидаҳо моҳияти мурофиаи ҷиноятиро инъикос намуда, дар ҳама марҳилаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳангоми ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавӣ ва иҷрои тамоми амалҳои мурофиавӣ аз ҷониби тамоми мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд, онҳо баҳампайвастагии мазмуни тамоми меъёрҳои мурофиавӣ ва дар амал татбиқ шудани онҳоро таъмин мекунанд» [106, с. 94].

Ш.М. Исоев як нуктаро қайд мекунад, ки «ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва ҳуқуқ ба ҳимоя (ҳимоятгар) бо якдигар алоқаманд бошанд ҳам, онҳо аз ҳамдигар фарқияти ҷиддӣ доранд» [76, с. 9]. Дар воқеъ ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ нисбати ҳуқуқ ба ҳимоя фарохтар аст, аз ин ҳуқуқ ҳама метавонад бархурдор бошад, зеро вай ҳамчун кафолат ба ҳама пешбинӣ мегардад, ҳуқуқ ба ҳимоя бошад, нисбати иштирокчиёни муайяни мурофиаи ҷиноятӣ ба мисоли гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ки нисбати онҳо таъқиби ҷиноятӣ ҷараён дорад, мебошад. В.М. Лебедев қайд менамояд, ки «ҳуқуқи шахс ба иҷрои саривақтӣ ва пурраи санади судиро, ки эътибори қонунӣ дорад, ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ» [193, с. 2-4].

Қобили қайд аст, ки таъмини амалишавии имконияти шахсе, ки парванда нисбати ӯ ба суд ирсол шудааст, яке аз роҳҳои таъмини воқеии меъёрҳои конститутсионӣ оид ба арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳо ва ифодаи аз ҷониби давлат ба вуҷуд овардани шароит ба дастрасии ҳифзи судӣ аст.

Ҷиҳати ба тартиб даровардани амалишавии имкониятҳои шахсе, ки парванда нисбати ӯ дар баррасии суд қарор дорад ногузир аст, ки дар сатҳи меъёрӣ шаклҳои иштироки ӯ дар муҳокимаи масъалаҳое, ки бе восита бо ҳуқуқу манфиатҳои ӯ алоқаманд мебошанд, такмил дода шавад. Чунин мавқеъро гирифтани судшаванда мутобиқ аст ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ.

1. Бо мақсади саҳеҳ ифода шудани мафҳуми кафолати мурофиавӣ назари муаллифонаи ҳудро пешниҳод мекунем: Кафолати мурофиавӣ пеш аз ҳама уҳдадории расмии давлат оиди ба вуҷуд овардани шарту шароити боэътимод, умумиҳатмӣ ва тағйирнопазир барои амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва воситаи муҳими таъмини адолат аст.

Кафолати ҳуқуқ ҷузъи уҳдадории расмӣ ва ҳатмии давлат аст, ки дар қонун пешбинӣ шуда, ба вуҷуд овардани шарту шароити эътимодноки риоя ва иҷро шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва таҳти ҳимояи давлат қарор доштани ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро дар мурофиаи ҷиноятӣ ифода мекунад.

2. Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ зарурати дақиқ ва фарогир шарҳ дода шудани мазмуни кафолати «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд», «ҳифзи судӣ», «ҳуқуқ ба ҳимоя», «ҳимояи давлатӣ» ва муқаррароти «тарафи ҳимоя», ки ба амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунад, аз ҷумла ба судшаванда ҳамчун тарафи ҳимоя кафолат дода шудаанд, боқӣ мемонад.

Дар натиҷаи таҳлилҳо пешниҳод мекунем, ки ба қоидаҳои номбаршуда бо назардошти ҷузъҳои таркибии онҳо диққат дода шаванд, то ки шарҳи

гуногунмаъно ва омехтаи ин қоидаҳо истисно ва ихтилофи мазмунии онҳо бартараф карда шаванд. Шарҳи мазмуни қоидаҳои номбаршударо дар шакли зерин бо назари муаллифӣ пешбарӣ мекунем ки:

– кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – ҷузъи таркибии амалишавии таъиноти (функсияи) давлат, уҳдадории тамоми мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва мақомоти ҳокимияти судӣ оиди ба вуҷуд овардани шарту шароити боэътимод, умумиҳатмӣ ва тағйирнопазир барои амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва андешидани чораҳо баҳри ҳимояи онҳо мебошад;

– ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ифодакунандаи мазмуни қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки на танҳо ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне ба амалбарории адолати судиро оид ба парвандаи ҷиноятӣ муяссар мегардонад, балки моҳият ва мазмуни ин ҳадафро ифода мекунад;

– ҳифзи судӣ яке аз асосҳои роҳбарикунандаи мурофиаи ҷиноятӣ эътироф мешавад, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ ва таҳти ҳимояи давлат қарор доштани ҳуқуқу озодиҳоро аз таъқиб, айбдоркунӣ ва маҳдудкунии беасос ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд ва ба ҳар як шахс дастрас будани адолати судиро аз тарафи мақомоти ҳокимияти суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, аз номи давлат кафолат медиҳад;

– ҳуқуқ ба ҳимоя яке аз принсипҳои муҳими мурофиаи ҷиноятӣ дониста шуда, амалишавии меъёри конститутсионӣ, имкониятҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро оид ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд;

– кафолати ҳуқуқ ба ҳимоя аз ҷониби давлат барпо шудани шарту шароити эътимодноки амалишавии воқеии имкониятҳои муайяншудаи мурофиавиро ба гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ифода мекунад, ки тавассути онҳо иштирокчиёни номбаршуда ҳуқуқу манфиатҳои

қонунии худро бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун нестанд, дар ҳама марҳилаҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳифз мекунанд ва барои омодагӣ ба ҳимоя ба таври кофӣ вақт ва имконият пайдо мекунанд;

– тарафи ҳимоя – гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари граждани, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ эътироф мешаванд, ки дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла дар рафти муҳокимаи судӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарҳуқуқӣ таъиноти (функсияи) мурофиаи судии ҳимояро аз беасос маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодӣ, аз айби эълоншуда ва эҳтимоли таъини ҷазои ҷиноятӣ амалӣ менамоянд;

– кафолати ҳимояи давлатӣ – уҳдадории давлат оид ба барпо кардани шароити боэътимод дар намуди муайян ва ҷорӣ кардани қоидаҳои татбиқ шудани чораҳои амниятӣ, ҳамзамон татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоии шахсони номбурдаро ифода мекунад, ки аз ҷониби мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми мавҷуд будани таҳдиди воқеӣ ё дигар амалҳои ғайриқонунии хавфнок, бинобар иштироки онҳо дар пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки ҳангоми таҳлилҳои назариявию ҳуқуқии мазмуни фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо аз рӯи таъинот ё функсияҳое, ки аз ҷониби тарафҳо амалӣ мешаванд (ҳимоя, айбдоркунӣ ва адолати судӣ), балки бо назардошти амалишавии ҳуқуқи инсон, ки риоя, иҷро ва ҳимояи он ҳамчун уҳдадории давлат кафолат дода шудааст, дар шакли васеъ муайян карда шаванд.

3. Суд дар амалӣ кардани адолати судӣ мустақил буда, ба ирода ва ё хоҳиши касе вобаста буда наметавонад. Ҳангоми ҳалли баъзе аз масъалаҳои мурофиавӣ тарафҳоро мепурсад ба монанди муайян кардани тартиби таҳқиқи далелҳо, ки он бо мувофиқаи онҳо муайян карда мешавад, ки як шакли таъмини кафолатҳои мурофиавии баробарии тарафҳо ва амалишавии имкониятҳои иштирокчиёни муҳокимаи судӣ аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кафолати иштироки судшаванда дар муҳокимаи судиро пешбинӣ кардааст, ки он бояд бечунучаро амалӣ карда шавад, зеро маҷмуи қоидаҳои пешбинишуда, кафолати таъмини иштироки судшаванда дар муқокимаи судӣ ҳамчун тарафи ҳимоя мебошад.

4. Тибқи м. 172 КМҶ ҶТ баҳри таъмини кафолати амнияти иштирокчиёни амали тафтишӣ қоидае амал мекунад, ки мувофиқи он ҳангоми мавҷуд будани асос барои эҳтимоли он, ки ба амнияти ҷабрдида, намояндаи ӯ, шоҳид ва аъзои оилаи онҳо барои иштироки онҳо дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ хатар таҳдид мекунад, муфаттиш ҳуқуқ дорад дар протоколи амали тафтишӣ, ки дар он ҷабрдида, намояндаи ӯ ва шоҳид иштирок доранд, маълумотро дар бораи шахсияти онҳо зикр накунад.

Ба андешаи мо, ин қоида ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни дигари амали тафтиширо ба назар нагирифтааст, онҳоро аз кафолати татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ (ки дар м. 12 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст) дар канор мондааст, чунки чораҳои таъмини амнияти давлатӣ дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [10] на танҳо нисбати ҷабрдида ва шоҳид, балки нисбати гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда ва аъзои оилаи онҳо низ кафолат дода шудааст.

Бинобар ин, барои мутобиқ гардонидани мазмуни меъёрҳои амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки дар матни қисми 8 м. 172 КМҶ ҶТ иштирокчиёни амали тафтишотӣ танҳо бо «... ҷабрдида, намояндаи ӯ, шоҳид ва аъзои оилаи онҳо» дар доираи маҳдуд, ки ба м.12 КМҶ ҶТ мутобиқ нест, нишон дода шудааст. Ин муқаррарот бояд дар дар матни қисми 8 м. 172 КМҶ ҶТ бо таҳрири «... иштирокчиёни амали тафтишӣ» иваз карда шавад, чунки ин муқаррарот ба тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кафолат дода шудани чораҳои амнияти давлатӣ (м. 12 КМҶ ҶТ), ҳуқуқи тарафҳо, баробарии онҳо ва таҳти ҳимояи давлат қарор доштани тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро бояд ифода намояд.

5. Дар м. 314 КМҶ ҶТ бахри таъмини амнияти шоҳид ва аъзои оилаи ӯ пешбинӣ шудааст, ки бо қарори судя пурсиши шоҳиде, ки дар рӯйхат танҳо тахаллуси ӯ дарҷ гардидааст, бе эълон намудани маълумоти аслии шахсияти ӯ, бе рӯбарӯкунии вай бо дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ сурат мегирад. Лекин ин қоида (моддаи 313 КМҶ ҶТ) нисбати ҷабрдида, намояндаи ӯ, ки таъмини амнияти ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки онҳо кафолат шудааст, амал намекунад, ки ихтилофи байни м. 12, қисми 8 м. 172 КМҶ ҶТ ва қисми 1 м. 313 КМҶ –ро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, дар таҳрири зерин ифода ва пешбинӣ шудани меъёри қисми 1 моддаи 313 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад:

«Ҷабрдида мутобиқи қоидаҳои пурсиши шоҳидон, ки дар қисмҳои 2-6 моддаи 314 Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, пурсиш карда мешавад».

6. Қонунгузор муҳлати маҳдуд карда шудани озодии судшавандаро, ки барои вайрон кардани қоидаҳои чораи пешгирии нисбат ба ӯ қаблан татбиқшуда, дастгир карда шудааст (м. 91 КМҶ ҶТ) пешбинӣ накардааст, бинобар ин бахри таъмин шудани кафолати ҳифзи судӣ ва ҳуқуқи ҳимоя нисбати судшаванда пешниҳод мешавад, ки қоидаҳои дастгир карда шудани судшаванда дар меъёри алоҳида пешбинӣ карда шавад:

«Моддаи 96(1). Дастгир кардани судшаванда то ба ҳабс гирифтани ӯ дар асоси қарори судя пешбинӣ карда шавад:

1. Агар судшаванда қоидаҳои чораи пешгирии дар ҳаққи ӯ татбиқшударо, ки бо нигоҳ доштан дар ҳабс вобаста нест ё ӯҳдадории хаттиашро дар бобати ҳозир шудан бо даъвати суд ё хабар додан дар бораи ивази ҷойи истиқомат риоя накунад, суд, судя ҳуқуқ дорад масъалаи дастгир карда щудани судшаванда ё ин ки татбиқи чораи пешгириро дар намуди ба ҳабс гирифтан, ҳал намояд.

2. Муҳлати дар тавқифгоҳ нигоҳ доштани судшаванда бо тартиби пешбиникардаи қисми 1 ҳамин модда аз лаҳзаи дастгир кардани воқеӣ аз 72 соат зиёд шуда наметавонад».

7. Тибқи м. 462 КМҶ ҶТ ҳаҷми товони зарари молу мулкӣ, ки ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда расидааст бояд андозаи пурраи маош, нафақа, кумакпулӣ ва маблағҳои дигаре, ки шахс аз онҳо дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ, мусодираи ғайриқонунии молу мулк ё дар асоси ҳукмҳо ё қарорҳои суд ба фоидаи давлат дохил кардани молу мулк маҳрум гаштааст, ҷаримаҳо ва хароҷоти мурофиавие, ки барои иҷрои ҳукми ғайриқонунии суд ситонида шудаанд, маблағе, ки барои расонидани кумаки ҳуқуқи пардохт шудааст ва хароҷоти дигарро дарбар мегирад. Ба андешаи мо, андозаи «хароҷотҳои дигар», ки дар қонун дақиқ нашудааст, бояд вобаста ба ҳаҷми хароҷоти муолиҷа, доруворӣ, барқарор кардани зарари маънавӣ, даромади аз даст рафта, барқарор намудани ҳуқуқҳои меҳнатӣ, нафақавӣ, манзилиро дарбар гирифта бошад.

8. Иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ шарти умумии муҳокимаи судӣ буда, тибқи он шахс ҳуқуқ ва манфиатҳои худро дар муҳокимаи мусоҳибавию ошкоро аз айбдорӣ дар содир намудани ҷиноят ҳимоя менамояд.

## 1.3. Таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибонаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ [21, с. 18] пешбинӣ шудани ошкоро будани мурофиаҳои судӣ, кафолати таъмини ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ ва ошкоро ҳал гардидани масъалаҳои мурофиавӣ ба истисноии ҳолатҳои муқарраркардаи қонун мебошад.

Муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ошкоро ва бевосита бо иштироки тарафҳо, иштирокчиёни дигаре, ки ба маҷлиси суд даъват шудаанд шоҳидон, шахсони холис, тарҷумон, мутахассис, эксперт, намояндагони қонунӣ, намояндагони аҳли ҷомеа, ВАО, хешовандони наздики ҷабрдида ё судшаванда ва дигарон гузаронида мешавад, ки ба андешаи М.Н. Обидова, яке аз шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар ба

амалбарории адолати судӣ мебошад [251]. Олимони соҳа ҷонибдори ақидаҳое мебошанд, ки тибқи он «масъалаи дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам намудани принсипи иштироки шаҳрвандон дар баамалбарории адолати судӣ ва дастрасии адолати судӣ мубрам боқӣ мондааст, ки ҳалли он як навъ ифодакунандаи возеҳи ташаккули давлати демократӣ дар Тоҷикистон, ташкили механизми самараноки ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мегардад» [156, с. 224-231], [203, с. 35-41], [212, с. 52-57].

Профессор З.Ҳ. Искандаров ба маврид қайд менамояд, ки адолат на танҳо мафҳуми ҳуқуқӣ, балки маънавӣ, воситаи таъминкунандаи эътимоди мардум ба низоми амалкунандаи адолати судӣ аст, ки ошкоро амалӣ мешавад [69, с. 113-114].

Олимони рус П.Ф. Пашкевич, С.В. Сердюков ҳангоми таҳлил ва гурӯҳбандии шаклҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба асосҳо ва тартиби ба амалбарории адолати судӣ, дар атрофи қоидаҳои муқарраршудаи мурофиавӣ ва таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибона баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро бе иштироки судшаванда чун пешбурди «содакардашуда», «маҳдудшуда», «суръатнок», «мухтассаршуда» ҳам баён мекунанд [98, с. 47], [125, с. 6-9]. О.В. Волинская, Т.В. Трубникова қайд кардаанд, ки «новобаста аз гуногуншаклии ифодаи ин мафҳумҳо, онҳо дар умумият хусусиятҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятии оид ба ҷиноятҳои на чандон хавфнокро, ки бо мӯҳлат ва иҷрои баъзе аз амалҳои мурофиавӣ маҳдуд мешаванд, нишон медиҳанд» [239, с. 50, 64], [222, с. 266-270].

Новобаста аз андешаҳои назариявии мавҷуда, ки бештар ба шакли зоҳирии қоидаҳои мурофиавӣ бахшида мешаванд, бояд ба мазмун ва моҳияти шарту қоидаҳое, ки қонун пешбинӣ мекунад, эътибор дод. Ин қоидаҳо хусусияти умумиҳатмӣ дошта, андешаҳои баёншударо муттаҳид мекунад. Дар муҳокимаи бевосита, шифоҳӣ ва ошкорои судӣ муҳим он аст, ки суд ҳангоми моҳиятан баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо иштироки тарафҳо тамоми

далелҳои ҷамъовардашуда ва ба суд пешниҳодшударо мавриди санҷиш ва баҳодиҳии бевосита ва ошкоро қарор диҳад. Суд, судя дар толори судӣ дар ҳузури тарафҳо (айбдоркунанда, ҳимоя), дар миёни мардум бояд ошкоро нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро шунавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро ошкоро эълон кунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо анҷом диҳад, то ки нисбати воқеан иҷро шудани амалҳои мурофиаи судӣ, таъмини имкониятҳои тарафҳо ва асоснокии санадҳои қабулкардаи суд ягон шубҳа пайдо нашавад. Оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ аз тарафи суд ҳал мегардад, суд таъинот (судя қарор) мебарорад, ки он дар маҷлиси судӣ ба иштирокчиён ошкоро эълон карда мешавад.

Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми «ошкоро будани мурофиаи судӣ на танҳо гузаронидани мурофиаи кушоди судӣ, балки таъмини иштироки тарафҳоро дар он, имконияти ширкат намудани дигар шахсонеро, ки дар парванда манфиат надоранд, пешбинӣ менамояд» [40].

Ошкоро будани мурофиаи судӣ ин «имконияти озодона шинос шудани иштирокчиёни мурофиаро бо ҳамаи маводи парванда, аз он ҷумла бо маводе, ки ҳангоми чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ дастрас шудаанд, бо супоришҳои (дастурҳои) прокурор, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ дода шудаанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд), дар назар дорад. Ба ғайр аз ин, ба принсипи мазкур ба таври оммавӣ эълон кардани қарори суд, хабар додан ва шинос кардани тарафҳо бо шикоятҳои воридгардидаи дигар иштирокчиёни мурофиа, воқиф будан оид ба вақту ҷойи баррасии парванда дар марҳилаҳои гуногуни судӣ, таъсис додани манбаи ягонаи ҳукмҳо ва қарорҳои судии ба қувваи қонунӣ гирифта ва дастрасии озодонаи онҳо, озод будани маълумот оид ба иҷрои санадҳои судӣ низ дохил мешавад» [269].

Ошкоро гузаронида шудани маҷлиси судӣ низ ҳадду ҳудуди худро дорад, ки меъёри онро қонун бо шартҳои умумии маҷлиси судӣ муайян кардааст. Масалан, танҳо ноболиғони то шонздаҳсола, ба шарте ки судшаванда, ҷабрдида ё аз рӯйи парванда шоҳид набошанд, ба толори маҷлиси суд роҳ

дода намешаванд. Танҳо дар мавридҳои пешбинӣ кардаи қонун маҷлиси судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба тариқи пӯшида анҷом дода мешавад.

Бо мақсади таъмин намудани адолату ҳақиқат нисбат ба масъалаҳои мурофиавӣ, «таъинот (қарор) дар бораи ба тафтиши иловагӣ фиристодани парванда, қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, тағйир додан, татбиқ ё бекор кардани чораи пешгирӣ, оид ба қонеъ ё рад кардани раддияҳо, таъини экспертиза, ҳамчунин таъиноти хусусӣ ва ҳукм дар хонаи машваратӣ баровarda, дар шакли ҳуҷҷатҳои алоҳида тартиб дода мешаванд ва дар толори маҷлиси суд ба иштирокчиён эълон карда мешавад. Ҳукми суд ба таври ошкоро эълон карда мешавад. Дар ҳолатҳои баррасии парванда дар маҷлисҳои пӯшида тибқи таъиноти (қарори) асосноки суд, судя, танҳо қисми муқаддима ва хулосаи ҳукм эълон карда мешавад» [269].

Ба андешаи мо, ошкоро баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятиро на танҳо дар ҷараёни муҳокимаи судӣ, балки дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ низ дидан мумкин аст. Масалан, оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ, амалҳои мурофиавӣ дар марҳилаи тайёрӣ ба муҳокимаи судӣ ба тариқи махфӣ, пинҳонӣ анҷом дода намешаванд. Ягон меъёр пешбинӣ намекунад, ки ҷараён ва натиҷаи амалҳои тафтишӣ хусусияти ғайриошкоро дошта бошанд.

Дар сатҳи расмӣ низ Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ки ҳадду ҳудуд ва меъёри пешбурди ошкоро дар марҳилаҳои тосудиро мақомоти тафтиши пешакӣ, дар марҳилаҳои судӣ муҳокимаи ошкорои судиро суд муайян мекунад.

Аз муқаррароти қонун бармеояд, ки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи шинос шудан бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, иштирок ҳангоми иҷрои амалҳои тафтишотӣ, арзу шикоят кардан, бо дархост мурофиат кардан, раддия баён кардан ва дигар имкониятҳои мурофиавиро доранд, ки бе ягон монеа ошкоро амалӣ мегарданд. Лекин, дар марҳилаҳои тосудӣ ошкоро анҷом дода шудани амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳадду ҳудуди худро дорад. Зеро тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ «Маълумоти тафтиши пешакӣ, аз ҷумла натиҷаи амалҳои тафтиширо танҳо бо иҷозати

шахси пешбарандаи таъқиби ҷиноятӣ ва ба андоза ва ҳадде, ки ӯ имконпазир медонад, ифшо кардан мумкин аст. Дар ҳолатҳои зарурӣ мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, иштирокчиёни мурофиа - шоҳид, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, коршинос, мутахассис, тарҷумон, шахсони холис ва шахсони дигари ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ иштирокдоштаро дар бораи норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ бе иҷозати ӯ огоҳ месозад» [4]. Аз шахсони зикршуда дар хусуси огоҳ карда шуданашон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ (м. 361 КҶ ҶТ) забонхат гирифта мешавад. Ин қоида низ пинҳонӣ, ғайриошкоро ё махфиятро ифода намекунад, баръакс барои таъмини дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва таъмини иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин, пешбурди ошкорои парвандаи ҷиноятӣ дар ҳама марҳилаҳои он бояд расман таъмин гардад.

Тибқи м. 273 КМҶ ҶТ муҳокимаи пӯшидаи судӣ, бо «таъиноти асосноки суд (карори судя):

– оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд;

– ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда, ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштироккунандаи парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад;

– дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштироккунандагони мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, гузаронида мешавад» [12]. Аз талаботи меъёри зикргардида бармеояд, ки пӯшида гузаронидани маҷлиси судӣ ба тамоми муҳокима ё қисмҳои алоҳидаи он паҳн мешавад.

Асоснокии таъиноти суд (қарори судя) оиди пӯшида баргузор шудани муҳокимаи судӣ бо назардошти риояи шарт ва қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ кафили қонунӣ қабул шудани санади ниҳоии судӣ буда, дар сурати

беасос қабул гардидани қарор ва амали кардани муҳокимаи пӯшидаи судӣ боиси бекор гардидани санади судии қабулгардида гашта, зарурати аз нав сар кардани баррасии парвандаро ба миён меорад. Аз ин рӯ, ҷиҳати асоснок қабул шудани қарор оид ба муҳокимаи пӯшидаи судӣ санҷидан ва таҳлили асосҳои дар қонун пешбинигардида, ки бояд бо далелҳо асоснок бошад, ба миён меояд.

Асоси баргузор шудани муҳокимаи пӯшидаи судӣ ҳолатҳои дар меъёри қ. 2, м. 273 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудае, ки воситаи ҳифз ва таъмини онҳо баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ мебошад, фаҳмида мешавад. Мавҷудияти ҳолатҳои зикр гардида, дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, муайян мегардад. Нахуст, хатари фош шудани сирри давлатӣ ва ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда буда, суд, судя вазифадоранд, ба фош шудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда, ҳангоми муҳокимаи судӣ роҳ надиҳанд. Аз ин бармеояд, ки муҳокимаи пӯшидаи судӣ воситаи ҳифзи маълумоти бо қонун ҳифзшаванда, дастнорас будани он ба дигар шахсон, пешгирии паҳн шудани он буда, таъмини он иштироки тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парвандаро истисно накарда, балки ба тариқи пӯшида таҳқиқи ҳамаи ҳолатҳои парвандаро бодарназардошти қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ, риояи шартҳои онро дар назар дорад.

Дигар ҳолате, ки муҳокимаи пӯшидаи судиро пешбинӣ мекунад, ин баррасии парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд, ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад, буда, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба монанди Қоидаҳои ҳадди ақалли стандартии СММ марбут ба анҷомдиҳии адолати судӣ нисбати ноболиғон (қоидаҳои Пекин) аз 10 декабри соли 1985 кафолат додааст. Дар мавриди зикр гардида низ муҳокимаи пӯшидаи судӣ воситаи боэътимоди ҳифзи

маълумот доир ба шахсияти судшавандаи ноболиғ ва рафъи таъсири манфӣ ба равони он арзёбӣ мегардад. Қоидаи дар мавриди таҳқиқи ҳолатҳои парванда, ки ба судшавандаи ноболиғ таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст, суд бо дархости ҳимоятгар ё намояндаи қонунӣ ё пешниҳоди прокурор, инчунин бо ташаббуси худ дар асоси ақидаҳои тарафҳо бо таъинот дар муддати таҳқиқи ин ҳолатҳо ноболиғро аз толори маҷлиси суд берун мекунад, хусусияти муваққатӣ дошта, судшавандаи ноболиғ танҳо дар як қисми маҷлиси суд иштирок намекунад. Судшавандаи ноболиғ танҳо дар муддати муайян бо иродаи тарафҳо ё суд аз ҳуқуқи иштирок маҳрум гардида, пас аз таҳқиқи ҳолатҳои зикргардида судшавандаи ноболиғ ба маҷлиси судӣ оварда мешавад ва маълумот оид ба мазмуни амалҳое, ки бе иштироки ӯ доир гардид, дар ҳаҷм ва андозаи зарурӣ дастрас мегардад, ки мазмуни муҳокимаи пӯшидаи қисман бе иштироки судшавандаи ноболиғро истисно карда наметавонад.

Ниҳоятан, ҳолате, ки амнияти иштирокчиёни мурофиаро зери хатар мегузорад, асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ пешбинӣ гардидааст. Дар ин ҳолат муҳокимаи пӯшидаи судӣ воситаи таъмини амнияти иштироккунандагони мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо баромад мекунад, зеро таъмини иштироки бехатари шаҳрвандон дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ кафили одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ ва қабул шудани санади қонунӣ ва асосноки судӣ буда, танҳо дар мавриди мавҷудияти фазои амн имконияти пурра санҷидани маълумоти ба парванда аҳаммиятдошта имконият дорад.

Р.М. Рамазанов қайд мекунад «муҳокимаи пӯшидаи судӣ яке аз чораҳои мустақили амниятӣ нисбати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад» [209, с. 286-290]. Андешаи баёншуда барои мо баҳснок аст, зеро номгӯйи чораҳои амниятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [10] муайян гардидааст.

Ҳамин тариқ, қайд менамоем, ки муҳокимаи пӯшидаи судӣ воситаи пешгирии ошкор ва паҳншавии маълумоти бо қонун ҳифзшаванда, шаъну эътибори шахсро пастзананда ва оид ба шахсони иштироккунандаи парванда, ки фош шудани он хатар ба ҳаёт ва саломатии онҳо, хешовандони наздикашонро дорад, ҳимояи равонии судшавандаи ноболиғ аз таъсири фазои манфии маънавӣ ва таъмини иштироки амни иштирокчиёни муҳокимаи судӣ мебошад, ки иштироки тарафҳо ё дигар иштирокчиёни муҳокимаи судиро ҳангоми баррасии масъалаҳои мурофиавӣ истисно намекунад.

Бинобар, ин муҳокимаи пӯшидаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, мурофиаи ғоибонаро ифода намекунад ва ба талаботи қоидаҳои мурофиавии бевосита бо иштироки тарафҳо ва иштирокчиёни дигаре, ки ба маҷлиси суд даъват шудаанд (шоҳидон, шахсони холис, тарҷумон, мутахассис, эксперт, намояндагони қонунӣ) мухолиф нест. Маҳдудият танҳо нисбати намояндагони аҳли ҷомеа, ВАО, ташкилоти ҷамъиятӣ, коромӯзон донишҷӯён, хешовандони наздики ҷабрдида ё судшаванда ё шахсони дигар дахл дорад. Муҳокимаи пӯшидаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯйи мазмун дар ғоибии тарафҳо ва ё иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро ифода карда наметавонад, зеро парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд бо риояи ҳамаи қоидаҳои пешбурди судӣ баррасӣ карда мешавад.

Тибқи м. 12 КМҶ ҶТ суд, судя бояд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок мекунанд, риоя ва ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиа сари вақт чораҳо андешанд, яъне суд, судя дар сурати пешниҳод гаштани дархости судшаванда ё ҷабрдида дар бораи дар маҷлиси пӯшида муҳокима кардани парвандаи ҷиноятӣ (новобаста аз намуди ҷинояти содиршуда), онро бояд қонеъ намояд, чунки шаъну шарафи шахс унсурҳои маънавию ахлоқӣ мебошад, ки дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати асоси роҳбарикунанда қарор

гирифта, ҳадди ба амалбарории амалҳои мурофиавии ҷиноятиро муайян мекунанд. Аз нуқтаи назари эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақсад мувофиқ аст, ки дар м. 273 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати ҳолате, ки зарурати маҷлиси пӯшидаи судиро ба миён меоранд, дархости судшаванда ва ҷабрдида бинобар мавҷуд будани ҳолатҳои муайян низ пешбинӣ карда шавад, зеро муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар ҳузури тарафҳо ва аҳли ҷомеа барои судшаванда ё ҷабрдида ва хешовандани наздики онҳо ҳолати аз ҷиҳати равонӣ ниҳоят ногувор аст, ки ҳамеша шарму ҳаё, тарс, оҷизӣ, нотавонӣ, руҳафтодагӣ, озурдаҳолӣ, боиси паст шудани шаъну шараф, азоби маънавию руҳии шахс мегардад.

Назария ва амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки ҳалли ҳуқуқии масъалаҳои мурофиавӣ, татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бояд аз рӯйи принсипи конститутсионии муҳокимаи ошкоро, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо бо иштироки фаъоли тарафҳо роҳандозӣ шавад [77, 13-14]. Лекин муҳим аст, ки ба қоидаҳои танҳо дар мавридҳои истисноӣ, дар ғоибии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавӣ, инчунин ба тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда (лекин нисбати онҳо) назар намоем. Баъзе аз маҳдудиятҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, амали принсипи конститутсионии адолати судиро таъмин намекунанд, татбиқи чунин меъёрҳо бояд танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ раво дониста шавад.

Таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми дақиқи «мурофиаи ғоибонаи судиро» қонун пешбинӣ накардааст. Муаллифон муҳокимаи ғоибонаи парвандаи ҷиноятиро танҳо бо «бе иштироки судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ» ва бо «маҷлиси пӯшидаи суд» [144, с. 373] алоқаманд дониста, қайд мекунанд, ки ин шакли фаъолияти судӣ танҳо дар мавридҳои пешбиникардаи қонун ва ҷой доштани ҳолатҳои истисноӣ амалӣ мешавад [236].

Пешбинӣ шудани меъёри бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар қонунгузории амалкунанда низ навгонӣ нест, зеро қаблан м. 247 Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШСТ (1961) ҳолатҳои истисноии имконияти дар ғоибии судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро пешбинӣ намуда буд, ба шарте, ки:

– агар дар ғоибии судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ барои муқаррар карда шудани ҳақиқати воқеӣ монеа эҷод накунад;

– дар ҳолатҳое, ки агар судшаванда берун аз ҳудуди ИҶШС қарор дошта бошад;

– агар судшаванда аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд саркашӣ кунад.

Вале ногуфта намонад, ки суд метавонист ҳозиршавии судшавандаро дар маҷлиси судӣ иҷборан таъмин кунад.

Аксари муаллифон фаҳмиши худро оиди «дар ғоибии судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ» ё «мурофиаи ғоибонаи судӣ» чунин ифода мекунанд:

– ҳамчун институти мустақили мурофиаи ҷиноятӣ;

– ҳамчун пешбурди алоҳидаи (махсус) парвандаи ҷиноятӣ;

– ҳамчун шакли мухтасар ва маҳдудшудаи муҳокимаи судӣ [206, с. 92-98], [221, с. 127-133].

Е.С. Азарова низ қоидаҳои «дар ғоибии судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ» ва «мурофиаи ғоибонаи судиро» ягона ва умумӣ дониста қайд мекунад, ки ин пеш аз ҳама шакли фаъолияти мурофиавии суд аст, ки парвандаи ҷиноятиро дар ғоибии судшаванда мавриди муҳокима қарор дода, қарори худро дар ғоибии судшаванда қабул ва эълон мекунад [155, с. 24-30]. Яъне ин шакли фаъолияти суд мухолифи ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ шуда наметавонад.

Масъалаҳои дигар боқӣ мемонанд, ки диққати муҳаққиқонро ҷалб мекунанд. Н.А. Қудратов менависад, ки ҳангоми саркашӣ намудани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд, суд, судя ҳуқуқ доранд парвандаро дар ғоибии ӯ ва бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намоянд [144, с. 377]. Лекин таҳлил ва баён нашудааст, ки

амали чунин қоида нисбати судшавандае, ки нисбати вай намуди дигари чораи пешгирӣ (ба ғайр аз ба ҳабс гирифтан) татбиқ шуда, воқеан дар озодӣ қарор дорад, паҳн мешавад ё не? Оё ҳолати мурофиавии судшавандаи дар тавқифгоҳи тафтишотӣ ва ё судшавандаи дар озодӣ қарордошта аз ҳамдигар фарқияти ҷиддӣ доранд?

Ба андешаи олимони ватанӣ Р.Р. Раҳматҷонзода, А.Э. Раҳматулоев дар мавридҳои пешбинӣ кардаи қонун суд имконият дорад, ки дар ғоибии яке аз иштирокчиёни маҷлиси суд парвандаи ҷиноятиро баррасӣ намояд. Муаллифони номбурда доираи иштирокчиёни маҷлиси судро дар шакли васеъ пешбинӣ карда, мурофиаи ғоибонаи парвандаи ҷиноятиро танҳо бо ҳозир нашудан ё ҳузур надоштани судшаванда вобаста намекунанд [93, с. 421], [104, с. 459].

Муҳаққиқон Л.В. Тихомирова, М.Ю. Тихомиров ҷонибдори андешаҳое мебошанд, ки тибқи он ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ «муҳокимаи ғоибонаи парвандаи ҷиноятӣ» дар маҷлиси суд танҳо бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро ифода мекунад [133, с. 187]. Лекин онҳо дар марҳилаҳои тосудӣ имконияти баргузор шудани маҷлиси судро бе иштироки айбдоршаванда ё ҷабрдида ва иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ сарфи назар кардаанд.

И.П. Попова, И.Г. Смирнова ба хулоса омадаанд, ки бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ хусусияти истисноӣ дошта, танҳо дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои зерин имконпазир аст:

А) саркашӣ кардани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд;

Б) дархости судшаванда дар бораи дар ғоибии ӯ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси суд, оид ба парвандаҳои ҷиноятии начандон хавфнок ва хавфнокиашон дараҷаи миёна, агар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда ба тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят халал нарасонад [207, с. 195-202].

Ин мавқеи муаллифонро дастгирӣ кардан мумкин аст, ба шарте ки бе сабабҳои узрнок саркашӣ кардан ё рад кардани судшавандаи дар ҳабс

қарордошта аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд дар ҳузури ҳимоятгар ва дар шакли хаттӣ баён гардад. Чунин шакли расмиёти мурофиавӣ нишон медиҳад, ки изҳори рад кардани ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд бе дахолати шахсони дигар, ихтиёрӣ ва мустақилона баён шудани онро таъмин менамояд.

Тибқи қонунгузории ватанӣ дар чунин мавридҳо иштироки ҳимоятгари судшаванда дар маҷлиси суд ҳатмӣ дониста шудааст, лекин масъалаи татбиқи ин қоида нисбати судшавандаи таҳти ҳабс қарор надошта баҳснок боқӣ мемонад.

Оид ба имконияти муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда КМҶ ФР (м. 449) шартҳои дигарро пешбинӣ кардааст, ки ғайр аз дархости судшаванда дар хусуси бе иштироки ӯ баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ, агар барои содир кардани ҷинояти содиршуда, қонуни ҷиноятӣ ҷазои вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ҷазои бо маҳрумӣ аз озодӣ алоқаманд набударо пешбинӣ карда бошад, инчунин ҷабрдида ва ё намояндаи вай иштироки ҳатмии судшавандаро бо дархости ваҷҳнок асоснок накарда бошанд [28].

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон (м. 311) пешбинӣ мекунад, ки барои муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда ҳолатҳои зерин истисноӣ дониста мешаванд:

1) агар айбдоршаванда берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба суд қасдан саркашӣ карда бошад;

2) агар айбдоршаванда дар бораи бе иштироки ӯ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои хавфнокии ҷамъиятиашон начандон хавфнок дархост карда бошад, ба шарте, ки ба исботи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои ба таъқиби ҷиноятӣ алоқаманд монеъ нагардад [29].

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон (м. 335) [30] ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон [31] низ чунин шарту ҳолатҳои истисноии бе иштироки судшаванда моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро пешбинӣ кардааст.

Тибқи м. 294 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда ба шарте мумкин

аст, ки агар дараҷаи ҷинояти содиршуда на чандон хавфнок ё камаҳаммият бошад, судшаванда дар бораи муҳокимаи ғоибона дархост карда бошад, судшаванда ба гуноҳи худ иқрор шуда бошад ё судшаванда берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор дошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд саркашӣ намояд [32].

Бинобар ин, И.В. Смолкова ва Р.В. Мазюк қайд мекунанд, ки «муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда бештар бо ташаббуси худи судшаванда ё вобаста ба рафтори вай дар мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ мешавад» [219, с. 156-169].

Муаллифони дигар тарафдори ақидаҳое мебошанд, ки тибқи он бо мақсади сари вақт ва одилона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор ва ҷабрдида (намояндаи ҷабрдида) низ ҳуқуқ дода шавад, ки дар асоси дархости онҳо мурофиаи судӣ бе иштироки судшаванда гузаронида шавад [160, с. 123], [186, с. 237-239]. Бинобар ин, қайд шудааст, ки арзишҳо ва манфиати ҷомеа, давлат ва шаҳрванд дар натиҷаи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ на ҳама вақт ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд. Муҳим аст, ки манфиати ҷомеа, давлат нисбати ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрванд набояд афзалият ва ё бартарияти мутлақро доро бошанд.

Муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда набояд ба манфиатҳои ҷомеа ва давлат муқобил гузошта шавад, балки бо кафолатҳои ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиавӣ таъмин гардад. Чӣ тавре дар қиёс бо қонунгузории мурофиаи ҷиноятии ИДМ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ки дар сурати аз байн рафтани ҳолатҳои истисноии дар қисми 4 моддаи 280 пешбинишуда ҳукм ё таъиноти судие, ки ғоибона қабул карда шудааст, бо дархости маҳкумшуда ё ҳимоятгари ӯ тибқи талаботи боби 42 Кодекси мазкур бекор карда мешавад [4]. Муҳокимаи судӣ дар ин сурат бо тартиби умумӣ гузаронида мешавад. Ин танзими меъёрӣ таҷрибаи пешқадами мурофиаи ҷиноятии ватанӣ яке аз кафолатҳои муҳими бартарияти ҳуқуқу озодии инсон дар амалишавии адолати судӣ мебошад, ки аз тарафи олимон ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи назариявӣ низ дастгирӣ ёфтааст [195, с. 76-84].

Агар ба моддаҳои 279, 282, 283 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор диҳем, пешбинӣ шудааст, ки суд, судя ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро бе иштироки айбдоркунандаи давлатӣ (оид ба баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ), ҷабрдида ё даъвогари гражданӣ, агар одилона ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо имконпазир бошад, мавриди баррасӣ қарор диҳад. Бинобар ин, ба андешаи мо мурофиаи судӣ оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки яке аз тарафҳои мурофиаи ҷиноятӣ, танҳо иштирок надоштани судшаванда, мурофиаро ғоибона намекунад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот ва таҳлили масъалаҳои назария ва амалияи муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ ва зарурати дар мавридҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда баргузор шудани маҷлиси суд натиҷаҳои зеринро ба миён меорад:

1. Иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ ин шакли иштироки аҳли ҷомеа дар амалӣ гардидани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ – ин шакли амалисозии ҳокимияти халқ, имконияти иштирок дар қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иштирок дар амалинамоии намуди муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ мебошад.

Муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳимми мурофиавӣ дошта, амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ, иштироки намояндагони гурӯҳи васеи иҷтимоиро дар ҷараёни амалисозии адолати судӣ таъмин намуда, онро ҳамчун минбари демократӣ таҷассум менамояд, ки дар он иштироки тарафҳо ҳатмӣ буда, ҳар шахс метавонад дар муҳокима ҳузур дошта бошад, шароит барпо шудааст, ки ба тариқи мубоҳиса, воқеият муайян, ҳалли одилона муяссар гардад, ниҳоят эътимоди мардум ба мақомоти давлатӣ ва қонун афзун шавад. Муҳокимаи ошкорои судӣ ҷузъи ҷудонопазири адолат аст.

2. Ба андешаи мо, пешбурди ошкорои парвандаҳои ҷиноятӣ на танҳо дар ҷараёни муҳокимаи судӣ, балки дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ

вуҷуд дорад, набояд инкор карда шавад. Ягон меъёр пешбинӣ намекунад, ки ҷараён ва натиҷаи амалҳои мурофиавии тосудӣ (тафтишӣ) хусусияти махфӣ, пинҳонӣ ё ғайриошкоро дошта бошанд. Ин нуқтаи назар асоси расмӣ ҳам дошта, дар қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

3. Шаъну шараф арзишҳои маънавию ахлоқӣ мебошад, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандаро ташкил дода, дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати асоси роҳбарикунанда қарор гирифтаанд ва ҳадди ба амалбарории амалҳои мурофиавии ҷиноятиро муайян мекунанд.

Тибқи м. 12 КМҶ ҶТ «суд, судя бояд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок мекунанд, риоя ва ҳимоя намуда, дар амалия ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиа сари вақт чораҳо андешанд, яъне суд, судя дар сурати пешниҳод гаштани дархости судшаванда ё ҷабрдида дар бораи дар маҷлиси пӯшида муҳокима кардани парвандаи ҷиноятӣ метавонад онро қонеъ» намояд.

Аз нуқтаи назари эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақсад мувофиқ аст, ки дархости судшаванда ва ҷабрдида низ ба инобат гирифта шавад. Зеро муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар ҳузури тарафҳо ва аҳли ҷомеа барои судшаванда ё ҷабрдида ва хешовандони наздики онҳо ҳолати аз ҷиҳати равонӣ ниҳоят ногувор аст, ки ҳамеша шарму ҳаё, тарс, оҷизӣ, нотавонӣ, руҳафтодагӣ, озурдаҳолӣ, боиси паст шудани шаъну шараф, азоби маънавию руҳии шахс мегардад.

4. Таҳлили назариявии имконияти «дар ғоибии судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ» ва андешаҳо атрофи «мурофиаи ғоибонаи судӣ» нишон медиҳад, ки ба шарҳу ифодаи муқаррароти «бе иштироки судшаванда баргузор шудани маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ» мувофиқ нестанд. Тибқи қонунгузории ҷорӣ «мурофиаи ғоибонаи судӣ» чун шакли фаъолияти суд оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳам дар шакли расмӣ ва ҳам воқеан

дар Тоҷикистон вуҷуд надорад ва набояд амалӣ гардад, ки мухолифи ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Ҳалли масъала аз ҷониби суд дар бораи имконпазирии баррасии парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми иштирок надоштан ё сари вақт ҳозир нашудани яке аз иштирокчиёни муҳокимаи судӣ шакли фаъолияти мурофиавии суд аст, лекин он тамоми амалҳои мурофиавиро дар ҷараёни муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дарбар намегирад. Ҳангоми ҳозир нашудани яке аз иштирокчиён суд масъалаи идомаи муҳокимаи парванда ё мавқуф гузоштани онро вобаста ба он ки оё дар ҳолати ҳозир набудани яке аз иштирокчиён комилан равшан сохтани ҳамаи ҳолатҳои парванда ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо имконпазир аст ё не, ҳал мекунад. Бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ҷузъи амалҳои истисноии маҷлиси судиро ифода карда, лекин наметавонад дар шакли ғалат «мурофиаи ғоибонаи судӣ» ифода шавад.

Бинобар ин, дар матни қисми 5, м. 280 КМҶ ҶТ қоидаи «... ҳукм ё таъиноти судие, ки ғоибона қабул карда шудааст» дар шакли дақиқ «ҳукм ё таъиноти судие, ки бе иштироки судшаванда қабул карда шудааст» пешбинӣ карда шавад.

Дар сархати 3, қисми 1 м. 312 КМҶ ҶТ истилоҳи «дар ғоибии судшаванда» бо истилоҳи «бе иштироки судшаванда» иваз карда шавад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ ХУСУСИЯТҲОИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ БЕ ИШТИРОКИ СУДШАВАНДА ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Иштироки судшаванда дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ

Ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ суд бо иштироки тарафҳо маҷмуи масъалаҳои мурофиавиро ҳал мекунанд, ки иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятиро таъмин мекунанд. Ҳалли ин масъалаҳо бо тарзи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ки суд ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён мегирад, барои ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда барои тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад. Барои ин риоя ва иҷрои шартҳои умумии маҷлиси судӣ ҳатмӣ мебошад.

Муҳаққиқони ватанӣ дар он ақидаанд, ки «ҳадаф аз ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин намудани адолат ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҳама гуна маҳдудкуниҳои беасос мебошад» [69, с. 31].

Профессор В.С. Воробев қайд кардааст, ки адолат қонуне аст, ки ҳадду самти ҳаракатро дар дохили қоидаҳое, ки қонунҳои табиат ва ҷомеаи инсонӣ муайян кардааст, нишон медиҳад ва дар як вақт ин садде дар роҳи пешгирии вайрон шудани қоидаҳо аст [166, с. 23-39]. Адолат на танҳо дар муҳити иҷтимоӣ барои ноил шудан ба ҳадафи муайян, балки бо ҳадди муайян, бо шарту қоидаҳо амалӣ мешавад.

Ба андешаи Н.А. Қудратов ҳадафи ҷорӣ шудани меъёрҳои мурофиавӣ таъмини адолат аст, ки дар байни онҳо шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ба андешаи муаллиф «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ тартиби дахлдори таҳқиқи далелҳо, риоя шудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсоне, ки ба мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, инчунин хусусияти аз ҳама бештар ва муҳимми

муҳокимаи судиро дар суди марҳилаи якум ҳамчун давраи марказии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамоянд» [144, с. 370].

Р.Р. Раҳматҷонзода ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, менависад, ки «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқарраротеро ифода менамоянд, ки дар қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ сабт гардидаанд ва аз мазмуни принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бармеоянд, ки дар навбати худ паҳлуҳои аз ҳама бештар ва муҳимми муҳокимаи судиро дар суди марҳилаи якум ба танзим медароранд» [93, с. 417].

Ба андешаи мо, қоидаҳои мурофиавиро муқаррароти танзимкунандаи паҳлуҳои дорои хусусияти «бештар ё муҳим» донистан ба тарафи дигар ё ба мавҷудияти ҷиҳатҳои дорои хусусияти «ғайримуҳим» ишора мекунад, ки хулосаи ғалатро ба миён меорад. Бинобар ин, З.Ҳ. Искандаров ва А.Э. Раҳматулоев қайд мекунанд, ки «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз принсипҳои мурофиавии ҷиноятии миллӣ ва меъёрҳои байналхалқӣ сарчашма мегиранд ва барои амалӣ шудани онҳо ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ дар муҳокимаи судӣ шароит муҳайё менамоянд» [69, с. 115-116], [103, с. 407]. Онҳо умумият, ягонагӣ, пайдарҳамӣ ва тартиби қатъии риоя ва иҷро шудани тамоми қоидаҳои мурофиавиро дар рафти муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ноил шудан таъмин мекунанд. Бинобар ин, адолат ҳадаф ва мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ифодакунандаи таъинот ва самти фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ эътироф шудааст.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ «қоидаҳое мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд ва дар ҷараёни муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ амал мекунанд, моҳияти ҳуқуқии марҳилаи судиро ифода карда, амалӣ гаштани принсипҳои адолати судиро таъмин менамоянд» [101, с. 192].

Ҳамин тариқ, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, ба воқеан амалӣ шудани онҳо дар марҳилаҳои судии мурофиаи ҷиноятӣ шароит муҳайё мекунад. Бинобар ин, ҳадаф аз ҷорӣ кардани

шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ба вуҷуд овардани шароите мебошад, ки мубоҳиса ва баробарии тарафҳо таъмин гардад, то ки муҳокима ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирад ва барои ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда ба тарафҳо имконияти баробар мавҷуд бошад, риояи тартиботи маҷлиси суд таъмин гардида, амалӣ гаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ва тартиби татбиқи онҳо муяссар гардад.

Дар рафти маҷлиси судӣ оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ суд, судя вазифадоранд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оваранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд.

Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо шакли фаъолияти мақомоти судӣ намебошад, балки он бо иштироки шаҳрвандон, тарафи айбдоркунанда, ҳимоя ва иштирокчиёни дигар амалӣ мешавад, ки дар байни онҳо муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба вучуд меоянд, тағйир меёбанд ва метавонанд қатъ гарданд. Ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳам бояд дар доираи талабот ва шарту шароити муайянкардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ шавад.

Дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ иштироки судшаванда дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳам таъмин мешавад. Шартҳои умумии муҳокимаи суд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ барои амалӣ шудани ҳуқуқу уҳдадориҳои судшаванда низ шароити мусоид фароҳам меорад. Ғайр аз ин, иштироки ҳатмии судшаванда дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии мурофиаи судӣ ҷойи махсусро ишғол кардааст ва дар пайвастагӣ, ягонагӣ бо шартҳои дигари умумӣ амалӣ мешавад.

Шарти бевосита, шифоҳӣ ва ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба судшаванда имконият медиҳад, ки ҳангоми тафтиши судӣ диққати судро ба далелҳое ҷалб намояд, ки бо вайрон кардани қонун ҷамъоварӣ шудаанд ва дар бораи аз маҷмӯи далелҳо хориҷ намудани онҳо

дархост намояд, ҳамзамон, шахсан (инчунин бо ёрии бевоситаи ҳимоятгари худ) бевосита дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои дар сархатҳои як-шаши қисми 1 моддаи 335 КМҶ ҶТ нишондодашуда, инчунин барои иштирок дар баррасии ҳама масъалаҳои дигар, ки ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба миён меоянд, аз имкониятҳои мурофиавӣ бевосита истифода намояд. Олимон аз ҷумла қайд мекунанд, ки «тибқи шартҳои умумӣ, барои судшаванда шароит ба вуҷуд оварда мешавад, ки бевосита нишондоди судшавандагони дигар (агар парвандаи ҷиноятӣ нисбати якчанд судшавандагон бошад), ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро шунавад, бо иҷозати раисикунанда ба онҳо бевосита саволҳо диҳад, дар азназаргузаронии далелҳои шайъӣ бевосита ҳузур дошта бошад, оид ба ҳалли масъалаҳои баррасишаванда мавқеи худро бевосита ба суд изҳор намояд, дар ҳузури бевоситаи ӯ протокол ва дигар ҳуҷҷатҳо эълон карда шаванд ва судшаванда бевосита ҳангоми иҷрои амалҳои судӣ, ки оид ба тафтиши далелҳо анҷом дода мешавад, иштирок намояд, бевосита арзу дархост намояд, дар музокираи судӣ бевосита иштирок ва бо сухани охирон баромад кунад» [167, с. 32-33].

Муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, ки муҳокимаи бевосита, пеш аз ҳама аз ҷониби суд ва бо иштироки тарафҳо бевосита, новобаста аз мавқеи ҳамдигар мавриди санҷиш ва тафтиш қарор дода шудани далелҳои ба муҳокимаи суд пешниҳодшударо ифода мекунад [104, с. 386]. Оид ба бевосита баҳо додан ба далелҳои ҷамъовардашуда аз ҷониби тарафҳо дар мурофиаи судӣ қайд мегардад, ки «тарафҳо қобили қабул, дахлдор, боэътимод ва кофӣ будани далелҳоро бевосита мавриди тафтиш қарор медиҳанд ва мавқеи худро дар асоси онҳо (далелҳо) тақвият медиҳанд» [183, с. 22-28]. Ҳангоми тафтиши судӣ судшаванда ва ё ҳимоятгари ӯ метавонанд, диққати судро ба баъзе аз далелҳо ҷалб намоянд, ки бо вайрон кардани қонун ҷамъоварӣ шудаанд ва дар бораи аз маҷмуи далелҳо хориҷ намудани онҳо дархост намоянд [268, с. 337]. Мувофиқи талаботи қисми 3 моддаи 88-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари

ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, бояд беэътибор дониста шуда, набояд барои айбдоркунӣ асос гарданд» [4].

Ҳамин тавр, ҳангоми муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, дар натиҷаи анҷом додани амалҳои тафтишотӣ аз ҷониби суд бо иштироки бевоситаи тарафҳо, маротибаи дигар ба ҳолатҳои содир шудани ҷиноят аз рӯйи далелҳои ба суд пешниҳодшуда, новобаста аз хулосаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ баҳои бевосита дода мешавад, ба шакли мурофиавӣ ва сифати маълумоти воқеӣ, ба риоя ва иҷро шудани қонун, дуруст татбиқ шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ бевосита баҳо дода, дар асоси онҳо, мувофиқан мустақилона ва бевосита хулоса бароварда мешавад.

Маҷлиси судӣ шифоҳӣ ҷараён мегирад. Эълон кардани ҳайати суд, моҳияти парвандаи баррасишаванда, муайян кардани шахсияти иштирокчиён, фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадории онҳо, огоҳ кардани онҳо дар бораи риоя кардани қоидаҳои мурофиаи судӣ ва масъулияти ҳуқуқии онҳо, эълони фикри айбдоркунӣ, шунидани нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносон, эълон кардани нишондодҳо, ки дар пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ гирифта шудаанд, баррасии дархост ва раддия, натиҷаи ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва эълони санадҳои судӣ, ҳукм ва ғайраҳо ба тариқи шифоҳӣ ҷараён мегирад.

Дар санадҳои байналхалқӣ низ қайд мешавад, ки «ҳангоми шифоҳӣ баргузор шудани мурофиа судшаванда ва ҳимоятгари ӯ бевосита ва шифоҳӣ бо нишондодҳои шахсони аз рӯйи парванда пурсидашуда, хулосаи коршинос, протоколҳои амалҳои тафтишӣ, протоколи маҷлиси судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ин ё он ҳолати воқеиро тасдиқ мекунанд, шинос шуда, новобаста аз мавқеи айбдоркунандаи давлатӣ ва ҷабрдида баҳо медиҳанд ва ваҷҳҳои худро пешниҳод мекунанд» [21, с. 17], [22], [26, с. 208], [23].

Ҳамзамон, аз ҷониби муҳаққиқон қайд мегардад, ки шифоҳӣ баргузор шудани маҷлиси судӣ ба судшаванда ва ҳимоятгари ӯ имконият медиҳад, моҳияти масъалаи баррасишавандаро дарк намоянд, дар ҳалли масъалаҳои

мурофиавӣ имконияти бевосита ва иштироки фаъол дошта бошанд [171, с. 157].

Бинобар ин, таъмини иштироки бевоситаи судшаванда ва ҳимоятгари ӯ дар маҷлиси судӣ имконият фароҳам меорад, ҳама ҳолатҳои ба парванда аҳамиятдошта бо далелҳои боэътимод мавриди таҳлил қарор гирифта, маҷмуи масъалаҳои мурофиавӣ аз ҷумла гунаҳгорӣ дар содир намудани ҷиноят бо маҷмуи далелҳо таҳқиқшуда ва тасдиқ гардад, мухолифатҳои ҷойдошта бо суолҳои бевоситаи онҳо бартараф гардида, ҳалли дуруст ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ таъмин шавад. Муҳаққиқ Т.В. Трубникова қайд мекунад, ки «Дар айни замон аз тарафи судшаванда эътироф намудани гуноҳи худ, агар он бо маҷмуи далелҳои дигари аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда ва дар мурофиаи судӣ таҳқиқгардида (тафтишшуда), тасдиқ нагардида бошад, набояд барои гунаҳгор донистан ё барои қабул шудани ҳукми айбдоркунанда асос гардад» [221, с. 127].

Иштироки бевоситаи судшаванда дар баррасии судии парванда имконият медиҳад, муносибати бевоситаи ӯ ба айби нисбаташ эълон гардида маълум шуда, бахри ҳимояи худ аз он бевосита нишондод диҳад, далел пешниҳод намояд. Зеро чи тавре дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад «Дар сурати тағйир додани нишондодҳое, ки судшаванда дар рафти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ додааст, суд, судя вазифадоранд, ки ин ва дигар нишондодҳоро аниқ санҷида, сабабҳои тағйир додани онҳоро муайян карда, ба онҳо дар маҷмуъ бо дигар далелҳои парванда баҳои ҳуқуқӣ диҳанд» [268].

Аз ҷониби А.Э. Раҳматулоев қайд мегардад, ки «дар ҷараёни муҳокимаи судӣ судшаванда ва ҳимоятгари ӯ бояд ба эътибор гиранд, ки суд бевосита, мустақилона, холисона ва дар асоси далелҳои ҷамъ овардашуда талаботи фардикунондани ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир шудани ҷиноят, фаро расидани оқибат ва алоқамандии он бо тарзи амал, шахсияти судшаванда, хусусият ва андозаи

зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, хулосаи асоснок ва одилона мебарорад» [105, с. 127].

Дар натиҷаи иштирок судшаванда ва ҳимоятгари ӯ ба баҳодиҳӣ ва таъсири ҳолатҳои муҳим ба хулосаҳои суд, ба монанди даст кашидани судшаванда аз додани нишондод, ки набояд пешакӣ гунаҳгории ӯро тасдиқ намояд ва ё ҳамчун ҳолате, ки ҳангоми таъини намуд ва андозаи ҷазо шахсияти судшавандаро аз ҷиҳати манфӣ арзёбӣ намояд, диққат дода чораҳо меандешанд, ки аз ҷониби суд ин ҳолатҳо холисона ба инобат гирифта шаванд.

Иштироки судшаванда ва ҳимоятгари ӯ ба амалӣ шудани шартҳои дигари умумии муҳокимаи судӣ низ мусоидат мекунад [162, с. 8-10]. Судшаванда ва ҳимоятгари ӯ диққати судро ба ҳолатҳои ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин вайронкунии принсипҳо ва дигар муқаррароти умумии Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҷалб мекунанд, ки бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, риоя накардани расмияти пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ё бо роҳи дигар ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонидаанд ва метавонанд барои баровардани ҳукми одилонаи судӣ таъсир расонанд. Дар сурати маълум шудани чунин ҳолатҳо суд бояд бо ташаббуси судшаванда парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ баргардонад.

Иштироки судшаванда бахри амалӣ шудани принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ хеле муҳим ва зарур аст. Мувофиқи принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо судшаванда иштирокчии тарафи ҳимоя ба шумор меравад, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва риоя шудани меъёрҳои мурофиавӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи суд аз иштироки бевоситаи ӯ вобастагӣ дорад:

– судя, суд шахсияти судшаванда ва сари вақт ба ӯ супурдани нусхаи фикри айбдоркуниро танҳо дар ҳузури судшаванда бевосита муайян карда метавонад;

– танҳо иштироки бевоситаи судшаванда амалишавии ҳуқуқи изҳор намудани раддияро нисбат ба ҳайати суд, яке аз судяҳо, инчунин нисбат ба айбдоркунандаи давлатӣ, тарҷумон, мутахассис, ҳимоятгар, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи онҳо, котиби маҷлиси суд имконпазир мегардонад;

– бо иштироки бевоситаи судшаванда суд, судя масъалаи мавқуф гузоштани муҳокимаи парвандаро ҳангоми ҳозир нашудани яке аз иштирокчиёни муҳокимаи судӣ, аз ҷумла шоҳид, коршинос ё мутахассис асоснок ҳал карда метавонад;

– бо иштироки бевоситаи судшаванда суд, судя тартиби таҳқиқи далелҳоро муайян мекунад;

– тафтиши содакардашудаи судӣ ва даст кашидан аз таҳқиқи далелҳо танҳо дар ҳузури судшаванда ва танҳо бо дархости ӯ имконпазир аст;

– пурсиши судшаванда бе иштироки судшавандаи дигар танҳо бо дархости тарафҳо, аз ҷумла тарафи ҳимоя иҷозат дода мешавад;

– эълон кардани нишондод ё баёноти судшаванда, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ додааст, инчунин ба шунидани сабти нишондоди ӯ ё тамошои сабти видео, ки ба протокол замима шудааст, танҳо ҳангоми иштироки бевоситаи судшаванда дар маҷлиси суд самаранок ва мақсаднок аст;

– пурсиши шоҳидон ва ҷабрдида дар ҳузури судшаванда имконият медиҳад, ки саҳеҳ ва боэътимод будани маълумот дар бораи ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта бо саволҳои судшаванда муайян карда шаванд;

– эълон кардани нишондоди ҷабрдида ва шоҳид, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ додаанд, инчунин ба шунидани сабти овоз ё тамошои сабти видеоии пурсиш мумкин аст бо дархости судшаванда багузор гардад;

– дар маҷлиси суд судшаванда имконият дорад ба мутахассис ва эксперт саволҳо диҳад, бо далелҳои хаттӣ, протоколҳои амали тафтишӣ, хулосаи

дигар коршиносон шинос шавад, дар азназаргузаронӣ ва озмоиш (эксперимент) ва дигар амалҳои судӣ, ки ба мавзуи муҳокимаи судӣ алоқаманд мебошанд, иштирок намояд.

Ҳамин тариқ, бо иштироки худ дар маҷлиси суд судшаванда ва ҳимоятгари ӯ имконият доранд дар ҳалли масъала дар бораи ба тафтиши иловагӣ фиристодани парванда, қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, тағйир додан, татбиқ ё бекор кардани чораи пешгирӣ, оид ба қонеъ ё рад кардани раддияҳо иштироки фаъол дошта бошанд. Дар натиҷа аз эҳтимол дур нест, ки пешбурди судии парванда боздошта шавад, қатъ гардад, бандубасти кирдор тағйир дода шавад ё парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида шавад [270].

Яке аз шартҳои умумии муҳокимаи суд муқаррар шудани ҳадди муҳокимаи судӣ мебошад, ки бевосита ба ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда дахл дорад. Ҳарчанд парвандаи ҷиноятӣ дар суд танҳо нисбат ба судшаванда ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба ӯ бо тартиби дар қонун пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима гардад ҳам, айбдоркуниро дар суд тағйир додан мумкин аст, ба шарте ки вазъи судшаванда бадтар нашавад ва ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя риоя гардад. Аз матни ҳамин меъёр бармеояд, ки сухан дар бораи айбдоркунӣ ё таъқиби ҷиноятӣ меравад.

Т.Н. Доброволская қайд кардааст, ки «азбаски муҳокимаи судӣ танҳо нисбати судшаванда сурат мегирад, суд, судя набояд масъалаҳоеро баррасӣ намоянд, ки шаҳодати гунаҳгории шахсони дигар дар содир намудани ҷиноят бошад» [62, с. 41].

Бинобар ин, тағйир додани айб бо шартҳои пешбинӣ кардаи м. 285 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на бо ташаббуси суд, балки бо дархости тарафҳо имконпазир дониста шавад, зеро суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва набояд ягон тарафро ҷонибдорӣ намояд (м. 20 КМҶ ҶТ).

Аз нуқтаи назари вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ (м. 2 КМҶ ҶТ), таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати ҷамъият,

давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар расман барқарор кардани салоҳияти суд оид ба ҳалли мустақилонаи оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории нав ва ё нисбати шахсони дигар бештар ҷиҳатҳои мусбат ҳам дорад, ки ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ аст.

Эҳёи ин таҷриба, ки қаблан дар м.м.257, 258 КМҶ ҶШСТ (с. 1961) пешбинӣ шуда буд) ва дар қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шудани салоҳияти суд оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷиҳатҳои мусбат ва паҳлуҳои баҳсноки онро дар эҷодиёти худ олимони ватанӣ З.Ҳ. Искандаров, Р.Р. Раҳматҷонзода, П.Ҳ. Азиззода, Д.А. Тоҷалӣ низ мавриди муҳокима қарор додаанд [181, с. 87-106], [111, с. 137].

Қаблан ҳам дар ин бора муаллифон П. Давидов, Т.Н. Добоволская хулосаҳои асоснок ва ҷолибро пешбарӣ карда буданд [170, с. 21], [62, с. 31]. Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки ҳалли ин масъала ба ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда таъсири бевосита мерасонад, аз ин рӯ набояд шитобкорона ва беасос инкор карда шавад.

Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки баробари ба тариқи расмӣ дар КМҶ ҶТ (1961) пешбинӣ шудани принсипҳои демократии мурофиаи судӣ, ба монанди дахлнопазирии озодии шахс, манзил, ҳифзи маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ, баробарии шаҳрвандон, забони мурофиаи судӣ ва ғайраҳо, вогузор шудани функсияи айбдоркунӣ (м. 3), ҳимоя (м.м. 6, 11) ва адолати судӣ (м. 8) дар доираи салоҳияти суд боқӣ монда буд. Масалан, дар моддаҳои 3, 257, 258 КМҶ ҶТ (1961) пешбинӣ гардида буд, ки суд мустақилона салоҳияти оғози парвандаи ҷиноятиро бинобар ошкор шудани аломати ҷиноят ё дар ҷараёни муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи айбдории нав нисбати судшаванда ва нисбати шахсони дигар, ғайр аз судшавандаро доро буд. Муҳиммияти ин масъала имрӯз низ аз байн нарафтааст. Дар қиёс муайян кардан мумкин аст, ки салоҳияти суд оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ

ҳангоми моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ як қатор бартарият дорад:

1) Дар марҳилаи судии моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ бо иштироки тарафҳо суд дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ масъул ва мустақил аст ва танҳо ба қонун такя мекунад. Мустақилияти суд бояд дар ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ зоҳир шавад, аз ҷумла суд новобаста аз мавқеи тарафҳо (бо ташаббуси худ ё дархости тарафҳо) бояд мустақилона ҷой доштани аломати ҷиноятро дар кирдори шахс ё иштирокчии мурофиаи судӣ ба канор намонда, бевосита ҳал намояд.

Агар эътибор диҳем, тибқи м. 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амал (беамалӣ) ва қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокуроре, ки иҷрои қонунҳоро ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ назорат мекунад, ба суд шикоят кардан мумкин аст. Аз ҷумла суд, арзу шикоятро дар бораи рад кардани қабули ариза оид ба ҷиноят ё вайрон кардани қонун ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул карда метавонад. Аз ин бармеояд, ки суд дар мавриди зикргардида арзу шикояти шарҳрвандро баррасӣ карда, бевосита дар ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ иштирок намуда ва қарори ниҳоӣ қабул карда метавонад. Лекин дар ҷараёни моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ суд бояд риоя ва ичро шудани қонун ва асоснокии айби эълоншуда, қарорҳои қабулкардаи мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ ва таъмин шудани кафолатҳои мурофиавиро бидуни арзу шикояти иштирокчиёни мурофиаи судӣ, мустақилона ва бо ташаббуси худ мавриди муҳокима, санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор диҳад. Аз ин рӯ, оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд натиҷаи муҳокима, санҷиш ва баҳодиҳии мустақилонаи суд дар бораи ҷой доштани вайронкунии қонун ё аломати ҷиноят дар кирдори шахс ё иштирокчии мурофиаи судӣ аст, ки ҳангоми моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ ошкор гардидааст.

2) Оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд ҳамчун қарори расмии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (судӣ), қувваи қатъӣ ва барои тамоми

иштирокчиёни мурофиаи судӣ эътибори умумиҳатмӣ доштани хулосаи судро ифода мекунад, ки нуфузу мақоми судро дар байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дар амалияи татбиқи ҳуқуқ нишон медиҳад;

3) Оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд ҳангоми моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ ҳалли одилона, қонунӣ ва асосноки масъалаеро нишон медиҳад, ки мавзуи муҳокимаи судро ташкил медиҳад ва суд набояд ҳалли ин масъаларо ба зиммаи мақомоти дигар вогузор намояд. Дар интиҳо ҳалли ин масъала ба хулосаи суд (оид ба масъалаи асосии муҳокимаи судӣ) дар бораи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда дар содир кардани ҷиноят таъсири бевосита мерасонад;

4) Оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд ҳангоми моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ набояд ҷузъи таъқиби ҷиноятӣ ё амалишавии функсияи (таъиноти) айбдоркунӣ дониста шавад, зеро оғози парвандаи ҷиноятӣ дар асоси далелҳои пешниҳодкардаи тарафҳо танҳо натиҷаи (ё хулосаи суд) ошкор шудани аломати ҷиноятро ифода намуда, айбдор кардан ё эълон кардани айбро ифода намекунад. Бо ин қарори худи суд шахсро айбдор намекунад, айби шахсро исбот намекунад ё ба ӯ айб эълон намекунад, балки ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҷой доштани вайронкунии қонун ё аломати ҷиноятро мустақилона муайян мекунад. Дар асоси қарори суд прокурор, мақомоти тафтиши пешакӣ ва ё таҳқиқ уҳдадор аст, ки тафтиши пешакиро гузаронанд. Оғози парвандаи ҷиноятӣ ва эълон кардани айб бо ҳам пайвастагӣ ва алоқамандӣ доранд, лекин аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мурофиавӣ аз ҳамдигар фарқияти ҷиддӣ доранд.

Бинобар ин, тағйир додани айбдории судшаванда, оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд ҳангоми моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ таъиноти таъқиби ҷиноятӣ ё майли айбдоркунии судро ифода намекунад, чунин қарори суд хулосаи ниҳоии мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад ва набояд ба мавқеи холисонаи суд, ки ягон тарафро ҷонибдорӣ намекунад, мухолиф гузошта шавад.

Аз ин рӯ, баргузории маҷлиси суд оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар доираи амали шартҳои умумии муҳокимаи суд бе иштироки судшаванда

бояд танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ бо риояи асос ва шартҳои пешбинӣ кардаи қонун имконпазир дониста шавад.

Дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудани қоидаи дар сурати аз байн рафтани ҳолатҳои истисноии дар қисми 4 м. 280 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳукм ё таъиноти судие, ки ғоибона қабул карда шудааст, бо дархости маҳкумшуда ё ҳимоятгари ӯ тибқи талаботи қонун бекор карда мешавад ва муҳокимаи судӣ дар ин сурат бо тартиби умумӣ гузаронида мешавад, ҳамчун кафолати иловагӣ ба манфиати судшаванда таҷрибаи пешқадами амалишавии адолати судӣ мебошад.

Ҳамин тавр, бо таҳлили иштироки судшаванда дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Иштироки судшаванда дар маҷлиси судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ буда, аз воқеан амалӣ гардидани дастрас будани адолати судӣ ба ҳар шахс, кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, баррасии бевосита ва одилонаи парвандаи ҷиноятиро таъмин мекунад.

Иштирок дар муҳокимаи суди марҳилаи аввал ба судшаванда имконият медиҳад, ки ӯ шахсан (инчунин бо ёрии ҳимоятгари худ), бевосита дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои дар моддаи 335 КМҶ ҶТ нишондодашуда, инчунин барои иштирок дар баррасии ҳама масъалаҳои дигар, ки ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба миён меоянд, аз имкониятҳои мурофиавӣ истифода намояд.

2. Бахри таъмин гаштани кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии судшаванда дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки иштироки судшаванда на танҳо дар муҳокимаи судии марҳилаи аввал ҳангоми моҳиятан баррасӣ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ шарти ҳатмӣ дониста шавад, балки ҳангоми: муҳокимаи судӣ оид ба баррасии дархост дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта (м.м. 111, 116 КМҶ ҶТ); муҳокимаи судӣ оид ба баррасии

шикоят аз болои санад, амал ва беамалии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (м. 124 КМҶ ҶТ).

3. Дар матни меъёрҳое, ки шартҳои муҳокимаи судиро оид ба парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ мекунанд, муқаррароти дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда баргузор шудани муҳокимаи судӣ дар таҳрири «дар ғоибии судшаванда» низ нишон дода шудааст, ки мантиқан истилоҳоти гуногуни ҳаммаъно мебошанд. Ба андешаи мо, чунин шакли ифодаи (гуногуни) «дар ғоибии судшаванда баргузор шудани маҷлиси суд», тафсири нодуруст ё ғалати мазмун ва ё қисмати ин меъёр, шарҳи гуногунмаъно ва фаҳмиши фардии (субъективӣ) ва маҳдуди шартҳои умумии муҳокимаи судиро ба миён меорад, ки бояд бартараф карда шавад.

Бо мақсади мутобиқ кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ ба фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, бартараф намудани духура ифода шудани мафҳум, истилоҳ ва меъёрҳои мурофиавӣ, истисно карда шудани «мурофиаи ғоибона», инчунин риоя ва иҷрои тартиби ягона ва умумии бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод мекунем, ки дар матни м.м. 248, 280 КМҶ ҶТ истилоҳи «дар ғоибии» бо истилоҳи «бе иштироки судшаванда» иваз карда шавад.

4. Баҳри иҷрои самараноки вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар салоҳияти суд оид ба ҳалли мустақилонаи оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории нав ва ё нисбати шахсони дигар, ки ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ аст, барқарор карда шавад.

## 2.2. Асос ва шартҳои баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда дар партави ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон

Ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир баробари қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Зеро дар он пешбинӣ гардидани бунёди ҷомеаи адолатпарвару ҳуқуқбунёд ва муқаррар шудани принсипҳои ба амалбарории адолати судӣ, арзиши олӣ эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамзамон маҷмуи кафолатҳо доир ба таъмину иҷрои онҳо, тасдиқи марҳилаи аввали оғози ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тавре А. Имомов қайд менамояд «Воқеан, қабули Конститутсияи соли 1994 имконият дод, ки дар ҷумҳурӣ сулҳу субот барқарор шуда, ҳаёти ҷомеа ба маҷрои осоишта равона ва волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ барқарору ҳукмрон гардад. Маҳз рушди минбаъдаи меъёрҳои конститутсионӣ ба таъмин шудани адолати иҷтимоӣ шароити мусоид ба вуҷуд овард» [66, с. 342], [67].

Ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар соҳаи адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз мазмуни саҳеҳ гирифтан, тақвият ёфтан ва муайян шудани қоидаҳои самараноки амалишавии мубоҳиса, баробарии тарафҳо ва эҳтимолияти бегуноҳӣ заминаи воқеан мусоид гузошт. Дар раванд ва натиҷаи амалишавии он қоидаҳои татбиқ ва маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсия пешбинӣ гардидаасту ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ имкон дорад бо иҷозати суд, судя муқаррар шуд.

Дар заминаи амалишавии ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ «ҳуқуқи тарафҳо бобати ҷамъ кардан ва пешниҳод намудани далелҳо васеъ гардид, нисбати шахсоне, ки ба фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд мусоидат менамоянд, чораҳои самараноки ҳимояи давлатӣ пешбинӣ карда шуданд» [197, с. 87-94], вобаста ба шароити муосир, қонунгузорӣ оид ба ҳокимияти судӣ такмил, мухолифати миёни меъёрҳои қонунҳо аз байн бурда шуда, кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии маданӣ, мурофиавии иқтисодӣ

[6], Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ [7] ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар таҳрири нав қабул карда шуданд.

Баҳри дида баромадан ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ аз рӯи принсипи адолат ва беғаразӣ, ҳимояи боэътимоди ҳуқуқи шахсони манфиатдор, ки ба мурофиа ҷалб шуданд, барои ба вуҷуд оварда шудани шароити дастрасии ҳама ба адолати судӣ ва мазмуни нав бахшидан ба муқаррароти амалкунандаи мурофиавии судии ҷиноятӣ дар солҳои сипаришуда тадбирҳои судманди ҳуқуқӣ амалӣ гаштанд. Дар натиҷаи татбиқи чораҳо оид ба ислоҳоти судию ҳуқуқӣ мақоми ҳуқуқии гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда, хусусан имкониятҳои иштироки онҳо дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва умуман пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бештар гашт, ки ба амалишавии ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар маҷлиси судӣ мусоидат кард.

Новобаста аз ин дастовардҳо, дар давоми фаъолияти худ Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурожиатҳои шаҳрвандонро оид ба ҳолатҳои вайронкунии қонун ҳангоми иштироки онҳо дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дида баромада, амалияи татбиқи ҳуқуқро таҳлил намуд ва дар натиҷаи вайронкунии қонунро, ки боиси маҳдудиятҳои ғайриконститутсионӣ гаштааст, ошкор намуд [280]. Ин ва масъалаҳои дигари иштироки судшаванда дар мурофиаи судӣ ҳоло ҳам дар маркази диққати муҳаққиқон ва мутахассисони соҳа қарор дорад [71, с. 131], [60], [240].

Олимони соҳа қайд мекунанд, ки эътироф гаштани қоидаҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мазмуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дида мешаванд, аз ҷумла ба васеъ шудани имконияти тарафҳо оид ба ҷамъоварии далелҳо ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ [77, с. 34], инчунин ба амалишавии ҳуқуқу уҳдадории онҳо пешбинӣ шудаанд [193, с. 2-4], [221, с. 127-133], таъсири назаррас мерасонад.

Аз ин рӯ, таъмини дуруст, умумиҳатмӣ ва дақиқи меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои меъёри ҳуқуқии миллӣ, ки ҳуқуқу озодиҳо ва дахлнопазирии шахс, шаъну шарафи инсон ва шаҳрвандро таъмин

менамоянд, аз ҷумла дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ бевосита амали шудани, арзишҳои эътирофшудаи умумибашариро муқаррар мекунанд, дар коркарди дурнамои инкишофи санадҳои меъёрии дохили давлатӣ мавқеи марказиро ишғол мекунанд.

Ҳарчанд Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон [4] аз соли 2010 оғоз намуда, моҳияти башардӯстонаи меъёрҳои конститутсиониро идома дода, дар партави муқаррароти он, дар баробари ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳуқуқ ба дастрас будани адолати судӣ як қатор кафолатҳои мурофиавиро пешбинӣ карда бошад ҳам, атрофи масъалаи таъмини кафолати ба ҳимояи судӣ ҳуқуқ доштани иштирокчиёни мурофиа, хусусан айбдоршаванда ва судшаванда то ҳол баҳсҳои назариявӣ идома доранд.

Дар амалияи судӣ омилҳои вайронкунандаи амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ (риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳо) бартараф нашудаанд [272]. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соҳаи адолати судӣ ислоҳоти судию ҳуқуқӣ самаранок татбиқ гашта истодааст, ки мақоми ҳуқуқии айбдоршаванда ва судшавандаро, хусусан имкониятҳои иштироки онҳоро дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва умуман пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бештар кардааст. Дар баробари ин, баъзе аз ихтилоф ва маҳдудиятҳо оид ба мақоми ҳуқуқии айбдоршаванда ва судшаванда дар амалияи татбиқи ҳуқуқ то ҳол бартараф нашудаанд.

Ба таври мустақил муқаррар нашудани мақоми ҳуқуқии судшаванда, мавҷуд набудани мафҳуми судшаванда дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ фаҳмиши вазъи ҳуқуқии шахсоне, ки дар баррасии масъалаҳои мурофиавӣ ҳамчун шахси аз оқибати баррасӣ манфиатдор, мураккаб мегардонад. Чун мафҳуми судшаванда васеъ буда, ҳарчанд қонунгузор шакл ва тартиби баъзе категорияҳои парвандаҳоро алоҳида пешбинӣ карда бошад ҳам, лекин истифодаи қоидаҳоии умумии муҳокимаи судиро истисно накардааст. Аз ин рӯ, таҳлили мақом ва имкониятҳои судшаванда доир ба баррасии парвандаҳои алоҳида ба миён меояд:

– айбдоршавандае, ки пас аз таъин кардани парванда ба маҷлиси суд судшаванда номида мешавад (м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи айбдоркунии хусусӣ пеш бурда мешавад (б. 37, м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– шахсе, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст (б. 44, м. 424 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пеш бурда мешавад (б. 45, м. 442 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар ҳамаи ҳолатҳои номбаргардида, ин шахсон аз оқибати баррасии судии парванда манфиатдоранд, зеро санади судии ниҳоие, ки қабул карда мешавад ба ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо таъсир мерасонад. Бинобар ин зарурати муайян гардидани мақом ва имкониятҳои мурофиавии онҳо ба сифати судшаванда, судшавандаи ноболиғ, судшавандаи номукаллаф боқӣ мемонад.

Пешбинӣ гардидани мафҳуми шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пеш бурда мешавад, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ӯро ҳамчун иштирокчии парванда муайян карда наметавонад. Ҳарчанд қоидаҳои пешбурди парвандаҳо доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар боби алоҳида ҳамчун пешбурди парвандаҳои ҷиноятии категорияҳои алоҳида пешбинӣ шуда бошад ҳам, лекин ӯ ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ на дар моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва на дар боби 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардидааст.

Аммо тибқи м. 442 КМҶ ҶТ «шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пеш бурда мешавад» [4],

агар мувофиқи хулосаи экспертизаи судию равонпизишкӣ хусусият ва вазнинии бемории ӯ ба ин монеъ нагардад, метавонад ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 47 Кодекси мазкурро истифода барад. Аз ин бармеояд, ки ӯ ҳамчун судшаванда дар муҳокимаи судӣ ҳуқуқи иштирок карданро дорад. Пас оё зарурати муайян кардани мақоми ӯ ҳамчун судшавандаи номукаллаф ба миён меояд? Албатта масъалаи мазкур баҳснок аст, чӣ аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба тавре васеъ омӯхта нашудааст, лекин зарурати муайян кардани мақоми мурофиавии онҳо ҳамчун иштирокчии мурофиа, ки санади судии ниҳоӣ нисбати онҳо қабул мешавад, эътироф кардани онҳоро ҳамчун мақоми муайян мубрам боқӣ мемонад.

Дар мавриди шахсе, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст (б. 44, м. 424 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), мақоми ӯ ҳамчун судшавандаи ноболиғ муқаррар шуда, аммо мавқеи мурофиавии ӯ ҳамчун судшавандаи ноболиғ холӣ боқӣ мондааст.

Доир ба шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи айбдоркунии хусусӣ пеш бурда мешавад (б. 37, м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) номуайяниҳо боқӣ мондааст, зеро тибқи муқаррароти боби 37 шахсе, ки ниҳоятан ба сифати судшаванда баромад мекунад, бо мақоми гуногун истифода мешавад, ба монанди шахсоне, ки дар ҳаққи онҳо парвандаи айбдоркунии хусусӣ оғоз мегардад (қ. 4, м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); шахсеро, ки нисбати ӯ шикоят карда шудааст (қ. 4, с. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) [4]. ва баъдан дар худи ҳамин қисм пешбинӣ мешавад, ки судя ҳангоми мавҷуд будани асосҳо барои таъини маҷлиси суд вазифадор аст, шахсеро, ки нисбати ӯ шикоят карда шудааст, даъват намуда, ӯро бо маводи парванда шинос кунад ва ҳуқуқҳои судшавандаро дар маҷлиси суд, ки моддаи 47 Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, фаҳмонад. Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқҳое, ки дар м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқҳои умумии судшавандагон дар ҳар ҳолат буда, бар замми

қоидаҳои алоҳидаи пешбурд пешбинӣ гардидан, суд метавонад аз қоидаҳои умумӣ истифода намояд.

Бинобар ин, зарурати дар меъёри алоҳидаи қонун муқаррар шудани ҳолати ҳуқуқии судшаванда, муайян шудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ӯ боқӣ мемонад. Ба андешаи И.В. Смолкова [218, с. 205-210] низ қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои мурофиавӣ мақоми мурофиавии ҳар як иштирокчии парвандаро бо мақсади муайян кардани ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо бояд дақиқ муқаррар намояд. Зеро муайян шудани ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар меъёри алоҳида ин таъмини адолати судӣ, кафолати мурофиавӣ ва самаранокии истифодаи он мебошад.

Аз ин рӯ судшаванда мафҳуми васеъ дошта, иштирокчии бевосита, мустақил, ки аз оқибати баррасии парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор буда, санади судии ниҳое, ки қабул карда мешавад, ба ҳуқуқу манфиатҳои ӯ дахолат карда, тақдири минбаъдаи ӯро муайян мекунад, мебошад.

Дар амалия ҳангоми оғози муҳокимаи судӣ дар қисми омодасозии маҷлиси суд, пас аз муайян намудани шахсияти судшаванда ва сари вақт ба ӯ супурдани нусхаи фикри айбдоркунӣ (м. 300 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба судшаванда фаҳмонидани ҳуқуқҳояш (м. 302 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ мешавад ва тибқи м. 302 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон раисикунанда ба судшаванда ҳуқуқҳояшро, ки дар м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаҳои тосудии таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор аз рӯи ин меъёр ҳуқуқҳояшро ҳамчун айбдоршаванда фаҳмониданд, акнун ҳамчун судшаванда фаҳмонида мешавад, ки ин на ҳисси ҳимоя, балки айбдориро дар судшаванда ба миён меорад, зеро айбдории ӯ бо маҷмуи далелҳо аллакай дар марҳилаҳои тосудӣ ба андешаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ исбот шудааст. Бинобар он, ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳи то қабул шудани санади ниҳоии судӣ ва ба қувваи қонунӣ даромадани он амал мекунад, боқӣ мемонад. Судшаванда бояд тағйир

ёфтани мақомаш ва дар зери ҳимояи махсус қарор доштанашро эҳсос кунад. Ӯ эътимод ба адолату ҳақиқат, бе зӯроварӣ ва таҳдид, озодона, ошкоро амалӣ шудани ҳуқуқҳояшро дошта бошад.

Таҳлил ва таҳқиқоти назария ва амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки «ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бояд аз рӯи принсипи конститутсионии дастрас будани адолати судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо бо иштироки фаъоли тарафҳо роҳандозӣ шаванд» [77, с. 13-14], лекин дар амалия ва назарияи мурофиаи ҷиноятӣ то ҳанӯз масъалаҳои баҳснок боқӣ мемонанд. Бинобар ин, қоидаҳои дар ғоибии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавӣ, тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда, ки бевосита ба ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дахл доранд, таҷдиди назарро талаб мекунад.

Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда дар омехтагӣ бо «мурофиаи ғоибона», «пешбурди ғоибона» [186, с. 237-239], «мурофиаи содакардашудаи судӣ», «шакли ғоибонаи баамалбароии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» [259] ба ҳам монанд ё омехта ифода мешаванд [256]. Дар аксари ҳолатҳо ташбеҳи онҳо хусусияти муқоисавӣ доранд, лекин ин мафҳумҳо ҳаммаъно нестанд. Онҳо на танҳо аз рӯйи мазмун, балки аз рӯйи асос, талабот ва шартҳои танзими ҳуқуқӣ ва татбиқшавӣ фарқияти ҷиддӣ доранд.

Аксари муаллифон масъала ва паҳлуҳои ҷудогонаи бе иштироки судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятиро дар суди марҳилаи якум мавриди муҳокима қарор дода, аз ҷониби суд ҳал шудани масъалаҳои муҳимми мурофиавиро дар марҳилаҳои тосудӣ, кассатсионӣ ва назоратӣ дар канор мондаанд. Ҳол он ки, аз рӯйи мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ «муҳокимаи судӣ ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ» танҳо бо муқаррароти дар суди марҳилаи аввал моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намешавад.

Таҳлили назария ва меъёрҳои мурофиавии ҷорӣ оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда нишон медиҳанд, ки ғайр аз ҳолатҳои дар м. 280 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, якчанд асос ва шартҳои бе иштироки судшаванда баррасӣ ёфтани масъалаҳои мурофиавӣ дида мешаванд. Барои равшанӣ андохтан ба асос ва ҳолатҳои бе иштироки судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи назарияи дифферансатсия [262, с. 210] (ба воҳидҳои таркибӣ ҷудо кардани шакли ягона) вобаста аз шакли мурофиавии қоидаҳои муқарраршуда онҳоро ба ду намуд гурӯҳбандӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст:

1) агар дар ҷараёни маҷлиси судӣ ҳузур надоштани судшаванда хусусияти доимӣ дошта бошад, яъне судшаванда дар раванди тамоми қисмҳо ва лаҳзаҳои маҷлиси суд иштирок намекунад:

а) баррасии парванда бо мақсади сафед карда шудан ҳангоми марги айбдоршаванда, судшаванда (сархати 7, қисми 1 м. 27 КМҶ ҶТ);

б) баррасии парванда бо тартиби муқарраркардаи қ. 3 м. 280 КМҶ ҶТ, ҳангоми саркашӣ намудани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд;

в) баррасии парванда бо пешбинӣ шудани кафолатҳои иловагии мурофиавӣ, бо тартиби муқарраркардаи қ. 4 м. 280 КМҶ ҶТ, агар судшавандае берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад, баррасӣ намояд, агар ин шахс дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад;

2) Агар дар маҷлиси суд ҳузур надоштани судшаванда хусусияти муваққатӣ дошта бошад, яъне судшаванда дар раванди танҳо як қисми маҷлиси суд иштирок намекунад:

а) пурсиши судшаванда дар ғайби судшавандаи дигар (қ. 4 м. 311 КМҶ ҶТ) [4];

б) пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидаиноболиғ дар ғоибии судшаванда (қ. 3 м. 316 КМҶ ҶТ) [4];

в) аз толори маҷлиси суд берун кардани судшавандаи ноболиғ дар муддати таҳқиқи ҳолатҳое, ки ба судшавандаи ноболиғ таъсири манфӣ расониданашон мумкин аст (қ.1 м. 434 КМҶ ҶТ) [4];

г) аз толори маҷлиси суд берун карда шудани судшаванда ҳангоми риоя накардани тартибот дар толори маҷлиси суд ( қ. 2 м. 392 КМҶ ҶТ) [4].

Муаллифони дигар ҳолатҳои бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро аз рӯйи сабабҳои ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо гурӯҳбандӣ кардаанд [172, с. 233]:

1) бо сабабу шароите, ки аз иродаи тарафҳо ва ё ташаббуси суд вобаста нестанд:

а) баррасии парванда ҳангоми марги айбдоршаванда, судшаванда;

б) агар судшаванда аз рӯзи баргузории маҷлиси суд бо сабабҳои узрнок бехабар бошад, инчунин ба бемории рӯҳӣ ё бемории дигари вазнин гирифтор гашта, ҳозир шудани ӯро ба маҷлиси суд имконнопазир гардад;

2) бо сабабу шароите, ки аз иродаи тарафҳо ва ё ташаббуси суд вобастаанд:

а) имконияти пурсиши судшаванда дар ғоибии судшавандаи дигар бо ташаббуси суд, судя ё дархости тарафҳо;

б) бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси суд, судя имконияти пурсиши ҷабрдидаи ноболиғ ё шоҳид дар ғоибии судшаванда;

в) бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси суд, судя аз толори маҷлиси суд берун кардани судшавандаи ноболиғ дар муддати таҳқиқи ҳолатҳое, ки ба судшавандаи ноболиғ таъсири манфӣ расониданашон мумкин аст.

Ҳамин тариқ, баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда дар маҷлиси суд ифодаи амалишавии маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро ҳангоми ҳозир нашудани судшаванда ба муҳокимаи судӣ танзим мекунанд.

Қаблан дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (1961) дар м. 246 имконияти баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда танҳо дар ҳолатҳои истисноии зерин пешбинӣ шуда буд:

а) агар барои муқаррар карда шудани ҳақиқати ҳол оид ба парвандаи ҷиноятӣ монеъ нагардад;

б) агар судшаванда берун аз ҳудуди давлат қарор дошта, аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд саркашӣ кунад.

Викторский С.В. қайд мекунад, ки аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кардани судшаванда, ки ба муайян кардани ҳақиқати воқеӣ монеа намешавад, набояд асоси баргузории мурофиаи ғоибона дониста шавад, зеро чунин рафтори вай набояд ба ҷараёни муътадили пешбурди судӣ таъсир расонад [51, 411]. Фойницкий И.Л. низ дар он андеша буд, ки аз толори маҷлиси суд барои вайрон кардани тартибот берун карда шудани судшаванда асоси баргузории мурофиаи ғоибонаро ифода намекунад, чунки ба судшаванда иштироки ӯ дар муҳокимаи судӣ бо тарзи мубоҳисавӣ кафолат дода шуда, воқеан таъмин гаштааст [141, с. 492]. Сари вақт ҳозир нашудани судшаванда ба маҷлиси суд ё ҳузур надоштани вай бо сабабҳои узрнок дар қисмҳои аввали маҷлиси суд боиси мавқуф гузоштани муҳокимаи судӣ мегардад, лекин барои баргузории муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда асос шуда наметавонанд.

Муаллифони дигар дар муқоиса бо қоидаҳои мурофиавии гражданӣ зоҳиршавии мурофиаи ғоибонаро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, бинобар ҷой доштани ҳолатҳои зерин алоқаманд медонанд:

А) баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшавандаи дар ҳабс қарордошта, дар сурати саркашӣ кардани ӯ аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд ва муҳокимаи судӣ;

Б) баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда, дар сурати ҷой доштани сабабҳои узрноке, ки ба сари вақт ҳозиршавии судшаванда монеъ мешаванд ё ва дархости судшаванда, ки аз ҳуқуқи мурофиавии худ истифода мебарад, ки дар маҷлиси суд ва муҳокимаи судӣ шахсан иштирок карда наметавонад;

В) имконияти ғоибона қабул шудани санади судӣ, ҳукм ё таъиноти суд [235, с.42].

Дар муҳокимаи судӣ ҳузур надоштани судшаванда шарти асосии баргузории мурофиа дар ғоибии судшаванда мебошад. Аз ин рӯ, муҳаққиқ А.А. Казаков менависад, ки муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар сурати вафот кардани судшаванда, аз толори суд берун карда шудани судшаванда барои вайрон кардани тартиби маҷлиси суд шакли алоҳидаи пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ набуда, балки як шакли муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда аст [245, с. 14]. Муаллифони дигар, аз ҷумла А.С. Тукиев қайд мекунад, ки «шарти асосии баргузории мурофиа дар ғоибии судшаванда мавҷудияти маҷмуи далелҳои боэътимоди раднашаванда дар бораи тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва мавзуи исбот донисташуда, инчунин воқеияти ҳозир нашудани судшаванда мебошанд. Ғайр аз ин, ӯ қайд мекунад, ки воқеияти ҳозир нашудан ё ғоибии судшаванда бояд хоҳиш ва ё ташаббуси худи судшаванда бошад, ки сари вақт дар бораи вақт ва санаи баргузории маҷлиси суд хабардор шудааст» [223, с. 110-117].

Шарти асосии бе иштироки судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ ин тартиб ва талаботи муқарраркардаи қонун мебошад, ки барои таъмини адолат ва қонуният, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирифтани муҳокимаи судӣ, ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот шудани тамоми ҳолатҳои парванда ва ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳӣ дар содир кардани ҷиноят шароити зарурӣ фароҳам меорад. Новобаста аз он, ки танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ зарурати бе иштироки судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятии ҷиноятҳои хавфнок ва махсусан хавфнокро қонун ҳамчун воситаи таъмин карда шудани иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар кардааст, ин шарти муҳокимаи судӣ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ оиди баамалбароии адолати судӣ ва кафолатҳои констутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мухолиф нест.

Ҳамин тариқ, таҳлили назария нишон медиҳад, ки шартҳои баргузории мурофиа бе иштироки судшавандаро ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои зерин дастгирӣ кардан мумкин аст:

1) дар ҳузури ҳимоятгар ба тариқи хаттӣ аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кардани судшавандае, ки тахти ҳабс қарор дорад;

2) дар ҳузури ҳимоятгар ба тариқи хаттӣ дархост кардани судшавандае, ки нисбати ӯ чораи пешгирии ғайриҳабсӣ татбиқ шудааст;

3) имкониятҳои расмии баргардонидани судшавандае, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон қарор дорад, қаблан татбиқ шуда бошанд [199, с. 108-112];

4) агар парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бошад;

5) агар судшаванда дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад;

6) дар ҳузури ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ;

7) хусусияти истисноӣ доштани баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда;

8) судшаванда дар ҳудуди давлати хориҷӣ қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кунад;

9) агар прокурор дархост оид ба гузаронидани мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда ирсол карда бошад.

Ҳамин тавр, мавҷудияти маҷмуи маълумоти кофӣ, ваҷҳҳои гуногун оид ба имконнопазирии иштироки судшаванда, ки Кодекс пешбинӣ намудааст, асоси қабули қарор ва ё таъинот дар бораи бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Дар қонунгузории ватанӣ мурофиаи ғоибона пешбинӣ нашудааст, лекин имконияти баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда танҳо дар ҳолатҳои алоҳида пешбинӣ гашта, дар м. 280 КМҶ ҶТ ҳамчун истисно дар доираи шартҳои умумии маҷлиси судӣ оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Дар қонунгузории давлатҳои ИДМ мафҳуми «мурофиаи ғоибона» пешбинӣ шудааст, лекин мазмун ва қоидаҳои татбиқшавии он баррасии парвандаи ҷиноятиро дар ғоибии судшаванда муқаррар мекунад [27]. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ ва ФР (қ. 4 м. 280 КМҶ ҶТ, қ. 7 м. 247 КМҶ ФР) қоидаи дигар «ҳукм ва таъиноте, ки ғоибона қабул шудааст» нишон дода шудааст, ки байни мутахассисон то ҳол мавзуи баҳс қарор гирифтааст [235, с. 34]. Ба андешаи мо, дар матни қ. 5 м. 280 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода шудани «ҳукм ва таъиноте, ки ғоибона қабул шудааст» ғоибона ҷараён гирифтани муҳокимаи парвандаи ҷиноятиро дар назар надорад, лекин бо назардошти ҳолатҳои истисноии дар ҳамин меъёр нишондодашуда имконияти моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро бе иштироки судшаванда пешбинӣ кардааст:

– Ҳангоми саркашӣ намудани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд суд, судя ҳуқуқ доранд парвандаро дар ғоибии ӯ ва бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намоянд.

– Дар ҳолатҳои истисноӣ суд метавонад парвандаро оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бе иштироки судшавандае, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад, баррасӣ намояд, агар ин шахс дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад.

Ба андешаи мо, ҳамон як истилоҳи санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд як маъноро ифода намуда, мазмуни ягона дошта бошад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд. Дар санади меъёрии-ҳуқуқӣ маънои гуногунро ифода кардани як мафҳум (истилоҳот) норавост, ки он дар акси ҳол ба татбиқи нодурусти он оварда мерасонад.

Таҳлили ҳамин шарти муҳокимаи судӣ нишон медиҳад, ки дар шакли танзими ҳуқуқӣ ҳолати аввал салоҳияти судро, ки «ҳуқуқ дорад парвандаро дар ғоибии ӯ ва бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намоянд» ифода кардааст. Дар муқоиса қисми 6 м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ки судшаванда ҳуқуқ дорад дар

муҳокимаи судии суди марҳилаи якум иштирок намояд, яъне судшаванда уҳдадор нашудааст, ки ҳатман дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ иштирок намояд. Дар ҳамин меъёр муқаррар нашудааст, ки судшаванда бо даъвати суд, судя ба маҷлиси суд оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ё ҳалли масъалаҳои дигари мурофиавӣ ҳатман ҳозир шавад. Ҳарчанд м. 280 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштироки судшаванда дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ бахшида шуда бошад, ҳам меъёрҳои он бештар ба салоҳияти суд дахл доранд. Танҳо дар қисми 5 ҳамин модда пешбинӣ мешавад, ки бо дархости маҳкумшуда ё ҳимоятгари ӯ муҳокимаи судӣ дар сурати аз байн рафтани ҳолати истисноӣ бо тартиби умумӣ гузаронида мешавад. Саволе ба миён меояд, ки судшавандаи берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, ба муҳокимаи судӣ бинобар сабабҳои узрнок, ки бартараф шудани онҳо аз имконият ва иродаи ӯ вобаста нест ҳозир нашудааст, оё саркашӣ customer дониста мешавад? Оё судшаванда имконият дорад, ки бо дархост ба суд мурочиат намояд, ки баррасии парванда бо иштироки ҳимоятгар баргузор шавад? Ба андешаи мо чунин имкониятро м.м. 2, 12, 277 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, инчунин қонун муқаррар кардааст, ки мавзуи дархости тарафҳо ҳама масъалаҳои мурофиавиро, ки ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба миён меоянд, фаро гирифтааст. Ғайр аз ин, тибқи м. 12 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд, судя вазифадор шудаанд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оваранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, пешниҳод мекунем, ки ҳалли масъалаҳои номбаршуда бояд бо муқаррар карда шудани қоидаҳои зерини мурофиавӣ бартараф карда шаванд:

1) Дар м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии айбдоршаванда пешбинӣ шудааст. Нисбати ҳуқуқҳои

судшаванда қисми 6 ҳамин модда бахшида шудааст, лекин уҳдадориҳои мурофиавии судшаванда номбар нашудааст. Дар қисми 2 м. 47 муқаррар мешавад, ки пас аз таъин карда шудани маҷлиси суд оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ айбдоршаванда судшаванда номида мешавад, лекин м. 263 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ накардааст, ки дар қарори таъини маҷлиси суд ҳолати ҳуқуқии айбдоршаванда тағйир ёфта, минбаъд ӯ мақоми судшавандаро мегирад. Чунин ҳолат боиси маҳдудиятҳои зиёди мурофиавӣ нисбати судшаванда мегардад. Аз ин рӯ, ҳолати ҳуқуқии судшаванда бояд дар моддаи алоҳида (47-1 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо муқаррароти зерин пешбинӣ карда шавад:

«1.Судшаванда шахсе мебошад, ки нисбати ӯ қарори судя дар бораи судшаванда эътироф карда шудани шахс ва таъин кардани маҷлиси суд оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ қабул шудааст.

2. Қарори судя дар бораи судшаванда эътироф карда шудани шахс ва таъин кардани маҷлиси суд оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ба судшаванда ва ҳимоятгари ӯ дар давоми 24 соат эълон карда шавад.

3. Судшаванда ҳуқуқ дорад:

– дар муҳокимаи судии суди марҳилаи якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок намояд;

– дар тафтиши судӣ, музокираи судӣ иштирок кунад, сухани охирин гӯяд,

– доир ба масъалаҳои баррасишаванда арзу дархост пешниҳод намояд;

– бо протоколи маҷлиси суд шинос шавад ва ба он эрод пешниҳод намояд;

– нусхаи ҳукм, таъиноти суд ва қарорҳои судяро гирад ва нисбати амал (беамалӣ) ва санадҳои судӣ шикоят намояд;

– нусхаҳои қарорҳои эътироз ва ё шикоятовардашударо гирад;

– нусхаҳои шикоят ва дархостҳои ба парвандаи ҷиноятӣ овардашударо гирад ва ба онҳо норозигӣ изҳор намояд;

– дар баррасии масъалаҳое, ки ба иҷрои ҳукм вобастаанд, иштирок намояд;

– аз ҳуқуқҳои дигаре, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, истифода барад.

4. Судшаванда уҳдадор аст:

– бо даъвати судя, суд ба маҷлиси судӣ сари вақт ҳозир шавад;

– ба баргузории маҷлиси судӣ монеа нашавад, тартиботро дар толори маҷлиси суд риоя ва иҷро намояд;

– ба амрҳои раисикунандаи маҷлиси судӣ итоат намояд;

– дар амалҳои судӣ ва амалҳои дигари мурофиавии судӣ иштирок намояд, ба шарте ки судя, суд иштироки ӯро лозим донанд».

2) Дар м. 280 КМҶ ҶТ дақиқ муқаррар шавад, ки ҳангоми сари вақт бо даъвати суд бо сабабҳои узрнок ҳозир нашудани судшаванда ба маҷлиси суд баррасии парванда мавқуф гузошта мешавад. Ин пешниҳод пайвастагии мазмуни м.м. 47, 280, 286, 307 КМҶ ҶТ дақиқ намуда, татбиқи дурусти онҳоро таъмин мекунад.

3) Ғайр аз ин, бо мақсади татбиқи ягона ва мутобиқати мазмуни муқаррароти м.102, 113,115, 280 КМҶ ҶТ дар қисми 2 м. 280 КМҶ ҶТ салоҳияти суд дар мазмуни зайл нишон дода шавад, ки «суд, судя ҳуқуқ доранд нисбати судшавандаи бе сабабҳои узрнок бо даъвати суд ҳозирнашуда чораҳои маҷбурӣ андешанд».

4) Бо назардошти кафолати риояи ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда, ки дар м.м. 2, 277 КМҶ ҶТ муқаррар шудааст, қисми 3 м. 280 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин бояд пешбинӣ гардад:

«3. Бо дархости хаттии судшаванда ё ҳангоми саркашӣ намудани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд суд, судя ҳуқуқ доранд парвандаро бе иштироки ӯ, лекин бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намоянд».

5. Чун қоида ба сифати асоси қабули қарор ва ё таъинот дар бораи бе иштироки судшаванда барраси намудани парвандаи ҷиноятӣ маҷмуи

маълумоти кофие баромад мекунанд, ки ба суд дар бораи воқеан, бинобар ваҷҳҳои гуногун, ки Кодекс пешбинӣ намудааст, имконнопазирии иштироки судшавандаро нишон медиҳанд:

– маълумоти воқеӣ дар бораи саркашӣ намудани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта ё берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз ҳозир шудан ба муҳокимаи судӣ мебошад.

Азбаски дар назарияи муосири мурофиаи ҷиноятӣ асос ва шартҳои баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда бе назардошти унсурҳои муҳимми мурофиаи судӣ ифода шуда, баҳсҳои гуногунро ба миён овардааст, пешниҳод мекунем, ки бо тавсири саҳеҳи асосҳои ҳуқуқии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшавандае, ки аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад, эътироф карда шаванд:

а) дар қонун пешбинӣ шудани тартиби муайян ва ҳолатҳои истисноии бе иштироки судшаванда баргузор шудани маҷлиси суд;

б) воқеан ҷой доштани ҳолатҳое, ки иштироки айбдоршаванда, судшавандаро дар маҷлиси судӣ истисно намуда, дар КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд:

– аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кардани судшавандае, ки таҳти ҳабс қарор дорад;

– рад кардани ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд аз ҷониби судшавандае, ки берун аз ҳудуди ҶТ қарор дорад.

6) Шартҳои муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда қоидаҳои мурофиавие мебошанд, ки қонун дар иртибот бо риояи онҳо баргузории муҳокимаи судиро бе иштироки судшаванда ва ё айбдоршаванда раво медонад:

– дар ҳузури ҳимоятгар ба тариқи хаттӣ аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кардани судшавандае, ки таҳти ҳабс қарор дорад;

– дар ҳузури ҳимоятгар ба тариқи хаттӣ дархост кардани судшавандае, ки нисбати ӯ чораи пешгирии ғайриҳабсӣ татбиқ шудааст;

– имкониятҳои расмии баргардонидани судшавандае, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон қарор дорад, мавҷуд набошад, агар дар ҳолат ва бо тартибе, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, мақомоти дахлдори давлати хориҷӣ қонеъ кардани талабномаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба супоридани шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир карда айбдоршаванда ё судшаванда эътироф шудааст, рад карда шуда бошад;

– агар судшаванда барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин айбдор шуда бошад;

– агар судшаванда дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад;

– судшаванда дар ҳудуди давлати хориҷӣ қарор дошта аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ карда бошад.

– дархости прокурор дар бораи бе иштироки судшаванда баргузор шудани маҷлиси суд мавҷуд бошад;

– дархости хаттии судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта, ки дар ҳузури ҳимоятгар омода шудааст.

### 2.3. Зарурат ва тартиби муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ дар ғоибии судшаванда дар амалияи судҳои ҷумҳурӣ

Ба ҳар шахс дастрас будани адолати судӣ ва имконияти ҳар шахс ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ яке аз роҳҳои воқеан ва бевосита амалӣ шудани меъёрҳои конститутсионии баррасӣ ва ҳалли одилонаи баҳси байни давлат ва шаҳрванд аст, ки дар амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ аз моҳияти арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сарчашма гирифтааст.

Мутобиқи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ вазифадоранд «ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оранд, барои қонеъ намудани

талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд» [4].

Масъалаи таъмини кафолатҳои конститутсионии амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар амалишавии адолати судӣ яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи татбиқи ҳуқуқ дониста шуда, мазмун ва моҳияти он дар маркази диққати муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ қарор дорад. Ҳадафи ниҳоии ислоҳоти судӣ – ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон идома дорад, «самаранок амалӣ шудани адолати судӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ, ҳамаҷониба риоя ва ҳимоя шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад» [18].

Ҳадаф аз амалишавии санаду барномаҳои давлатии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ шуда истодаанд, на танҳо пурзӯр намудани чораҳои муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ, балки бахри ба вуҷуд овардани тағйироти куллӣ дар соҳаи адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа амалӣ мешаванд.

Ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиати иштирокчиёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро қонун кафолат додааст, лекин баробари он қонун маҳдудиятҳои муайяни мурофиавиро пешбинӣ мекунад, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ мешаванд.

Ҳуқуқ ба ҳимоя доштани судшаванда яке аз кафолатҳои адолати судӣ мебошад, ки тибқи он судшаванда ҳуқуқ дорад аз имкониятҳои ҳуқуқию мурофиавӣ, роҳу воситаҳои пешбиникардаи қонун бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ аз маҳдудкуниҳои беасос, аз айбдоркунӣ дар содир кардани ҷиноят бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шахсан, инчунин тавассути ҳимоятгар ё намояндаи қонуниашон истифода барад [70, с. 15]. Лекин дар сурати аз истифодаи ҳуқуқи худ даст кашидани судшаванда оқибатҳои мурофиавие фаро мерасанд, ки яке аз онҳо дар ҳолати саркашӣ кардани судшаванда аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд, парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки ӯ моҳиятан баррасӣ мегардад.

Тамоми қоидаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, умуман мурофиаи ҷиноятиро Искандаров З.Ҳ. «тарзи маъмули ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

аз таҷовузи ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасос маънидод мекунанд» [69, с. 33-34]. Бинобар ин, бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ тарзи маҳдуд намудани ҳуқуқу имкониятҳои судшаванда набуда, балки бо ирода ва хоҳиши судшаванда истифода нагардидани маҷмӯи имкониятҳои мурофиавӣ аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ё натиҷаи рафтори ғайриқонунии ӯ мебошад.

Р.Р. Юлдошев зинаҳои таърихии ҷорӣ шудани нишонаҳои мубоҳисаро дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ таҳлил намуда, эътибор додааст, ки қаблан дар амалияи судӣ вобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда, имконияти баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда иҷозат дода шуда буд. Дар асоси қарори Кумитаи марказии ИҶСШ аз 5 декабри соли 1934 ва аз 14 сентябри соли 1937 ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶФШС Россия ва ҶШС Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда буданд, ки тибқи онҳо судҳо вазифадор карда шуданд, ки парвандаҳои ҷиноятии оид ба ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро, ки муқобили кормандони маъмурии ҳокимияти Шуравӣ содир шудааст, инчунин парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба зиёнкорӣ ва таҳрибкорӣ (диверсия) бо ҳарчи зудтар хотима додани тафтиш ва баррасии судии онҳо бе иштироки тарафҳо гузаронида шаванд [152, с. 65].

Ҳоло тибқи қонун зарурати муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки судшаванда бо ташаббуси прокурор ҷараён мегирад. Прокурор, ки дар марҳилаи тосудӣ таъқиби ҷиноятиро идома медиҳад, ҳангоми хотима ёфтани тафтиши пешакӣ бо фикри айбдоркунӣ дар ҳолатҳои истисноӣ аз рӯйи парванда оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ки айбдоршаванда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот саркашӣ мекунад, фикри айбдоркуниро тасдиқ карда, парвандаро ба суд бо дархост оид ба гузаронидани мурофиаи судӣ бе иштироки судшаванда ирсол менамояд.

Чӣ тавре омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ таҳти рақами 94100/17 аз бойгонии суди н. И. Сомонии [279] ш. Душанбе, ки дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардидааст, нишон медиҳад, парвандаи ҷиноятии мазкур ба суд бо дархости прокурор дар хусуси дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардидани парванда ворид гардида, мавҷудияти дархости прокурор ҳамчун шарти баргузории муҳокимаи судӣ дар ғоибии судшаванда баромад мекунад, дархости прокурор бо он асоснок карда мешавад, ки судшаванда П.А. дар содир намудани ҷинояти махсусан вазнин айбдор карда мешавад ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва дар кофтукови расмӣ қарор дорад.

Ба андешаи Д.Т. Арабули прокурор дархости худро оид ба гузаронидани мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда бояд бо далелҳо асоснок намояд. Сухан дар бораи исботи ҳолатҳое меравад, ки зарурати ба суд ирсол карда шудани дархости гузаронидани мурофиаи судӣ дар ғоибии судшавандаро ба миён меоранд. Ҳақиқатан, ҳалли қонунӣ ва асосноки масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла бе иштироки судшаванда моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ бе исботи на танҳо ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, балки ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, монанди ҳолати саркашӣ кардан аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд, айбдорӣ дар содир кардани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин, дар ҳудуди давлати хориҷӣ қарор доштани судшаванда имконнопазир аст. Ба андешаи мо, эҳтимолияти (тахминан) ҷой доштани ҳолатҳои номбаршуда асоснокии дархости прокурорро таъмин намекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ маҷмуи ин гуна ҳолатҳоро мавзуи исботнамоӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ меноманд. Гурӯҳи дигари олимон ин гуна ҳолатҳоро – ҳолатҳои ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта номгузорӣ кардаанд [126, с. 67-69], [118], [56, с. 124-148], [78, с. 12], [45, с. 116], [138], [139], [94]. Бо ҳамин мақсад, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки исбот карда шудани онҳо бо ёрии далелҳо оид ба ҳар як парвандаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошад (м. 85 КМҶ ҶТ).

Лекин дар м. 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳое, ки боиси дар ғоибии судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ мегарданд, ба мавзуи исбот дохил нашудааст.

Ҳарчанд дар қонун дар бораи исбот карда шудани чунин ҳолатҳои ба ҳалли масъалаҳои дигари мурофиавӣ аҳаммиятдошта меъёри махсус пешбинӣ нашуда бошад ҳам, воқеан ҷой доштани ин ҳолатҳо қодиранд на танҳо барои исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, балки ба ҳалли масъалаҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ёрӣ расонанд. Масалан, ҳалли масъалаи мавқуф гузоштан ё боздоштани пешбурди судӣ, ё гузаронидани мурофиаи судӣ бе иштироки судшаванда, дар маҷлиси пӯшида баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои дар қонун пешбинӣ ва воқеан ҷойдошта имконпазиранд. Лекин чунин ҳолатҳо ба мавзуи исбот ё доираи ҳолатҳое, ки оид ба ҳар як парвандаи ҷиноятӣ исбот шаванд, дохил нашудааст.

А.Э. Раҳматулоев қайд мекунад, ки «мавзуи исботро ҷузъи зуҳуроти иҷтимоию табиӣ, ҳодиса, маврид, вазъият ё ҳолати муайян ташкил медиҳад, ки дар қонун дақиқ номбар шуда, муайян карда шудани воқеияти ҷой доштани онҳо барои ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ ногузиранд» [105, с. 167]. Агар ба матни м. 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор диҳем «ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳаммиятдошта» пешбинӣ шудааст, ки дар асоси далелҳо бояд муқаррар карда шаванд.

Бинобар ин, андешаҳои Д.Т. Арабули ҷоизи дастгирӣ аст, ки дархости прокурор оид ба гузаронидани мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда бояд «бо далелҳо асоснок карда шавад, дар акси ҳол суд ин дархостро набояд қонеъ намояд» [44, с. 112], [161, с. 13-18]. Ҳаминро бояд илова намоем, ки бе иштироки судшаванда дар ҳолатҳои истисноӣ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, дар асарҳои Арабули Д.Т. ва муаллифони дигари русиягӣ [44], [257], [244], як намуди «пешбурди ғоибонаи парвандаи ҷиноятӣ» баён мешавад, ки

баҳснок буда, ба хулосаҳои ғалату нодуруст оварда мерасонад. Сабаби онҳоро дар сатҳи танзимоти меъёрии ҳуқуқӣ дар ФР дидан мумкин аст. Ҳарчанд Конститутсияи ФР (м. 123) мурофиаи ғоибонаи судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ манъ карда бошад ҳам, дар ҳамин меъёр мурофиаи ғоибонаро «дар ҳолатҳое, ки қонуни федералӣ пешбинӣ кардааст», иҷозат медиҳад.

Муаллифони дигар зарурати гузаронидани мурофиаи судӣ бе иштироки судшавандаро ба якчанд омилҳо вобаста кардаанд:

1) бо риояи тартиби умумӣ ғайриимкон будани иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, бинобар:

а) берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани судшаванда ва аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ кардани ӯ;

б) сабабҳои дигаре, ки иштироки ҳатмии судшавандаро дар маҷлиси суд ғайриимкон мегардонанд [260, с. 78].

2) «зарурати баргузории мурофиаи судӣ бе иштироки судшаванда оид ба парвандаҳои ҷиноятии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои истисноӣ» [257, с. 45-46].

3) зарурати баргузории мурофиаи судӣ бе иштироки судшаванда оид ба парвандаҳои ҷиноятии алоҳида.

В.В. Рябчиков, В.В. Левичева ва М.Г. Решняк чунин қайд мекунанд, ки ҳузур надоштани судшаванда дар мурофиаи судӣ асоси мавқуф гузоштани адолати судӣ шуда наметавонад, баръакс мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми саркашӣ кардан ё пинҳон шудани судшаванда ҳам идома меёбад [194, с. 14], [253, с. 16-18]. Ин нуқтаи назари муаллифон аз талаботи меъёрҳои байналхалқӣ сарчашма гирифтааст [25, с. 589-596], [26].

Муалифони дигар монанди Л.А. Лапинина, А.П. Гускова ва Л.Ю. Шербакова имконияти баргузории маҷлиси суд бе иштироки судшавандаро, ки бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудааст, натиҷаи таъсиррасонии мурофиавӣ ба рафтори ӯ медонанд, то ки судшаванда нисбати ҳокимияти судӣ ва адолати судӣ беэҳтиромӣ зоҳир накунад. Онҳо қайд кардаанд, ки баргузории

мурофиаи судӣ бе иштироки судшаванда боиси сарфаи хароҷоти молиявии давлат ҳам мегардад [192, с. 62-63], [226, с. 15-17].

Ба андешаи П. Кукушкин, В. Курченко, В.В. Левичева, В.В. Рябчиков ва дигарон қабул шудани ҳукм дар ғоибии судшаванда имконияти самаранок амалӣ шудани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба ошкор кардани ҷойи қарор доштани маҳкумшудаи пинҳоншуда ва маҷбуран баҳри иҷрои ҳукм ҳозир кардани шахси расман гунаҳгор эътирофшудаpо дар сатҳи ҳамкориҳои байнидавлатӣ низ зиёд мегардонад [191, с. 16-18], [194, с. 12-15], [275].

Муҳаққиқони ватанӣ Ш.Ф. Искандаров, П.А. Исозода, И.И. Зиёваддинов қайд кардаанд, ки ҳама гуна вайронкунии қонун ё риоя ва иҷро накардани қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз тарафи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ногузир маҳдуд карда шудани ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро ба миён меорад, то ки иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ сари вақт таъмин карда шаванд [184, с. 35-41].

Ба андешаи мо, бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, бинобар аз ҳозиршавӣ ба суд саркашӣ кардани ӯ чораи маҳдудкунии ҳуқуқу озодӣ ё манфиати судшаванда ё чораи таъсиррасонии мурофиавӣ ба рафтори ӯ ба шумор намеравад, зеро барои бартараф карда шудани чунин ҳолатҳо қонун чораҳои маҷбуран овардан ва татбиқи чораи пешгириро муқаррар кардааст.

Бинобар ин, бе иштироки судшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтани парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун шакли татбиқи чораи маҷбурнамоӣ барои саркашӣ кардан аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ набояд маънидод карда шавад, зеро судшаванда (масалан, дар ҳабс қарордошта) озодона, яъне мустақилона аз рӯйи хоҳиш ва иродаи худ аз имкониятҳои дар қонун пешбинӣ шуда бояд истифода намояд, аз ҷумла аз ҳуқуқ ба иштирок дар маҷлиси суд. Зеро ангеза, мақсад, андеша, эътиқод ва хоҳишу иродаи шахс ҷузъи муҳити ботинӣ аст, ки бо меъёри расмӣ танзим намешаванд [217, с. 4-14].

Таъмини волоияти мақоми инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки давлат кафолат додааст, аз ҷумла дар соҳаи адолати судӣ, ба андешаи мо танҳо дар натиҷаи таъмин ва риояи волоияти ҳуқуқу озодиҳо ва масъулияти ҳуқуқӣ имконпазир аст. Бодарназардошти он, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олианд ва дар низоми ҳуқуқии миллӣ ҳимояи он ҳамчун маҳаки марказӣ шакли расмӣ ва умумиҳатмӣ гирифта, шаклҳои дигари танзими ҳуқуқиро дар атрофи худ муттаҳид кардааст [59], [92].

Дар санадҳои байналхалқӣ низ «иштироки судшаванда» чун ҳуқуқи судшаванда дар маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз айби эълоншуда пешбинӣ мешавад. Иштироки бевоситаи судшаванда дар муҳокимаи судӣ дар дигар ҳолатҳо ҳамчун шарти баргузории муҳокимаи одилонаи судӣ маънидод мешавад. Дар м. 10 Эъломияи ҳуқуқи башар пешбинӣ шудааст, ки «ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, аз рӯйи тамоми талаботи адолатнокӣ, баррасӣ намояд» [24]. Ҳуқуқи судшаванда дар мурофиаи судӣ дар Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (м. 14) низ пешбинӣ мешавад, ки тибқи он риояи ҳуқуқҳои судшаванда кафолат дода мешавад [21, с. 17], ба монанди:

А) дар муҳокимаи судӣ ҳуқуқу манфиати худро шахсан ё бо ёрии ҳимоятгар ҳимоя намояд;

Б) бо айби эълоншуда, шинос карда шуда бошад;

В) баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ вақт ва имконияти кофии омода шуданро ба маҷлиси суд дошта бошад ва ғайраҳо.

Чӣ тавре дида мешавад «иштироки судшаванда» чун ҳуқуқи судшаванда дар маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ кафолатҳои ба судшаванда пешниҳод шудани имкониятҳои мурофиавиро дарбар гирифтааст. Судшаванда бо иштироки худ дар муҳокимаи судӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ уҳдадор нест бегуноҳии худро исбот намояд, баръакс исботи гунаҳгории судшаванда дар содир кардани ҷиноят ба зиммаи айбдоркунанда вогузор мешавад [129, с. 12]. Бинобар ин, дар маҷлиси

суд моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда бояд бо ташаббуси тарафи айбдоркунанда раво дониста шавад.

Н.М. Қаҳоров қайд мекунад, ки маҳз бо иштироки худ судшаванда ҳуқуқи пешниҳоди далелҳо, имконияти рад кардани айби эълоншуда, ғайри қобили қабул эътироф кардани далелҳои пешниҳодкардаи тарафи айбдоркунанда, имконияти раддия баён кардан ва пешниҳоди дархости пурра кардани маводҳои парвандаи ҷиноятиро дорад, то ки баробарӣ ва мубоҳиса, одилона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ таъмин карда шаванд [77, с. 115-116]. Яъне судшаванда ҳангоми иштироки бевосита дар маҷлиси суд ҳуқуқ дорад аз имкониятҳои мурофиавӣ истифода намояд, лекин уҳдадор нашудааст. Судшаванда ҳуқуқ дорад нишондод диҳад, вай огоҳ карда мешавад, ки тамоми гуфтаҳои ӯ, мумкин аст, ба муқобили ӯ истифода шаванд.

Таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки тартиби муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ дар ғоибии судшаванда аз рӯйи қоидаҳои умумӣ амалӣ мешавад, зеро ҳарчанд тибқи қонунгузорӣ муайян кардани асос, шарт ва зарурти баррасии парванда дар ғоибии судшаванда (бе иштироки судшаванда) муайян гардад ҳам, тартиби алоҳидаи баррасии парванда дар ғоибии судшаванда дида намешавад. Дар муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ дар ғоибии судшаванда на ҳамаи қоидаҳои умумӣ амалӣ мешаванд, ки он бо дар ғоибии судшаванда баррасӣ шудани парванда вобаста мебошад.

Тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, ки дар ғоибии судшаванда сурат мегирад, сарфи назар шудани баъзе аз қоидаҳои муқарраркардаи қонунро дар қисмҳои алоҳидаи маҷлиси судӣ ба вуҷуд меорад, ба монандӣ: дар қисми омодасозии маҷлиси судӣ тибқи м. 302 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судшаванда фаҳмондани ҳуқуқҳояш; дар қисми тафтиши судӣ ин қоидаҳои қ. 2 м. 308 КМҶ ҶТ, м. 311 КМҶ ҶТ пурсиши судшаванда, м. 312 КМҶ ҶТ эълони нишондоди судшаванда (дар ҳолати дар марҳилаҳои тосудӣ низ иштирок надоштан); дар музокираи судӣ ин қоидаи

м. 329 КМҶ ҶТ сухани охирини судшаванда буда, лекин қоидаи таъмини иштироки ҳатмии ҳимоятгар ҳамчун тарафи ҳимоя кафолати амалӣ шудани қоидаҳои дар асоси мубоҳиса, баробарии тарафҳо ва одилона баррасӣ шудани парвандаҳоро то андозае таъмин мекунад.

Аз ин рӯ, қоидаи иштироки ҳатмии ҳимоятгар дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, ки дар ғоибии судшаванда баррасӣ ва ҳал мешаванд, шарти таъмини тараф дар муҳокимаи судӣ ва кафолати амалишавии принсипҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (адолати судӣ) буда, талаботи қоидаҳои ҳамаҷониба, пурра ва холисона баррасӣ шудани парванда ва ҳал шудани масъалаҳои мурофиавиро таъмин мекунад.

Бинобар ин, тибқи қ. 3 м. 280 КМҶ ҶТ ҳангоми саркашӣ намудани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд суд, судя ҳуқуқ доранд парвандаро дар ғоибии ӯ ва бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намоянд, пешбинӣ гардида, аммо дар қ. 4 ҳамин модда, ки тибқи он суд метавонад парвандаро оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бе иштироки судшавандае, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад, баррасӣ намояд, иштироки ҳатмии ҳимоятгар пешбинӣ нагардидааст. Лекин дар м. 300 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст раисикунанда муайян мекунад, ки оё дар ҳолатҳои дар қисми 4 моддаи 280 Кодекси мазкур ба ҳимоятгар нусхаи фикри айбдоркунӣ ё қарори мақомоти таҳқиқ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ супурда шудааст ва кай ин кор анҷом дода шудааст, аз ин бармеояд, ки тибқи қ. 4 м. 280 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳокимаи судии парванда бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар сурат мегирад. Бинобар ин, ба андешаи мо хуб мешуд қ. 4 м. 280 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли зайл тағйир дода шавад «Дар ҳолатҳои истисноӣ суд метавонад парвандаро оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бе иштироки судшавандае, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи

судӣ саркашӣ мекунад, бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намояд, агар ин шахс дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад».

Ҳамзамон бо мақсади мутобиқ гардонидани меъёри қ. 4 м. 280 КМҶ ҶТ бо меъёри қ. 1 м. 51 КМҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ медонем агар дар меъёри қ. 1 м. 51 КМҶ ҶТ тағйирот дар шакли зайл ворид шавад: «айбдоршаванда, судшавандаи берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот ва муҳокимаи судӣ саркашӣ кунад».

Бо дарназардошти зарурат ва тартиби муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ дар ғоибии судшаванда дар амалияи судҳои ҷумҳурӣ ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Зарурати дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, бинобар аз ҳозиршавӣ ба суд саркашӣ кардани ӯ, пеш аз ҳама, ин таъмини баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ аст, ки масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ва ногузирии таъини ҷазои ҷиноятӣ сари вақт, асоснок ва одилона мавриди муҳокима қарор гирад. Баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузи ҷиноят ҳамчун таъинот ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ назар ба рафтори зиддиҳуқуқӣ, хоҳиш ва иродаи судшаванда афзалияти арзишу манфиати ҷомеа ва таъмини адолати иҷтимоиро нишон дода, зарурати дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро раво медонад, лекин беасос ва ғайриқонунӣ маҳдуд карда шудани ҳуқуқи судшавандаро истисно мекунад.

2. Тибқи м.м. 280, 286, 307 КМҶ ҶТ ҳангоми сари вақт ба маҷлиси суд ҳозир нашудани судшаванда баррасии парванда бояд мавқуф гузошта шавад. Барои таъмини кафолатҳои мурофиавии судшаванда, инчунин бо мақсади татбиқи дуруст ва риояи дақиқи қоидаҳои номбаршуда пешниҳод мекунем, ки:

– Қисми 1 м. 280 КМҶ ҶТ бо тағйироти зерин пешбинӣ шавад:

«... Ҳангоми бо сабабҳои узрнок сари вақт ба маҷлиси суд ҳозир нашудани судшаванда баррасии парванда бояд мавқуф гузошта шавад».

3. Дар қисми 2 м. 280 КМҶ ҶТ салоҳияти суд ҳангоми бе сабабҳои узрнок сари вақт ба маҷлиси суд ҳозир нашудани судшаванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ пешбинӣ шудааст, лекин маҳз кадом ҳолатҳо сабаби узрнок дониста мешаванд, ки татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавиро истисно мекунанд, номбар нашудаанд. Бинобар ин, дар қ. 2 м. 280 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ карда шавад:

«Сабабҳои узрноки саривақт бо даъвати суд, судя ҳозир нашудани судшаванда ба маҷлиси суд инҳо мебошанд:

– беморӣ, ки ҳозир шудани судшавандаро номумкин месозад;

– фавтидани хешовандони наздики судшаванда;

– офатҳои табиӣ ва ё садамаи техногенӣ;

– хабардор нашудани судшаванда;

– ҳолатҳои дигаре, ки ҳозир шудани судшавандаро номумкин месозанд ва бартараф карда шудани онҳо аз судшаванда вобаста нестанд».

4. Мувофиқи қисми 3 м. 286 КМҶ ҶТ кофтукови судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти (қарори) суд эълон карда мешавад. Ба андешаи мо истилоҳи «кофтуков» дар матни қ. 3 м. 286 КМҶ ҶТ ихтилофи ҷиддиро ба миён меорад, зеро кофтуков амали тафтишотӣ эътироф шудааст, лекин мутобиқи қарори судя барои ҷустуҷӯ, ошкор ва дастгир кардани судшавандаи пинҳоншуда чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ андешида мешаванд, на амали тафтишӣ. Бо мақсади татбиқи ягона ва дақиқи ин қоида ва воқеан амалишавии меъёри мазкур бояд аз матни ҳамин меъёр истилоҳи «кофтуков» бояд бо истилоҳи «ҷустуҷӯ» иваз карда шавад, зеро судшавандаи пинҳоншуда ё ҷойи будубошаш номаълум бо чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки бо қарори судя ё таъиноти суд эълон ва амалӣ мешавад, ки дар натиҷа ҷустуҷӯ, ошкор ва дастгир карда мешавад. Бинобар ин, дуруст мешуморем агар меъёри қисми 3 м. 286 КМҶ ҶТ дар шакли зерин ифода карда шавад: «Ҷустуҷӯи судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти суд (қарори судя) эълон карда мешавад».

5. Бо мақсади таъмини кафолатҳои мурофиавии судшаванда, муайян кардани тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки судшаванда пешниҳод мекунем, ки: қ. 4 м. 280 КМҶ ҶТ дар шакли зайл тағйир дода шавад. «Дар ҳолатҳои истисноӣ суд метавонад парвандаро оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бе иштироки судшавандае, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад, бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намояд, агар ин шахс дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад».

6. Бо мақсади мутобиқ гардонидани меъёри қ. 4 м. 280 КМҶ ҶТ бо меъёри қ. 1 м. 51 КМҶ ҶТ дар меъёри қ. 1 м. 51 КМҶ ҶТ тағйирот дар шакли зайл ворид шавад: «айбдоршаванда, судшавандаи берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот ва муҳокимаи судӣ саркашӣ кунад».

# БОБИ 3. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ БЕ ИШТИРОКИ АЙБДОРШАВАНДА (СУДШАВАНДА): ҶАНБАҲОИ АМАЛӢ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ОН

## 3.1. Ҳалли масъалаҳои татбиқи чораи маҷбурии мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда (судшаванда)

Тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ кафолат дода шудааст, лекин дар баробари он қонун баъзе аз маҳдудиятҳои муайяни мурофиавиро раво донистааст, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ татбиқи онҳо имконпазир аст.

Риояи дақиқи тартиби тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, иҷрои дахлдори ҳукм ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар доираи талаботи қонун ҳуқуқ дода шудааст, ки танҳо дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун нисбат ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда чораҳои маҷбурии мурофиавиро татбиқ намоянд. Имконияти татбиқ шудани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, дар амалия ва назария зарурати муайян кардани асосҳои воқеӣ, ногузирӣ ва қобили қабул будани татбиқи онҳо, инчунин муайян кардани андоза ва ҳадди таъсирасонӣ ва меъёри маҳдудкунии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба миён меоварад.

Раванди амалӣ (риоя, иҷро ва татбиқ) шудани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ягона ва умумӣ нест, зеро онҳо дар як вақт ҳам дар ҷараёни исбот, ҳам дар таъмини қонуният ва татбиқи меъёри ҳуқуқӣ ва ҳам дар самти таъмини кафолати мурофиавӣ, инчунин ҳамчун воситаи пешгирии кирдори зиддиҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ татбиқ мешаванд. Илова ба ин, муҳим аст, ки ҳам талаботи ҳуқуқӣ, тартиби ягона ва дақиқи татбиқи онҳо ва ҳам аз ҷиҳати меъёрҳои маънавӣ, риояи эҳтироми

шаъну шарафи шахс, хусусан ҳуқуқи ҳимоя ва кафолатҳои дигари мурофиавӣ нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда таъмин гарданд.

Муаллифони ватанӣ чораҳои маҷбурии мурофиавиро, пеш аз ҳама вобаста ба таъиноти мурофиавӣ, ба чунин гурӯҳҳо ҷудо карданро мувофиқи мақсад донистаанд: дастгир кардан (м.м. 91-100 КМҶ ҶТ), чораҳои пешгирӣ (м.м.101-112 КМҶ ҶТ), чораҳои дигари маҷбурӣ (м.м. 113-118 КМҶ ҶТ) [93, с. 197], [103, с. 173].

Қаблан муаллифони дигар, масалан И.И. Карпетс, А.В. Наумов ба чораҳои пешгирӣ ҳамчун ибтидо ва ниҳоят як намуди масъулияти ҳуқуқии мурофиавӣ ва унсури ҷавобгарии ҷиноятӣ баҳо додаанд [84, с. 23], [208, с. 276-279]. Бо ин нуқтаи назар ҳам розӣ шуда наметавонем. Зеро, ки татбиқи чораи пешгирӣ ҷузъ ё ибтидои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё ҷазоро ифода намекунад ва набояд чун чораи таъсиррасонии пешакӣ шахсро ба айбдоркунӣ моил ё ба худайбдоркунӣ маҷбур намояд. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда амали мурофиавӣ буда, лекин чораи маҷбурӣ нест, ҷазои ҷиноятиро бошад, суд нисбати шахсоне, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешаванд, таъйин мекунад.

Чораҳои пешгирӣ як намуди тадбири маҷбурии таъсиррасонӣ ба рафтори иштирокчиёни мурофиа буда, дар доираи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ татбиқ мешаванд ва баробари хотима ёфтани он бекор мешаванд, ҷазои ҷиноятӣ бошад тибқи қонуни ҷиноятӣ татбиқ мешавад ва аз доираи танзими ҳуқуқии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ берун аст. Аз ҷониби дигар, чораҳои пешгирӣ бо ташаббуси мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор) вобаста ба рафтори гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеа мешаванд, интихоб ва татбиқ мекунанд, ҷазои ҷиноятиро бошад суд дар сурати гунаҳгор эътироф шудани шахс таъин мекунад. Ин салоҳияти истисноии суд аст.

Бинобар хулосаҳои номбаршуда, таҳлили масъалаҳоеро идома медиҳем, ки ҳалли онҳо ба интихоб ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ таъсир мерасонад ва метавонанд ҳуқуқу манфиати гумонбаршаванда,

айбдоршаванда ва судшавандаро беасос, бар хилофи кафолатҳои пешбинишудаи мурофиавӣ маҳдуд намоянд ва ба амалишавии онҳо монеъ шаванд.

Доир ба паҳлуҳои гуногуни масоили мазкур олимони рус А.П. Рижаков, А.Д. Назаров, Н.В. Ткачёв ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд [120], [200, с. 92-99], [134], [88], [83], [79].

Ба ҳабс гирифтан дар низоми чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, яке аз чораҳои пешгирӣ, ки бо иҷозати суд нисбат ба гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда бо дархости муфаттиш ва розигии прокурор татбиқ мешавад (м. 111 КМҶ ҶТ). Ба андешаи муаллифон, ҳадафи татбиқ шудани ба ҳабс гирифтан ин пешгирии ҳолатҳое, ки асоси татбиқи ин чораро ташкил медиҳанд, мебошад [80, с. 16].

Тибқи қонун дар қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бояд асос ва сабабҳое, ки аз рӯйи он зарурати ба ҳабс гирифтани гумонбаршуда, айбдоршаванда ба миён омадааст ва интихоби чораи дигари пешгирӣ ғайриимкон аст, дарҷ карда шавад.

Дар матни м. 102 КМҶ ҶТ мутобиқ ба м. 72 КМҶ ҶТ «далелҳо» маълумоти ҷамъовардашуда, ки шакли мурофиавӣ гирифтааст (тарафи зоҳирӣ) ифода ёфтааст, мазмуни ин маълумот, агар воқеан ҷой доштани ҳолатҳои (муайянкардаи қонунро) аҳаммияти ҳуқуқӣ доштаро инъикос намояд, кофӣ дониста мешавад. Бинобар ин, ҳолатҳои дар қонун пешбинӣ шуда (маслан, дар м. 102 КМҶ ҶТ номбар шудаанд, ки қисми 1, м. 111 КМҶ ҶТ онҳоро илова кардааст), бо далелҳо тасдиқ шудааст, ки асоси воқеӣ ва кофии интихоб ва татбиқи ба ҳабс гирифтан шуда метавонанд.

Ҳамзамон, дар матни м. 102 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудани имконияти гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ки «метавонанд» аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд «пинҳон» шаванд, ба хулоса меорад, ки истилоҳи «метавонанд» чун пешгӯии эҳтимолияти рафтори минбаъда, ки амалишавии он тахминӣ аст, мумкин аст

нисбати ҳама гумонбаршудагон, айбдоршаванда ва судшавандаҳо ва ҳама гуна рафтори ояндаи онҳо мутобиқ ва раво дониста шавад.

Истилоҳи «пинҳон» шудан низ мумкин аст нисбат ба ҳама гуна рафтори гумонбаршудагон, айбдоршаванда ва судшавандаҳо муносиб дониста шавад, зеро тахмин меравад, ки онҳо ҷойи қарор доштани худро аз дигарон махфӣ нигоҳ доранд, ё кӯшиш намоянд, ки ҷойи қарор доштани онҳо номаълум бошад, ё муайян карда нашавад [214, с. 244-247]. Бинобар пешбинӣ шудани чунин меъёр ва ислоҳоти аз рӯйи мазмун эҳтимолии фарогир, ба мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оид ба интихоб ва татбиқи чораи ба ҳабс гирифтан салоҳияти беҳад васеи «пешгирии» вайронкунии қонун дода шудааст, то ки имконияти қонунии маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро дошта бошанд, ҳатто агар онҳо бо рафтори имрӯза ё гузаштаи худ ягон кӯшиши ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ халалрасонӣ ва монеа эҷод карданро надошта бошанд. Тавре, ки ҳадди ҳуқуқ ва озодӣ бо меъёр муайян шудааст, чораҳои маҳдудкунӣ, маҷбурӣ ва асосҳои татбиқи онҳо низ бояд ҳадду ҳудуди дақиқ дошта бошанд.

Дар муқоиса, сархати 2, қисми 1, м. 102 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рафтори гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда фарорасии воқеии оқибати дақиқро (бе сабабҳои узрнок сари вақт ҳозир нашудан, нобуд кардан, пинҳон ва ё сохтакории далелҳо, таҳдид ё таъсиррасонии ғайриқонунӣ ва ғ.) пешбинӣ мекунад, ки мантиқан исбот кардани онҳо бо ёрии далелҳо имконпазир ва ногузир аст.

Ҳамин тариқ, ба қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бояд маводе (далелҳое), ки на танҳо асоснок будани (ҳолатҳои воқеан ҷойдоштаро) дархостро тасдиқ менамояд, балки сабаб, зарурат ва ғайриимкон будани татбиқи чораи дигари пешгириро тасдиқ мекунанд, ҳамроҳ карда шавад, ки кофӣ будани маводи ба суд пешниҳодшуда ва асоснокии қарорро нишон диҳанд.

Тарафи дигари масъала, он аст, ки оё гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва ҳимоятгари онҳо имконияти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худро аз дархости ба суд пешниҳодшудаи татбиқи ба ҳабс гирифтанро доранд?

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва ҳимоятгари онҳо пеш аз интихоб ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ инҳо кафолат дода мешавад:

– ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии онҳо, оқибати риоя ва иҷро нашудани онҳо фаҳмонида шаванд;

– ба онҳо барои бо маводи ба суд пешниҳодшаванда имконияти шинос шудан дода шавад;

– дар муҳокимаи ошкорои судии баррасии қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани мӯҳлати он бевосита иштирок кунанд ва барои асоснок кардани мавқеи худ ба суд далелҳо пешниҳод намоянд;

– дар мурофиаи судӣ аз тамоми имкониятҳои мурофиавии ба тарафҳо кафолатдодашуда истифода баранд;

– бо протоколи маҷлиси суд шинос шаванд ва ба он эрод пешниҳод намоянд;

– аз қарори судя дар бораи ба сифати чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан бо тартиби кассатсионӣ шикоят кунанд.

Омӯзиши амалияи судҳои ҷумҳурӣ нишон додааст, ки татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан нисбат ба айбдоршаванда ва судшаванда чи дар марҳилаҳои тосудии пешбурди парванда ва чи дар марҳилаҳои судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ҷой дорад. Лекин дар сурати иштирок накардани гумонбаршуда, айбдоршаванда дар баррасии қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани мӯҳлати он аз ҷониби суд таъмини кафолатҳои мурофиавии пешбинӣ гардида, нисбати гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда имконнопазир мегардад. Таҳлили амалияи

интихоб кардани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан нишон медиҳад, ки бе иштироки гумонбаршаванда ва айбдоршаванда дар марҳилаи тафтиши пешакӣ бо дархости муфаттиш ва розигии прокурор интихоби чораи пешгирӣ аз ҷониби судҳо иҷозат дода мешавад. Масалан, омӯзиши амалияи судӣ дар ш. Бӯстон нишон медиҳад, ки соли 2023 бо дархости муфаттиш дар бораи иҷозат додан барои татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс (дар дархости муфаттиш ва қарори суд «ғоибона» пешбинӣ шудааст) [278] гирифтани айбдоршаванда М., ки нисбати ӯ бо моддаи 154 қисми 1 КҶ ҶТ айб эълон шудааст ва аз тафтишот пинҳон шудаасту дар ҷустуҷӯ қарор дорад муҳокимаи ошкори судӣ гузаронида шуда, дар он прокурор ва муфаттиш дархостро дастгирӣ намуда, аз суд қонеъ намудани онро, ҳимоятгар бошад рад кардани қонеъгардонии онро аз суд пурсидаанд. Суд маводу далелҳои дархостро омӯхта, баромади прокурор ва ҳимоятгарро шунида, дархостро қонеъ кардааст, ки ҳамингуна ҳолатҳо дар судҳои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд [276], ноҳияи Б.Ғафуров [273], ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд [274], ноҳияи Айнии [277] вилояти Суғд ҷой доранд. Масъалаи дигар, ин дар санади мурофиавии қарор дар бораи иҷозат додан барои интихоб кардани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан ишора шудани истилоҳи «ғоибона», ки дар меъёрҳои аз ҷониби суд татбиқ намудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ м. 35, м.111, ки дар он «... ё ин ки онҳо аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда бошанд ё чораи пешгириро риоя накарда бошанд» ва дар қ. 3, м. 232 КМҶ ҶТ «... нисбат ба айбдоршавандаи дар ҷустуҷӯ қарордошта чораҳои пешгирӣ татбиқ кардан мумкин аст» пешбинӣ шуда бошад ҳам, лекин истилоҳ ва қоидаи «ғоибона» пешбинӣ нагардидааст. Чӣ тавре, ки дар боло қайд намудем шакли мурофиаи ғоибона оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ё пешбурди ғоибона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Илова шудани истилоҳи ғоибона дар қарорҳои мурофиавӣ ифодаи ғалати қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузориро ба миён меорад, ки бояд ин дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ бартараф карда шавад.

Ғайр аз ин, аз нигоҳи мо барои таъмини воқеии кафолати ҳуқуқи гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ба ҳимоя бояд дар қонун пешбинӣ гардад, ки:

А) гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва ҳимоятгар бояд бо қарор ё дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё тарафи айбдоркунанда ва маводе, ки асоснокии дархостро тасдиқ менамоянд, то муҳокимаи судӣ шинос карда шаванд ё нусхаи қарор супорида шавад (қисми 2 м.111 КМҶ ҶТ), ки имконият ва вақти ба ҳимоя тайёр шуданро [249, с. 31], [57, с. 12] дошта бошанд;

Б) бо мақсади таъмини риояи тартиби ягона ва умумии амалишавии меъёрҳои мурофиавӣ ва бартараф кардани ҳолати бе иштироки айбдоршаванда баррасӣ шудани масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, тибқи қисми 3, м. 232 КМҶ ҶТ нисбат ба айбдоршавандаи дар ҷустуҷӯ қарордошта татбиқ кардани чораҳои маҷбурии дастгир кардан ва маҷбуран овардан иҷозат дода шавад.

В) дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 111 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бо иштироки айбдоршавандаи дастгиршуда (ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда ё чораи пешгирии қаблан татбиқшударо риоя накарда) ва ҳимоятгари ӯ имконпазир дониста шавад;

Г) агар масъалаи ба ҳабс гирифтани судшаванда дар марҳилаҳои судӣ пайдо шавад, дар ин маврид судя ё суд бояд ин масъаларо бо дархости тарафҳо ва иштироки онҳо ҳал намуда, дар ин бора қарор ё таъинот барорад, то ки бо ташаббуси суд, судя бе иштироки тарафҳо (масалан, дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд) татбиқ карда шудани ба ҳабс гирифтани судшаванда истисно карда шавад.

Масъалаи дигаре, ки бе иштироки айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ ҳал мешавад татбиқи муваққатан дур кардан аз вазифа мебошад. Бо мақсади таъмини тартиби пешбинишудаи тафтиш ва мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, иҷрои дахлдори ҳукм таҳқиқбаранда, муфаттиш,

прокурор ё суд, судя дар доираи салоҳияти худ дар ҳаққи айбдоршаванда ғайр аз чораҳои пешгирӣ чораи дигари маҷбурии мурофиавӣ муваққатан дур кардан аз вазифаро татбиқ мекунанд (м. 114 КМҶ ҶТ).

Муваққатан дур кардан аз вазифа чораи интизомӣ нест, аз вазифа озод кардан ё аз ҷониби маъмурият қатъ кардани қарордоди меҳнатиро ифода намекунад. Мазмуни ин чора аз он иборат аст, ки ба айбдоршаванда новобаста аз хоҳиш ва иродаи вай (яъне маҷбурӣ) муваққатан иҷро намудани ваколат ё машғул шудан ба фаъолияте, ки ӯ пештар анҷом медод, манъ карда мешавад.

Ба андешаи муаллифон А.Э. Раҳматулоев, К.Т. Мухторов ва Н.М. Қаҳоров шахсони номбаршуда ҳангоми иҷрои вазифаҳои ишғолкардаи худ метавонанд ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеа эҷод намоянд (бо роҳи сӯиистифодаи ваколат, мансаб, таҳриф ва сохтакории ҳуҷҷатҳо, нобуд кардани далелҳо, таҳдид ё фишороварӣ нисбати шоҳид ё ҷабрдида, ки таҳти тобеияти ӯ қарор доранд, маслиҳат ва созиш оид ба ғалат баён кардани ҳолатҳои муайян ва ғ.) [107, с. 224-225].

Муваққатан дур кардан аз вазифа ҳамчун чораи маҷбурии мурофиавӣ хусусияти таъсиррасонӣ, таъминкунанда, муваққатӣ ва пешгирикунандаро дорад, ки татбиқи он танҳо нисбати айбдоршаванда бо ташаббуси муфаттиш розигии прокурор ва иҷозати суд имконпазир аст, лекин ҳангоми интихоб ва татбиқи он ҳам, набояд ҳуқуқу манфиати айбдоршаванда бе асос маҳдуд карда шавад.

Ба андешаи мо, барои таъмини кафолати ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳифзи судӣ муваққатан дур кардан аз вазифа нисбати на танҳо айбдоршаванда, балки вобаста ба таъмини иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ ва вазъияти тафтишот, нисбати гумонбаршуда ё судшаванда ҳам татбиқ гардад, агар қарори муфаттиш (судя) бинобар ҷой доштани ҳолатҳои зерин асоснок гардад:

А) Пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, мувофиқан ҳолати ҳуқуқии гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, инчунин ваколат ё машғул шудани ба фаъолияте, ки ӯ пештар анҷом медод, вазифаи ишғолкардааш муайян шуда бошад;

Б) Гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз ҳамкорӣ ва мусоидат ба тафтишот ё суд саркашӣ кунанд;

В) Ҳолатҳои содир шудани ҷинояте, ки пешбурди тафтиши пешакии он шуруъ шудааст бо ваколат, машғулият ё вазифаи ишғолкардаи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда алоқамандӣ дошта бошад ё алоқамандӣ дошта метавонад;

Г) Гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бо роҳи сӯиистифодаи ваколат, мансаб, вазифа ё машғулият қобилият, майл ва ё имконияти ба тафтишот таъсири манфӣ расониданро воқеан дошта бошад [103, с. 162].

Ғ) Маълумоти воқеӣ мавҷуд бошад, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бо истифода аз ваколат, машғулият ё вазифаи ишғолкардаи худ ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кӯшиши созиш, ҳавасмандкунӣ, фишороварӣ, таъсиррасонӣ ё таҳдидро дорад.

Масъалаи дигаре, ки бо тартиби татбиқи ин чораи маҷбурӣ алоқаманд ва баҳснок аст дар қоидаҳои ҷорӣ дида мешаванд. Тибқи қонун мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ бо ризои прокурор барои муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда ба суд дархост пешниҳод менамояд.

Тибқи тағйиру иловаҳо ба қисми 2, м. 114 КМҶ ҶТ аз соли 2021 дархости муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи моддаи 35 (2) КМҶ ҶТ баррасӣ карда мешавад [9], ки имкониятҳои мурофиавии айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ, ҳуқуқи ҳимоя ва кафолати ҳифзи судиро ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунад, зеро:

*1)* Меъёрҳои м. 35 (2) КМҶ ҶТ тартиби гирифтани иҷозати судро барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ муқаррар мекунад, лекин муваққатан дур кардан аз вазифа чораи маҷбурии мурофиавӣ аст, на амали тафтишӣ;

*2)* Амалҳои тафтишӣ бо мақсади ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ ба далелҳо ва исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят иҷро мешаванд. Дар қиёси онҳо муваққатан дур кардан аз вазифа чораи маҷбурии мурофиавӣ аст, лекин амали тафтишӣ нест ва ҳадаф аз татбиқи он ҷамъоварии далелҳо ва исботи ягон ҳолатҳои содир шудани ҷиноят нест;

*3)* Амалҳои тафтишӣ хусусияти ҷустуҷӯӣ, ошкорнамоӣ, даркнамоӣ, тасдиқнамоӣ ё инкорнамоии мавҷудияти ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро доранд, дар қиёси онҳо муваққатан дур кардан аз вазифа хусусияти маҳдуднамоӣ, таъсиррасонӣ, таъминкунанда, муваққатӣ ва пешгирикунандаро дорад;

*4)* Бо тартиби дар м. 35 (2) КМҶ ҶТ пешбинишуда баррасӣ ва ҳал шудани масъалаи муваққатан дур кардан аз вазифа бар хилофи кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда аст, зеро:

– ба айбдоршаванда имконияти шинос шудан бо маводҳои ба суд пешниҳодшаванда дода намешавад;

– тарафи ҳимоя (айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ) ба муҳокимаи судии дархости тарафи айбдоркунанда даъват намешавад, онҳо аз ҳуқуқи рад кардани судя ё иштирокчиёни мурофиаи судӣ маҳрум шудаанд;

– риояи шартҳои умумии баргузории маҷлиси суд (бевосита ва ошкоро баргузор шудани маҷлиси суд, мубоҳиса, баробарии тарафҳо ва ғ.) оид ба ҳалли масъалаҳое, ки ҳуқуқу манфиати айбдоршавандаро маҳдуд мекунанд ё айбдоршаванда аз онҳо маҳрум мешавад, таъмин намешавад;

– дар муҳокимаи ошкорои судии қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба муваққатан дур кардан аз вазифа айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ бевосита иштирок намекунад ва барои ҳимоя ва асоснок кардани мавқеи худ ба суд далелҳо ё изҳори назари худро пешниҳод карда наметавонад;

– протоколи маҷлиси суд ё имконияти шинос шудан ва ба он эрод пешниҳод кардан умуман пешбинӣ нашудааст;

– нусхаи қарори муваққатан аз вазифа дур кардан ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ пешниҳод намешавад, ки онҳоро аз ҳуқуқи сари вақт шикоят кардан маҳрум мекунад;

– маъмурияти ҷойи кори айбдоршаванда, ки иҷрои қарори судро таъмин мекунад, имконият надорад дар маҷлиси суд иштирок намуда манфиатҳои корхона ё ташкилотро ҳангоми татбиқи муваққатан дур кардан аз вазифа ҳимоя ё асоснок намояд. Масалан, ихтисоси баланди корманд, собиқаи

нодири корӣ дар соҳаи фаъолият, нақши ташкилию роҳбарии корманд дар истеҳсолот, дониши технологияи иттилоотӣ ва ғайраҳо, ки татбиқи муваққатан дур кардан аз вазифа оқибат ба пешбурди кори онҳо зарари ҷиддӣ ё оқибатҳои дигари иҷтимоиву истеҳсолӣ меорад;

– талаботи қонун оид ба ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки аз парванда бармеоянд, аз ҷониби суд, ки бояд ҳама ҳолатҳо муайян карда, ба инобат гирифта шаванд, барои амалӣ шудани ҳуқуқи тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад, таъмин намешавад, ки бар хилофи меъёрҳои конститутсионӣ (м.м. 19, 88, 92) ва м.м. 12 ва 21, 22 КМҶ ҶТ мебошад.

Ба андешаи мо, барои таъмини воқеии кафолати ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя ва ҳифзи судӣ ҳангоми татбиқи муваққатан аз вазифа дур кардан бояд ки:

А) Дар қисми 2, моддаи 114 КМҶ ҶТ муқаррароти «дархост оид ба муваққатан дур кардан аз вазифа аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 2-10 моддаи 111 Кодекси мазкур баррасӣ карда мешавад» барқарор карда шавад;

Б) Айбдоршаванда ва ҳимоятгар бояд бо қарор ё дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё тарафи айбдоркунанда ва маводе, ки асоснокии дархостро оид ба муваққатан дур кардан аз вазифа тасдиқ менамоянд, то муҳокимаи судӣ шинос карда шаванд, ки имконият ва вақти кофӣ ба ҳимоя дошта бошанд;

В) Агар масъалаи аз вазифа муваққатан дур кардани судшаванда дар марҳилаҳои судӣ пайдо шавад, дар ин маврид судя ё суд бояд ин масъаларо бо дархости тарафҳо ва иштироки онҳо ҳал намуда, дар ин бора қарор ё таъинот барорад, то ки бо ташаббуси суд, судя бе иштироки тарафҳо (масалан, дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд) татбиқ карда шудани ин чораи маҷбурӣ истисно карда шавад.

Масъалаи дигаре, ки дар доираи таҳқиқоти мо қарор дорад бо тартиби ҳалли масъалаи татбиқи ҳабси молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда алоқаманд мебошад, ки дар адабиёт ҳам мавзуи баҳсу мунозираи

густурдаи муҳаққиқонон гаштааст [254, с. 60-61]. Онҳо ба хулоса омадаанд, ки ин намуди чораи маҷбурӣ ҷазои ҷиноятӣ ё мусодираи молу мулкро ифода намекунад [168, 55-58], [46, с. 482], [43, с. 106].

Ҳабси молу мулк ба андешаи олимони ватанӣ, чораи муваққатию маҷбурии мурофиавӣ буда, аз номнависи молу мулк ва ба молик ё соҳиби он манъ кардани ихтиёрдорӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ истифода бурдани ин молу мулк иборат аст [153, с. 211], [89, с. 67].

Бинобар ин, дар матни қисми 6, моддаи 116 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтани «ситонидан» мантиқан нодуруст аст ва бояд аз матни ин меъёр хориҷ карда шавад. Ба андешаи А.Э. Раҳматулоев истилоҳи «ситонидан» дар ин қисми меъёр, монанди ситонидани ҷарима ё хароҷоти дигар (м. 139 КМҶ ҶТ), бо мазмуни пурра маҳрум кардан аз ҳуқуқи молумулкӣ ва ба ҳисоби давлат гирифтани он ифода ёфтааст, лекин мақсади татбиқи ҳабси молу мулк таъмини даъвои граждани, талаби расмии ҷабрдида, таъмини минбаъд ситонидани пардохтҳои молумулкӣ ё эҳтимоли мусодираи молу мулк аст, яъне минбаъд, агар товони зарар аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршавнда, судшаванда ихтиёран ҷуброн нашавад, маҷбуран товони зараре, ки аз ҷиноят ба вуҷуд омадааст аз ҳисоби амволи таҳти ҳабс қарордоштаи онҳо бо ҳукми суд ситонида мешавад [211, с. 106-114].

Ҳабси молу мулк ба иҷрои ҳукми минбаъдаи суд дар қисми таъмини даъвои гражданӣ ва ситонидани пардохтҳо ва мусодираи мулк шароит ба вуҷуд меорад [144, с. 201]. Яъне татбиқи ин чораи маҷбурии мурофиавӣ таъмини эҳтимоли иҷрои ҷазои мусодираи молу мулк аст, агар барои содир кардани чунин ҷиноят дар моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин намуди ҷазо (мусодираи молу мулк) пешбинӣ шуда, минбаъд эҳтимоли татбиқи он аз ҷониби суд мавҷуд бошад.

Бо татбиқи ин чораи маҷбурӣ мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд (пеш аз муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ), пешакӣ чора меандешанд, ки молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда несту нобуд, корношоям,

ночиз, бегона ё аз ихтиёрдорӣ соқит карда нашавад [190, с. 14-17]. Лекин ҳангоми татбиқи ин чораи маҷбурӣ айбдоршаванда, судшаванда ва ҳимоятгари онҳо на танҳо дучори маҳдудиятҳо мешаванд, балки аз ҳуқуқи ҳимоя ва ҳифзи судӣ воқеан маҳрум мешаванд, зеро тибқи тағйиру иловаҳо ба қисми 3, м. 116 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2021 дархости ҳабси молу мулки гумонбаршаванда, айбдоршавада дар марҳилаҳои тосудӣ аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи моддаи 35 (2) Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе иштироки гумонбаршаванда ва айбдоршаванда ва ҳимоятгари онҳо баррасӣ карда мешавад.

Дар қиёси чунин ҳолат, Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки дар вақти баррасии даъво дар бораи аз ҳабс озод намудан ё аз рӯйхат хориҷ кардани молу мулк талаботи моддаи 58-и Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди уҳдадории тарафҳо дар хусуси исботи ҳолатҳои парванда риоя карда мешавад, яъне тарафҳо бо иштироки бевоситаи худ ҳолатҳоеро исбот менамоянд, ки асоси талаботи даъво ва норозигии онҳо мебошад. Суд вазифадор шудааст, ки дар асоси далелҳои пешниҳодкардаи тарафҳо ба таври мушаххас муайян кунад, ки оё даъвогар молики молу мулке, ки ба ҳабс ё ба рӯйхат гирифта шудааст мебошад ё не, дар асоси қонун ё шартнома он молу мулкро соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ мекунад ё на, оё ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар муайян шудааст ё на ва ғайра. Судя ҳуқуқ надорад қабули аризаи даъвогиро рад намояд ё ин ки суд баррасии парвандаро дар бораи аз ҳабс озод намудан ё аз рӯйхат хориҷ кардани молу мулк бо он асосҳо қатъ намояд, ки баррасии парвандаи ҷиноятӣ, вобаста ба молу мулки ба ҳабс гузошта ё ба рӯйхат гирифташуда, ба итмом нарасидааст.

Суд чунин аризаи даъвогиро бояд ба мурофиаи судӣ қабул намояд ва новобаста аз баррасӣ ва ҳал гардидани парвандаи ҷиноятӣ онро моҳиятан мавриди баррасӣ қарор диҳад [271]. Агар то баррасӣ гардидани парвандаи ҷиноятӣ дида баромадани даъвои аз ҳабс озод намудан ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк имконнопазир бошад, баррасии парванда мутобиқи

сархати 4 моддаи 220-и Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта мешавад [5].

Бинобар ин, тавре ки амалияи судӣ нишон медиҳад, ба андешаи мо, судя бояд дархости пешниҳодкардаи мақомоти таъқиби ҷиноятиро оид ба татбиқи ҳабси молу мулк дар ҳузури шахсони манфиатдор, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ва ҳимоятгари онҳо баррасӣ намояд, то ки дар асоси далелҳои пешниҳодкардаи тарафҳо ба таври мушаххас муайян карда шавад, ки:

– оё гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда молики молу мулке, ки ба ҳабс ё ба рӯйхат номнавис мешавад, мебошад ё на;

– дар асоси қонун ё шартнома гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда он молу мулкро соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ мекунад ё на;

– оё ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар ё аъзои дигари оилаи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда муайян шудааст ё на ва ғайра.

Ҳолатҳои мансубияти молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ва ҳолатҳои дигари номбаршуда бояд мутобиқи қонун бо воситаҳои муайяни исбот ва тасдиқ ёбанд, онҳо наметавонанд бо ҳеҷ воситаҳои дигари исбот тасдиқшуда эътироф шаванд.

Ҳамин тариқ, маҳдудиятҳое, ки ҳангоми муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мо дар ҳамин қисми рисола муайян ва номбар шудаанд, айнан ҳангоми татбиқи ҳабси молу мулк ҳуқуқу имкониятҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро беасос маҳдуд мекунанд, ки хилофи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.м.14, 19, 88, 92), принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ (м.м. 12, 20-23 КМҶ ҶТ) ва кафолатҳои мурофиавӣ мебошанд.

Аз ҷумла, татбиқи ин намуди чораи маҷбурӣ ҳуқуқи молумулкии на танҳо гумонбаршуда, айбдоршавнда, судшаванда, балки аъзои оила ва хешовандони наздики онҳоро метавонад маҳдуд кунад [212, с. 52-57]. Бинобар ин, мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо ризои прокурор дар бораи ҳабси молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё шахсоне, ки мувофиқи

қонун барои кирдорашон аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, ба суд дархост пешниҳод менамояд. Судя дар бораи иҷозати ҳабси молу мулк қарор мебарорад.

Дар мавриди мазкур «розигии прокурор ва иҷозати суд шакли назорати давлатӣ (прокурорӣ ва судӣ), воситаи муҳимми таъмини на танҳо қонунӣ, асоснок ва мақсаднок будани татбиқи чораи маҷбурӣ, балки воситаи муҳимми таъмини кафолатҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ низ мебошад» [213, с. 149-154]. Дар сурати ғайриқонунӣ, беасос будани чунин дархост прокурор розигӣ, суд бошад, набояд ба татбиқи чунин чора иҷозат диҳад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, оид ба бекор кардани ҳабси молу мулк ҳангоми аз байн рафтани зарурат ба ин чора, на танҳо мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, балки шахсони манфиатдор бояд имконият дошта бошанд, ки баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ ба суд бо дархост ё шикоят муроҷиат намоянд, яъне ин масъала на танҳо ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ дар хонаи машваратӣ пеш аз баровардани ҳукм (м. 335 КМҶ ҶТ), балки дар марҳилаҳои тосудӣ низ бо ташаббуси тарафҳо (дархосту шикояти айбдоршаванда ё хешовандони наздики ӯ) бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар чунин мавридҳо мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми ҳалли масъалаи боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо ташаббуси худ (новобаста аз дархосту шикоят) бояд масъалаи бекор кардани ҳабси молу мулкро ҳал карда, дар қарори боздоштан онро дарҷ намояд [187, с. 30-33], [210, с. 268-272].

Муҳаққиқон доир ба ин масъалаҳо қайд мекунанд, ки «масъалаи аз ҳабс озод кардани амвол бо муроҷиати иштирокчиёни мурофиа ё бо ташаббуси мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё суд, таъмин мегардад» [215, с. 30-31]. Воқеан, такмил дода шудани ин қоидаҳо бо назардошти дастовардҳои амалия ва назария ба андешаҳои В.В. Демирчан «сарҳади муайяни маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳоро дақиқ ва қатъӣ муайян мекунанд, ки ба таъмини самараноки адолат нигаронида мешаванд» [241].

Ба андешаи мо, назорати прокурорӣ (дар шакли розигии прокурор) ва судӣ (иҷозати суд, баррасии шикояти иштирокчиён) барои бартараф ва пешгирии маҳдудиятҳое, ки ҳангоми татбиқи муваққатан дур кардан аз вазифа, ҳабси молу мулк ё дигар чораҳои пешгирӣ ҳуқуқу имкониятҳои айбдоршаванда ва судшавандаро беасос маҳдуд мекунанд, кофӣ ва самаранок намешаванд, агар танзими ҳуқуқии ин қоидаҳо такмил дода нашаванд.

Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини мутобиқати меъёрҳои мурофиавӣ (м.м. 116, 132, 267 КМҶ ҶТ) ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.м.14, 19, 88, 92), ба принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ (м.м. 12, 20-23 КМҶ ҶТ) ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ:

1) Дар матни қисми 1, моддаи 116 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад, ки дархост оид ба ҳабси молу мулк аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 2-10 моддаи 111 Кодекси мазкур баррасӣ карда мешавад;

2) Айбдоршаванда ва ҳимоятгар бояд бо қарор ё дархости мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва маводе, ки асоснокии дархостро оид ба зарурати ҳабси молу мулк тасдиқ менамоянд, то муҳокимаи судӣ шинос карда шаванд, ки имконият ва вақти кофӣ ба ҳимоя дошта бошанд;

3) Дар сурати аз даъво даст кашидани даъвогари гражданӣ дар марҳилаҳои тосудӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор дар ҳар лаҳзаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ онро қабул карда, дар ин бора бояд қарор бароранд, ки дар қарор ба ҳамин асос бекор карда шудани ҳабси молу мулк нишон дода шавад (қисми 3, моддаи 132 КМҶ ҶТ).

4) Агар масъалаи зарурати татбиқи ҳабси молу мулки судшаванда дар марҳилаҳои судӣ ба миён ояд, дар ин маврид судя ё суд бояд ин масъаларо бо дархости тарафҳо ва иштироки онҳо ҳал намуда, дар ин бора қарор ё таъинот барорад, то ки бо ташаббуси суд, судя бе иштироки тарафҳо (масалан, дар марҳилаи омодагӣ ва таъйин кардани маҷлиси суд) татбиқ карда шудани ин чораи маҷбурӣ истисно карда шавад (м. 267 КМҶ ҶТ).

5) Дар қисми 1 м. 268 КМҶ ҶТ муқаррароти зерин дақиқ карда шавад «Судя дар бораи қатъ намудани парванда қарор бароварда, чораи пешгирӣ, чораҳои бахри таъмини даъвои гражданӣ, ё эҳтимоли мусодираи молу мулк андешидашударо бекор мекунад ва масъалаи далелҳои шайъиро ҳал мекунад».

Ҳамин тариқ, таҳлили мазмуну моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи онҳо нишон медиҳад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеоянд, тамоми ҳолатҳо, хусусан оид ба ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда ва судшаванда аҳаммиятдошта муайян ва ба инобат гирифта намешаванд, барои амалӣ шудани кафолатҳои ҳуқуқии тарафҳо, хусусан ҳуқуқи гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ба ҳимоя ва ҳифзи судӣ шароити зарурӣ низ фароҳам оварда намешавад, ки дар натиҷаи масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки онҳо баррасӣ ва ҳал шуда, ҳуқуқу манфиатҳои онҳо беасос маҳдуд мешавад. Чунин ҳолатҳои дар амалияи табиқи ҳуқуқ ҷойдошта мухолифи меъёрҳои конститутсионӣ мебошанд.

Бо мақсади таъмини мутобиқати меъёрҳои мурофиавӣ ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.м. 14, 19, 88, 92), ба принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ (м.м. 12, 20-23 КМҶ ҶТ) ва таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқи гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ба ҳимоя ва ҳифзи судӣ:

1. Дар матни қисми 2, моддаи 116 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад, ки дархост оид ба ҳабси молу мулк аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 2-10 моддаи 111 Кодекси мазкур баррасӣ карда мешавад. Айбдоршаванда ва ҳимоятгар бояд бо қарор ё дархости мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва маводе, ки асоснокии дархостро оид ба зарурати ҳабси молу мулк тасдиқ менамоянд, то муҳокимаи судӣ шинос карда шаванд, ки имконият ва вақти кофӣ ба ҳимоя дошта бошанд;

Дар сурати аз даъво даст кашидани даъвогари гражданӣ дар марҳилаҳои тосудӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор дар ҳар лаҳзаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ онро қабул карда, дар ин бора бояд қарор бароранд, ки

дар қарор ба ҳамин асос бекор карда шудани ҳабси молу мулк нишон дода шавад (қисми 3, моддаи 132 КМҶ ҶТ);

2. Бо мақсади таъмини риояи тартиби ягона ва умумии амалишавии меъёрҳои мурофиавӣ ва бартараф кардани ҳолати бе иштироки айбдоршаванда баррасӣ шудани масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, тибқи қисми 3, м. 232 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба айбдоршавандаи дар ҷустуҷӯ қарордошта татбиқ кардани, на чораҳои пешгирӣ, балки татбиқи чораҳои маҷбурии дастгир кардан ва маҷбуран овардан мувофиқи мақсад аст, чунки дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 111 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бо иштироки айбдоршавандаи дастгиршуда (ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда ё чораи пешгирии қаблан татбиқшударо риоя накарда) ва ҳимоятгари ӯ имконпазир мегардад.

3. Дар қисми 2, моддаи 114 КМҶ ҶТ муқаррароти «дархост оид ба муваққатан дур кардан аз вазифа аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 2-10 моддаи 111 Кодекси мазкур баррасӣ карда мешавад» барқарор карда шавад.

Мӯҳлати амали чораи маҷбурии муваққатан дур кардан аз вазифа нисбати айбдоршаванда бояд мутобиқ ба моддаҳои 103 ва 112 КМҶ ҶТ муайян карда шавад.

4. Агар масъалаи зарурати татбиқи ҳабси молу мулки судшаванда дар марҳилаҳои судӣ ба миён ояд, дар ин маврид судя ё суд бояд ин масъаларо бо дархости тарафҳо ва иштироки онҳо, аз ҷумла бо иштироки айбдоршаванда ё судшаванда ҳал намуда, дар ин бора қарор ё таъинот барорад, то ки бо ташаббуси суд, судя бе иштироки тарафҳо (масалан, дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд) татбиқ карда шудани ин чораи маҷбурӣ истисно карда шавад (м. 267 КМҶ ҶТ);

5. Дар матни қисми 1, моддаи 268 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки судя дар бораи қатъ намудани парванда қарор баровarda, чораи пешгирии татбиқ

шуда, чораҳои баҳри таъмини даъвои гражданӣ, ё эҳтимоли мусодираи молу мулкро (ё ҳабси молу мулкро) бекор мекунад ва масъалаи далелҳои шайъиро ҳал мекунад.

Ҳангоми гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҳангоми қабули санади авф судя бояд бо розигии айбдоршаванда ё судшаванда дар бораи қатъ намудани парванда қарор қабул намояд, дар акси ҳол пешбурдии судии парванда бояд идома дода шавад.

Дар қарори қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ судя бояд нишон диҳад, ки ҳуқуқи рӯёнидани товони зараре, ки ба айбдоршаванда ё судшаванда дар натиҷаи ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, ҳабси молу мулк, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан ё бо амалҳои дигари ғайриқонунӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ расонида шудааст, фаҳмонида мешаванд.

Такмили меъёрҳои мурофиавӣ ва мутобиқгардонии онҳо ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти тағйироту иловаҳои қонунгузорӣ ва натиҷаи таҳқиқоти асосноки илмӣ пайваста роҳандозӣ шавад, то ки ҳуқуқу манфиатҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, кафолатҳои ҳуқуқӣ дар ҷараёни баамалбарории адолати судӣ ба таври дақиқу қатъӣ таъмин шаванд.

### 3.2. Баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои омодагӣ ба маҷлиси судӣ дар ғоибии айбдоршаванда (судшаванда)

Таъмини адолати судӣ ва иҷро шудани вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо аз самаранокии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ, балки аз сатҳи иштироки тарафҳо, аз ҷумла иштироки айбдоршаванда ва судшаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ вобаста аст, зеро иштироки бевоситаи айбдоршаванда ва судшаванда ҳалли қонунӣ ва одилонаи масъалаҳои мурофиавиро бо риоя ва иҷрои талаботи бевосита, ошкоро ва дар асоси баробарҳуқуқии тарафҳо таъмин мекунад.

Қайд мегардад, ки мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ пеш аз ҳама вазифадоранд баҳри таъмини кафолати ҳимояи манфиати қонунии

иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар чораҳо андешанд, аз ҷумла иштироки айбдоршаванда, судшаванда ва ҳимоятгари онҳоро ҳамчун тарафи ҳимоя дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ таъмин намоянд [174, с. 63-68].

Амалияи татбиқи ҳуқуқ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва омодагӣ ба маҷлиси судӣ тибқи қонун дар аксари ҳолатҳо бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда иҷозат дода мешавад. Дар чунин ҳолат оё айбдоршаванда ва ё судшаванда ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва ё ҳангоми омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси судӣ, ки бевосита ба ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дахл дорад, ҳуқуқу манфиатҳои худро аз маҳдудкунии беасос ва ё ғайриқонунӣ ҳимоя карда метавонанд? Масалан: 1) дар м. $35^1$ КМҶ ҶТ тартиби баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; 2) дар моддаи $35^2$ КМҶ ҶТ тартиби гирифтани иҷозати суд барои гузаронидани амали тафтишӣ; 3) дар м. 259 ҚМҶ ҶТ масъалаи ба суди дигар супурдани парвандаи ҷиноятӣ аз суде, ки таҳти тобеияти судии он қарор дорад, бо дархости судшаванда; 4) дар м. 262 КМҶ ҶТ масъалаи вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки барои таъин намудани маҷлиси суд монеа шуда метавонад, тағйир додани чораи пешгирии қаблан татбиқшуда бе иштироки айбдоршаванда ва ё судшаванда мавзуи баррасии судӣ қарор дода мешавад, яъне, дар сатҳи расмӣ айбдоршаванда ва ё судшаванда на ҳамеша аз имкониятҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз маҳдудкунии беасос ва ё санад ё амалии (беамалӣ) ғайриқонунӣ метавонанд истифода кунанд. Ба андешаи мо, ҳангоми ҳалли ин масъалаҳо агар иштироки айбдоршаванда ва ё судшаванда ҳатмӣ набошад, онҳо бояд аз вақти гузаронидани маҷлиси суд сари вақт огоҳонида шаванд ё иштироки ҳимоятгар таъмин гардад. Дар акси ҳол, айбдоршаванда, судшаванда ҳимоятгар, ки аз вақти гузаронидани маҷлиси суд оид ба ин масъалаҳо сари вақт огоҳонида нашудаанд ва ё иштироки онҳо дар баррасии онҳо ҳатмӣ

нест, ё қарори судя дастраси онҳо набошад, бо кадом роҳу восита аз болои қарори суд (судя) дар бораи додани иҷозат барои гузаронидани амали тафтишӣ ё дар бораи рад кардани гузаронидани он, тағйир додани чораи пешгирӣ ба суди болоӣ ба тариқи кассатсионӣ шикоят карда метавонад (қ.6 м.35² КМҶ ҶТ)?

Дар сурати ҳатмӣ набудани иштироки айбдоршаванда ё судшаванда дар муҳокимаи судии масъалаҳои номбаршуда, тибқи қонун (м.53 КМҶ ҶТ) ҳимоятгар дорои маҷмуи имкониятҳои мурофиавӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо ӯ метавонад бо мақсади ошкор ва пешниҳод намудани маълумоти сафедкунандаи айби айбдоршаванда, судшаванда ё сабуккунандаи ҷавобгарии онҳо, ҳамаи восита ва усулҳои дар қонун манънашударо истифода барад, лекин бинобар маҳдудиятҳои номбаршуда ҳимоятгар низ саривақт ва фаъолона ҳимояи манфиатҳои айбдоршаванда ва судшавандаро дар ҳалли масъалаҳое, ки дар ин марҳила мавзуи баррасии судяро ташкил медиҳанд, амалӣ карда ва ё тақвият бахшида наметавонад.

Қаблан муаллифон Г.М. Резник, М.М. Славин қайд карда буданд, ки «дар байни кафолатҳои ҳуқуқ ба ҳимоя, кафолати навъи махсус мавҷуд аст – ин ҳуқуқи айбдоршаванда оид ба даъвати ҳимоятгар, ки дар мурофиа ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро дифоъ мекунад» [115, с. 29]. Дар навбати худ тавассути ҳуқуқи айбдоршаванда оид ба даъвати ҳимоятгар боз як қатор кафолатҳои дар қонунгузории мурофиавӣ пешбинишуда таъмин мешавад [63, с. 221], [102]. Чунончи, бо тартиби даъват, таъин, иваз кардани ҳимоятгар, таъмини воқеии озодии интихоби ҳимоятгар аз ҷониби айбдоршаванда, имконияти даъвати ҳимоятгар новобаста аз вазъи моддӣ, ҳолатҳои иштироки ҳатмии ҳимоятгар, ҳуқуқи даст кашидан аз ҳимоятгар ва ғайра.

Ба андешаи мо, иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои номбаршуда аз як тараф мубоҳисавӣ ва ошкоро баргузор шудани маҷлиси судиро таъмин намояд, аз ҷониби дигар, нисбати қонунӣ ва асоснок иҷро шудани амали мурофиавӣ ва ё қабули санади мурофиавӣ шубҳае намемонад ё имконияти пешгирии вайронкунии қонун ва маҳдудкунии беасос муяссар мегардад.

Таҳлили ҳамин масъалаҳо дар амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки мазмуни баъзе аз меъёрҳои мурофиавӣ боиси баҳс, нофаҳмӣ ё ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ сабабгори беасос маҳдуд шудани имкониятҳои айбдоршаванда, судшаванда ва ҳимоятгари онҳо мегардад [152, с. 33]. Масалан, дар қисми 2 моддаи 53 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «ҳимоятгар... ҳуқуқ дорад: ...бо қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда ...қарори чораи пешгирӣ... шинос шавад». Бо кадом асос ва сабабҳо имконияти ҳимоятгар оид ба сари вақт шинос карда шудан бо қарорҳои дигари мурофиавӣ маҳдуд мешавад, маълум нест. Ҳимоятгар пас аз анҷоми таҳқиқ (15 шабонарӯз) ё тафтиши пешакӣ (2 моҳ) бо тамоми маводи парванда шинос мешавад, аз он ҳама гуна маълумотро дар ҳар ҳаҷме, ки хоҳад, рӯйнавис мекунад. Баъди гузаштани муҳлати номбаршуда ҳимоятгар имконияти воқеӣ надорад, ки сари вақт ё дар муҳлатҳои муайянкардаи қонун аз болои амал (беамалӣ) ё санадҳои ғайриқонунии дар ҷараёни тафтиш қабулшудаи мурофиавӣ шикоят намояд. Масалан, тибқи м. $35^2$ Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз болои қарори суд (судя) дар бораи додани иҷозат барои гузаронидани амали тафтишӣ ё дар бораи рад кардани гузаронидани он ба суди болоӣ ба тариқи кассатсионӣ дар муҳлати се шабонарӯз шикоят кардан мумкин аст. Чунин муқаррарот ба қисми 2 ҳамин модда ихтилоф эҷод мекунад.

Ҳамзамон, дар сархати 2, қисми 2 моддаи 53 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки ҳимоятгар ҳуқуқ дорад «бе мамониат бо шахси таҳти ҳимояташ буда як ба як, бе маҳдуд кардани шумора ва давомнокӣ суҳбат кунад». Албатта бо гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшавандае, ки нисбати онҳо чораи пешгирии дар ҳабс нигоҳ доштан, татбиқ нашудааст, бе маҳдудият вохӯрдан ва суҳбат карданро қонун манъ накардааст, агар он ба ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеа барпо накунад.

Ба андешаи мо, «ҳуқуқи бе маҳдуд кардани шумора ва давомноки суҳбат» набояд мутлақо бемаҳдуд ва тағйирнопазир фаҳмида шавад. Шумора ва давомнокии суҳбат набояд боиси ба таъхир монондани амалҳои тафтишотӣ ё пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гардад. Умуман, ин муқаррароти қонун:

а) барои сари вақт ошкор шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ва таъхирнопазир анҷом дода шудани амалҳои тафтишотӣ монеъ шуда метавонад;

б) дар муҳлати муқарраркардаи қонун анҷом дода шудани тафтишоти пешакиро таҳти таъхиргузорӣ мемонад;

в) аз ҳадди, доираи қоидаҳои муқарраркардаи қонун (доир ба вақт ва фосилаи он назар ба амали тафтишотӣ) баромадааст;

г) боиси инкор гаштани низом ва қоидаҳои нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда шуда метавонад (масалан, қоидаҳои низоми нигоҳдории гумонбаршуда, айбдораванда, судшаванда дар тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ ва тафтишотӣ).

Лекин барои вохӯрӣ ва суҳбат бо гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшавандае, ки нисбати онҳо чораи пешгирии дар ҳабс нигоҳ доштан, татбиқ гаштааст, риоя шудани низоми нигоҳдорӣ дар маҳбас инкор шуда наметавонад [11].

Масъалаи дигаре, ки ба муҳокима ниёз дорад, иштироки ҳатмии ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад. Тибқи м. 51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд аз ҳолатҳои ҳатмии иштироки химоятгар дар пешбурди парвандаҳо пешбинӣ шудааст, ки дар байни онҳо ҳолате, ки агар айбдоршаванда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот саркашӣ кунад, пешбинӣ шудааст. Саволе ба миён меояд, ки бо кадом сабабҳо агар судшаванда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд саркашӣ кунад, дар м. 51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст. Ғайр аз ин, матн ва мазмуни баъзе аз ҳолатҳое, ки дар м. 51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар шудааст, мукаммал ва саҳеҳ ифода нашудаанд, ки барои таъмини иштироки ҳатмии ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ зарурати шарҳу маънидодкунии иловагиро талаб мекунанд. Масалан, камбудиҳои ҷисмонию руҳӣ, ки ба судшаванда ҳуқуқи худро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда наметавонад, агар судшаванда забони пешбурди мурофиаро надонад ё нокифоя донад, мураккабии парванда ва дигар ҳолатҳое, ки метавонанд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда амалӣ гардонидани ҳуқуқи худро барои ҳимоя мушкил намоянд.

Ҳолатҳои зерин, ки дар назария номбар мешаванд [146, с. 55-56], ба монанди бемории қаблии руҳӣ, вайроншавии муваққатии руҳӣ, ҳолатҳои дигари руҳӣ, ки ба қобилияти амалкунӣ, дарк кардан, фаҳмидан ва баҳо додан таъсири манфӣ мерасонанд, хотираи сусти муваққатӣ, дарки номуътадил, камақлӣ, гум кардани мувозинати муътадили руҳӣ, бемаълумотӣ, нуқсонҳои дақиқи сухан, биниш, овоз ва дигар норасоиҳо ба сифати камбудиҳои ҷисмонию руҳӣ [227, с. 19-21], ки ба «камбудиҳои ҷисмонӣ ва руҳии гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда», ки ҳуқуқи худро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда наметавонад, дохил мешаванд ё не? Зеро қисми 1 моддаи 51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки ҳатмии ҳимоятгарро дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ на танҳо оид ба парвандаҳои шахсони бе сухан (гунгҳо), ношунавоён, нобиноҳо (назар ба КМҶ ҶТ соли 1961), балки ба тариқи васеътар, яъне нисбати судшавандаҳои дигар, ки бинобар норасоиҳои руҳӣ ё ҷисмонӣ мустақилона ё пурра ҳуқуқи ҳимояи худро ба амал бароварда наметавонанд, пешбинӣ кардааст, лекин дар амалия фаҳмиши маҳдуди қоидаи қаблан амалкарда то ҳол боқӣ мондааст.

Барои ҳалли ин масъалаҳо ва татбиқи дурусти қонун ба мақсад мувофиқ аст, тафсири Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шавад, ё ки дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

мазмуни ҳолатҳои ҳатмии иштироки химоятгар дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо шарҳу тавзеҳоти алоҳида нишон дода шавад.

Масъалаи дигар, ҳангоми тафтишот ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои дар шарикӣ содиршуда дар бисёр мавридҳо байни манфиатҳои айбдоршавандаҳо ё судшавандаҳо ва ҳимояи манфиатҳои яке аз онҳо (бе исботи айби яке аз онҳо, исботи (айби) гуноҳи дигараш имконнопазир аст ё мушкил мегардад), мухолифат пайдо мешавад.

Дар чунин ҳолатҳо, агар дар давраҳои тосудӣ ва судӣ иштироки ҳатмии ҳимоятгар пешбинӣ нагардад, иштироки ҳимоятгар аз тарафи яке аз айбдоршавандагон, судшавандаҳо, мумкин аст ба ҳолат ва мавқеи айбдоршаванда ё судшавандаи дигар таъсири манфӣ расонад. Яъне, зарурати иштироки ҳатмии ҳимоятгар дар тафтишоти пешакӣ ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми мавҷудияти зиддияти манфиатҳо ё мухолифати дигар байни манфиатҳои айбдоршавандагон ё судшавандагон дар он вақте низ ба миён меояд, ки агар ҳатто яке аз онҳо ҳимоятгар дошта бошад, ва ин талабот аз мазмуни қ. 5 моддаи 49 КМҶ ҶТ (1961) бармеомад. Лекин дар моддаи 51 КМҶ ҶТ (2009) ин талабот ихтисор гашта, дар шакли умумӣ дар қ. 2 моддаи 51 КМҶ ҶТ дар шакли зайл омадааст «…мураккабии парванда ва дигар ҳолатҳо, ки метавонанд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда амалӣ гардонидани ҳуқуқашонро барои ҳимоя мушкил намоянд». Ин муқаррароти қонун ба тариқи васеъ шарҳ дода нашудааст, ки метавонад боиси баҳсҳо дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ гардад.

Дар ин ҷо як нуқтаи муҳимро бояд қайд намоем, ки тибқи м. 47 КМҶ ҶТ айбдоршаванда пас аз қабул шудани қарори судя дар бораи таъин кардани маҷлиси суд судшаванда номида мешавад. Тибқи қ. 2 м. 263 КМҶ дар қарори таъини маҷлиси суд масъалаҳои зайл нишон дода мешаванд:

– дар бораи ҷой ва вақти муҳокимаи судӣ;

– дар бораи дар муҳокимаи судӣ иштирок доштани ҳимоятгар, ба шарте ки иштироки вай ҳатмӣ бошад;

– дар бораи шахсоне, ки ба маҷлиси суд даъват карда мешаванд;

– дар хусуси дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ кардани парванда дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 273 КМҶ ҶТ, лекин бар хилофи м. 47 КМҶ ҶТ дар ин меъёр пешбинӣ нашудааст, ки бо ҳамин қарор айбдоршаванда минбаъд ҳолати ҳуқуқии судшавандаро мегирад ва аз ҳамин лаҳза ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун нестанд, дар рафти муҳокимаи судӣ ҳифз кунад ва барои омодагӣ ба ҳимоя вақт ва имконияти кофӣ дошта бошад.

Танҳо дар оғози маҷлиси суд раисикунанда шахсияти судшаванда, ном, номи падар, насаб, сол, моҳ, рӯз ва ҷойи таваллуд, донистани забоне, ки бо он пешбурди парванда гузаронида мешавад, инчунин ҷойи истиқомат, машғулият, таҳсилот, вазъи оилавӣ ва дигар маълумотро, ки ба шахсияти ӯ алоқаманд аст, пурсида муайян мекунад. Раисикунанда муайян мекунад, ки оё ба судшаванда ва дар ҳолатҳои дар қисми 4 моддаи 280 КМҶ ҶТ бошад, ба ҳимоятгар нусхаи фикри айбдоркунӣ ё қарори мақомоти таҳқиқ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ супурда шудааст ва кай ин кор анҷом дода шудааст (м. 300 КМҶ ҶТ). Сипас раисикунанда ба судшаванда ҳуқуқҳояшро, ки дар моддаи 47 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, мефаҳмонад. Аз ин бармеояд, ки судшаванда эътироф шудани шахс пас аз чордаҳ шабонарӯз аз лаҳзаи баровардани қарори судя дар бораи таъин намудани маҷлиси суд, дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, дар муҳлати сӣ шабонарӯз расман эълон карда мешавад (м. 271 КМҶ ҶТ), яъне судшаванда дар ин муддат ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун нестанд, ҳифз карда наметавонад ва барои омодагӣ ба ҳимоя ба таври кофӣ вақт ва имконият надорад. Чӣ тавре дида мешавад танҳо дар оғози маҷлиси суд ба айбдоршаванда расман ҳуқуқу ухдадориҳои судшаванда эълон мегардад, ки мантиқан нодурурст буда, ба андешаи мо ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда беасос маҳдуд карда мешавад.

Омӯзиши таҷрибаи судии ҷумҳурӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳамеша расмиёти мурофиавии имконнопазирии иштироки судшаванда бояду шояд риоя карда мешавад. Бояд тазаккур дод, ки ҳамин гуна расмиётро қонун

дақиқ пешниҳод ҳам накардааст, ба мисли дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аз ҷониби суд муқаррар карда шудани имконияти иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ. Бинобар ин, дар қ. 1 м. 262 «– санҷидани воқеияти ҳолатҳое, ки боиси баргузории маҷлиси судӣ бе иштироки судшаванда мегардад» ва дар қ. 2, м. 263 КМҶ ҶТ илова намудани банди нав оид ба «-дар хусуси бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парванда дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи м. 280 Кодекси мазкур» ба мақсад мувофиқ мебуд.

Дар қ. 2 м. 263 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори таъини маҷлиси суд дар қатори масъалаҳои зикршуда бояд пешбинӣ карда шавад (ё ки дар асоси қарор алоҳида) айбдоршаванда минбаъд судшаванда номида шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавиаш сари вақт фаҳмонида шавад, то ки ӯ ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун нестанд, ҳифз кунад ва барои омодагӣ ба ҳимоя ба таври кофӣ вақт ва имконият дошта бошад. Чунин тағйирот дар амал воқеан татбиқ шудани баробарии тарафҳоро имконпазир мегардонад ва ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчии мурофиаи судӣ (судшаванда) мувофиқ мегардад.

Тавре, ки дар м. 262 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешавад дар марҳилаи омодагӣ ва таъйин кардани маҷлиси суд, судя якчанд масъалаҳои мурофиавиро танҳо баррасӣ ва ҳал мекунад, ки бевосита ба мавқеъ ва ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда ва судшаванда дахл доранд, ба монанди таъини экспертиза, чораи пешгирии интихобгардидаро тағйир додан ё бекор кардан зарур аст ё на, ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки барои таъин намудани маҷлиси суд монеа шуда метавонад, роҳ дода шудааст ё на, ариза ва дархостҳо қобили қонеъ гардониданианд ё на. Ҳангоми баррасии ин масъалаҳо судя уҳдадор нашудааст тарафҳо, аз ҷумла айбдоршаванда ё судшавандаро даъват намояд, лекин ҳуқуқ дорад барои додани тавзеҳот иштирокчии дархост пешниҳодкардаро даъват намояд. Аз

мазмуни ин қоидаҳо бармеояд, ки айбдоршаванда ё судшаванда ва ҳимоятгари онҳо дар ин марҳила имконияти кофии ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худро надоранд. Иштироки ҳатмии тарафҳо дар чунин мавридҳо, ба андешаи мо мувофиқи ҳадафҳои адолати судӣ аст, лекин бе ягон асоси воқеӣ истисно карда шудааст.

Барои таъмини воқеии кафолатҳои мурофиавии айбдоршаванда ва судшаванда, ба мақсад мувофиқ аст, ки иштироки онҳо дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд, дар ҳалли масъалаҳои зерин маҳдуд карда нашавад:

– дар ҳалли масъалаи баргардонидани парванда ба тафтиши иловагӣ;

– дар ҳалли масъалаи боздоштани пешбурди судии парванда;

– дар ҳалли масъалаи тибқи тобеияти судӣ фиристодани парванда;

– дар ҳалли масъалаи қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ;

– дар ҳалли масъалаи тағйир додан ё бекор кардани чораи пешгирии қаблан татбиқшуда;

– дар муайян карда шудани ҳолатҳои вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки барои таъин намудани маҷлиси суд монеа шуда метавонад;

– дар ҳалли масъалаи таъини экспертиза;

– дар ҳалли масъалаи зарурати андешидани чораҳои таъмини даъвои гражданӣ дар намуди ҳабси молу мулк;

– баррасии арзу дархости айбдоршаванда ва ё судшаванда, инчунин дархости иштирокчиёни дигари мурофиаи судӣ.

Судя оид ба масъалаҳои номбаршуда қарори асоснок қабул мекунад (м. 261 КМҶ ҶТ), лекин шахсони манфиатдор бо қарор шинос карда намешаванд ё супорида шудани нусхаи қарорҳо оид ба масъалаҳои номбаршуда ба айбдоршаванда ва ё судшаванда дар қонун пешбинӣ нашудааст, ба истисноли нусхаи қарори қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ (м. 268 КМҶ ҶТ) ва чораи пешгирӣ нисбат ба судшаванда, ба шарте, ки он аз тарафи судя интихоб ва ё тағйир дода шуда бошад (м. 269 КМҶ ҶТ) ва нусхаи қарори қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ (м. 268 КМҶ ҶТ). Ғайр аз

ин, айбдоршаванда ё судшаванда ва ҳимоятгари онҳо ҳуқуқи шикоят карданро аз аксарияти қарорҳои қабулкардаи судя дар ин марҳила надоранд, ки хилофи м. 23, 119 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад ин имконияти тарафҳо оид ба рад кардани ҳайати суд ё судяе мебошад, ки салоҳияти баррасии парвандаи ҷиноятиро надорад. Агар ба матни м. 62 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор диҳем, пешбинӣ шудааст, ки судяе, ки қарори ба ҳабс гирифтан ё таҳти ҳабси хонагӣ қарор додани гумонбаршуда ё айбдоршавандаро қабул намудааст, муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани онҳоро дароз кардааст, дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карда наметавонад. Лекин ин меъёр доираи масъалаҳоеро, ки қаблан (то баргузории баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал) аз ҷониби судя ҳал шудаанд маҳдуд нишон медиҳад, ҳол он ки ғайр аз қарори ба ҳабс гирифтан ё таҳти ҳабси хонагӣ қарор додани гумонбаршуда ё айбдоршаванда, дароз кардани муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани онҳо, қонун бо иҷозати суд гузаронида шудани амалҳои тафтишӣ (м. $35^2$ КМҶ ҶТ) ва татбиқи чораҳои дигари маҷбурии мурофиавиро (м. 116 КМҶ ҶТ) пешбинӣ мекунад, ки боиси муваққатан маҳдуд шудани ҳуқуқу озодии айбдоршаванда ва ё судшаванда мегардад. Дар чунин ҳолатҳо айбдоршаванда ва судшаванда, ҳимоятгари онҳо нисбати судя, умуман имконияти арзи рад баён карданро надоранд. Ғайр аз ин, судяе, ки дар марҳилаҳои тосудӣ ва марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд, масъалаҳои дар м.м. $35^1$-$35^2$, 262 КМҶ ҶТ пешбинишударо ҳал кардааст, дар м. 62 КМҶ ҶТ номбар намешавад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд баъзе аз қоидаҳои мурофиавӣ ба таъмини кафолатҳои мурофиавӣ мувофиқат ва мусоидат намекунанд. Дар ин марҳила дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун судя метавонад масъалаи тағйир додани чораи пешгирии қаблан татбиқ шуда

(м. 262 КМҶ ҶТ), таъин кардани экспертиза (сархати 4, қисми 1, м. 265 КМҶ ҶТ) ва вазифадор кардани мақомоти тафтишӣ ҷиҳати рӯёнидани товони зарари бо ҷиноят расонидашуда, иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима, ситонидани дигар пардохтҳои молумулкӣ ва эҳтимоли мусодираи молу мулкро бо ҳабси молу мулк, пасандоз, амонат ё суратҳисоби гумонбаршуда, айбдоршаванда ё шахсоне, ки мувофиқи қонун барои кирдорашон аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, таъмин намоянд (м. 267 КМҶ ҶТ) ва оид ба онҳо қарори дахлдор қабул мекунад (м.м. 261, 263, 269 КМҶ ҶТ). Саволе ба миён меояд, ки бо кадом асос ва сабабҳо айбдоршаванда ва судшаванда бо ин қарорҳои судя шинос ё хабардор намешаванд ё ба онҳо супоридани нусхаи қарорҳои номбаршуда таъмин намешавад?

Тибқи қонун ҳангоми тағйир додани чораи пешгирии қаблан татбиқшуда ба ҳабси хонагӣ ё ба ҳабс гирифтан, ҳангоми таъин кардани экспертиза (м. 210 КМҶ ҶТ) ва татбиқи ҳабси молу мулк, пасандоз, амонат, суратҳисоб ва қоғазҳои қиматнокро барои рӯёнидани товони зарари бо ҷиноят расонидашуда, иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима, ситонидани дигар пардохтҳои молумулкӣ ва эҳтимоли мусодираи молу мулкро таъмин менамояд (м. 116 КМҶ ҶТ) ба айбдоршаванда ва судшаванда кафолат дода шудааст, ки аз вақти гузаронидани маҷлиси суд сари вақт огоҳонида шаванд, ҳуқуқи онҳо фаҳмонида шавад (м.м. 111, 171, 174 КМҶ ҶТ), бо қарори таъин намудани экспертиза шинос шаванд, ба коршинос раддия изҳор намоянд, дар вақти гузаронидани экспертиза ҳузур дошта бошанд ва ба коршинос саволҳо диҳанд, шарҳу тафсир кунанд, бо хулосаи коршинос ё хабари имконнопазирии додани хулоса шинос шаванд ва ғайра. Дар ин марҳила ҳангоми аз ҷониби судя ҳал шудани масъалаҳои номбаршуда кафолатҳои ҳуқуқи ҳимояи айбдоршаванда ва судшаванда таъмин намешаванд ва ҳуқуқи онҳо беасос маҳдуд карда мешавад. Ба андешаи мо, қоидаҳои номбаршуда бар хилофи кафолати ҳифзи судӣ (м. 8, 12 КМҶ ҶТ ва 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҳуқуқи айбдоршаванда ва судшаванда ба ҳимоя мебошанд.

Илова бар ин, воқеан тибқи муқаррароти м. 62 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати ҳолатҳое, ки иштироки такрории судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд танҳо судяе, ки қарори ба ҳабс гирифтан ё таҳти ҳабси хонагӣ қарор додани гумонбаршуда ё айбдоршавандаро қабул намудааст, муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани онҳоро дароз кардааст, нишон дода шудааст. Ҳол он, ки қонун ҳолатҳои дигарро низ пешбинӣ кардааст, ки дар марҳилаҳои тосудӣ, суд, судя ба иҷрои амалҳои тафтишӣ ва татбиқ ё тағйир додани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ иҷозат медиҳад, ки бевосита ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан айбдоршаванда ва судшавандаро ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунанд, лекин онҳо аз мавзуи ҳолатҳое, ки иштироки такрории судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд, бар хилофи м.8 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе асос дар канор мондааст. Аз ин бармеояд, ки минбаъд судяе, ки масъалаҳои номбаршударо (иҷозат ба иҷрои амалҳои тафтишӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, тағйир додани чораи пешгирии қаблан татбиқшуда, баррасии шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз амал, беамалӣ ва санадҳои ғайриқонунии мурофиавӣ) то таъини маҷлиси суд баррасӣ ва ҳал кардааст, дар баррасии ҳамин парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карда метавонад ва арзи радкунии иштирокчиён нисбати ҳамин судя қонеъ намешавад, ки хилофи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

1. Бо мақсади бартараф карда шудани маҳдудиятҳои амалишавии ҳуқуқи конститутсионии гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ба ҳимоя ва ҳифзи судӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ:

– Матни сархати 6, қисми 2, м. 53 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин бояд тағйир дода шавад: «... бо тамоми қарорҳои мурофиавӣ, ки барои ҳимояи ҳуқуқи гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда ва ба таъмини кафолатҳои мурофиавӣ заруранд..., шинос шавад»;

– Сархати 2, қисми 2 моддаи 53 КМҶ ҶТ бо таҳрири нав пешбинӣ шавад, ки ҳимоятгар ҳуқуқ дорад «бе мамониат бо шахси тахти ҳимояташ буда як ба як, бе маҳдуд кардани шумора ва дар доираи муҳлати муқарраршуда суҳбат кунад. Шумора ва давомнокии суҳбат набояд боиси ба таъхир монондани амалҳои тафтишотӣ ё пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гардад».

2. Дар матни муқаррароти м.м. 250 ва 300 КМҶ ҶТ қоидаҳое дида мешаванд, ки ба манфиати айбдоршаванда ва судшаванда нестанд ва имкониятҳои онҳоро маҳдуд мекунанд. Зеро пас аз тасдиқ кардани фикри (хулосаи) айбдоркунӣ прокурор ба айбдоршаванда супоридани нусхаи фикри (хулосаи) айбдоркунӣ ва замимаи онро таъмин мекунад. Баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо фикри айбдоркунӣ ба суд ворид шудааст пас аз таъин карда шудани маҷлиси судӣ дар давоми 30 шабонарӯз пас аз қабули чунин қарор оғоз мешавад (м. 271 КМҶ ҶТ). Тибқи м. 300 КМҶ ҶТ муҳокимаи судиро дар муҳлати на пештар аз се шабонарӯз аз рӯзи супоридани фикри (хулосаи) айбдоркунӣ оғоз кардан мумкин нест. Саволе ба миён меояд, ки агар парвандаи ҷиноятӣ бо фикри (хулосаи) айбдоркунӣ ба суд ворид шуда бошад, пас чаро муҳлати аниқи супоридани нусхаи фикри (хулосаи) айбдоркунӣ ба судшаванда муқаррар нашудааст?

Ба андешаи мо, барои ҳалли ин ду роҳ мавҷуд аст:

а) пас аз тасдиқ кардани фикри (хулосаи) айбдоркунӣ прокурор ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ супоридани нусхаи фикри (хулосаи) айбдоркунӣ ва замимаи онро дар давоми на кам аз 3 шабонарӯз таъмин намояд, то ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд аз имкониятҳои мурофиавӣ истифода карда тавонанд.

б) пас аз қабули қарор дар бораи таъини маҷлиси судӣ, судя бояд супоридани нусхаи фикри (хулосаи) айбдоркунӣ ба судшаванда ва ҳимоятгари ӯро дар давоми 3 шабонарӯз таъмин намояд, то ки онҳо барои омодагӣ ба маҷлиси суд имконият ва вақти кофӣ дошта бошанд.

3. Дар марҳилаи омодагӣ ба маҷлиси суд, судя бояд масъалаи интихоб, тағйир додан, бекор кардани чораҳои пешгириро нисбати айбдоршаванда ва судшаванда, инчунин имконияти дароз кардани муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани судшавандаро бо иштироки тарафҳо баррасӣ намуда, лекин бе ҷонибдории онҳо, қонунӣ, асоснок ва холисона ҳал намояд.

Танҳо бо ташаббуси судя дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси суд бе иштироки тарафҳо ва дархости онҳо баррасӣ шудани масъалаҳои интихоб, тағйир додан, бекор кардани чораҳои пешгирӣ нисбати айбдоршаванда ё судшаванда ё андешидани чораҳое, ки рӯёнидани товони зарари бо ҷиноят расонидашуда, иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима, ситонидани дигар пардохтҳои молумулкӣ ва эҳтимоли мусодираи молу мулкро таъмин менамояд (ҳабси молу мулк), инчунин ҳалли масъалаҳои дигаре, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда ва судшаванда дахл доранд, манъ карда шавад, чунки ин қоидаҳо бар хилофи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан айбдоршаванда ва судшаванда, кафолати ҳифзи судӣ, ҳуқуқи ҳимоя буда, ҳуқуқу имкониятҳои онҳоро дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ беасос ва ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунанд.

4. Бо мақсади таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, аз ҷумла айбдошаванда ва судшаванда ба м.261 КМҶ ҶТ қисми 4 дар таҳрири зерин бояд илова карда шавад:

«4. Нусхаи қарори қабулшуда ба тарафҳо дар муҳлати 3 шабонаруз супорида шавад, ба онҳо тартиби шикоят фаҳмонида шавад».

5. Бо мақсади ҳалли холисонаи масъалаҳои баррасишаванда дар муҳокимаи судӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки иштироки суде, ки масъалаҳои дар м. 262 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шударо дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд ҳал намуда, қарори дахлдор қабул кардааст, ба сифати ҳолате, ки иштироки такрории судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд, эътироф карда шавад.

Баҳри таъмини холисона ва беғаразона, бе ҷонибдории тарафҳо моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, мутобиқ ба меъёрҳои

конститутсионӣ ва ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва таъмини кафолати ҳифзи судӣ дар қисми 1 м. 62 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шавад, ки «судяе, ки дар марҳилаҳои тосудӣ оид:

– ба иҷрои амалҳои тафтишӣ ва интихоб, татбиқ ва ё тағйир додани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ иҷозат додааст;

– муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштанро дароз кардааст;

– шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро аз амал, беамалӣ ва санадҳои ғайриқонунии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурорро баррасӣ кардааст, дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карда наметавонад».

6. Бо мақсади воқеан таъмин шудани риояи ҳуқуқи айбдоршаванда ва судшаванда ба шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиавӣ (м.23 КМҶ ҶТ) ба мақсад мувофиқ аст, ки дар м.м. 265, 267 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳо оид ба хабардор шудани иштирокчиёни манфиатдор аз қарорҳои қабулшуда пешбинӣ карда шавад ва ба онҳо тартиби шикоят фаҳмонида шавад.

Шикояти айбдоршаванда ва судшаванда нисбати қарорҳои судя дар марҳилаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси суд ё иштироки онҳо дар ҳалли масъалаҳои номбаршуда то баргузории маҷлиси судӣ барои дар амал одилона, асоснок ва дуруст татбиқ гаштани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, риояи ҳадди маҳдудшавии ҳуқуқу озодӣ, ва дар интиҳо ба амалишавии меъёрҳои мурофиавӣ ва моддӣ мусоидат менамояд.

# ХУЛОСА

Муҳокимаи ошкори судӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, ҳуқуқ ба ҳимоя доштани судшаванда аз он ҷумла дар муҳокимаи судиро давлат кафолат додааст (м.м. 17, 19, 88 Конститутсияи ҶТ). Дар рисола қоидаҳои муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноят, асос, шарт ва ҳолатҳои баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда, тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар ғоибии судшаванда ва аҳаммияти он мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар натиҷа номувофиқатӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ муайян карда шуда, пешниҳод оиди бартараф кардани онҳо, хусусан оиди танзими ҳуқуқии пешбурди тосудӣ ва судии парвандаҳои ҷиноятӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда асоснок карда мешавад.

Суд тибқи принсипҳои мустақилият, дахлнопазирӣ ва беғаразӣ бояд парвандаи ҷиноятиро бо иштироки тарафҳо мавриди муҳокимаи ошкоро қарор дода, кафолатҳои муқарраркардаи қонунгузории кишварро таъмин намояд. Дар айни замон, муқаррароти пешбиникардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ имконияти бе иштироки судшаванда баррасӣ кардани парвандаро дар ҳолатҳои истисноӣ муқаррар мекунад, лекин бо риояи таъмини талаботи адолати судӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бо назардошти ҳозир нашудани судшаванда. Дар натиҷаи омӯзиши масоили номбаршуда, аз ҷумла ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалия муаллиф ба чунин хулосаҳое омадааст:

### Хулосаҳои илмиву назариявӣ:

1. Анъанаҳои миллӣ, ғояҳои пешқадами адолати судӣ сарчашмаи ташаккулёбӣ ва ғанӣ гаштани асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии муосир, ҳамчунин пайвандгари афкори гузаштагон ва наслҳои ҳозира мебошад.

2. Муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ риояи меъёрҳои конститутсионӣ, иштироки намояндагони қишрҳои васеи иҷтимоиро дар

амалисозии адолати судӣ таъмин намуда, барои амалӣ гаштани адолати судӣ дар асоси мубоҳиса, ошкоро ва баробарҳуқуқии тарафҳо шароит ба вуҷуд меорад [8-М].

3. Тибқи қонунгузории ҷорӣ «мурофиаи ғоибонаи судӣ» чун шакли фаъолияти суд оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ де-юре (расман) ва де-факто (воқеан) дар Тоҷикистон вуҷуд надорад ва набояд амалӣ гардад, зеро мухолифи ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ҷузъи амалҳои истисноии маҷлиси судӣ буда, наметавонад дар шакли ғалат чун «мурофиаи ғоибонаи судӣ» ифода карда шавад [3-М].

4. Баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузи ҷинояткорона ҳамчун ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ назар ба рафтори зиддиҳуқуқӣ, хоҳиш ва иродаи судшаванда афзалияти арзишу манфиати ҷомеа ва таъмини адолати иҷтимоиро нишон дода, зарурати дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро раво медонад, лекин беасос ва ғайриқонунӣ маҳдуд карда шудани ҳуқуқи судшавандаро истисно мекунад [6-М].

**Хулосаҳо, вобаста ба танзими меъёриву ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда:**

1. Истисно карда шудани ифодаи «мурофиаи ғоибона» бо мақсади татбиқи тавзеҳи якхелаи истилоҳи «бе иштироки судшаванда» баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ (м.248, 280 КМҶ ҶТ) зарур аст, ки истилоҳи «дар ғоибии» бо истилоҳи «бе иштироки судшаванда» тағйир дода шавад [4-М].

2. Бо мақсади таъмини ҳамаҷонибаи принсипи эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар м.273 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолате, ки зарурати маҷлиси пӯшидаи судиро ба миён меорад, дархости судшаванда ва ҷабрдида низ пешбинӣ гардад [8-М].

3. Дастгир кардани судшаванда зарур аст дар меъёри алоҳида пешбинӣ карда шавад – м.96 (1). «Дастгир кардани судшаванда то ба ҳабс гирифтани ӯ дар асоси қарори суд».

## Хулосаву тавсияҳо оид ба такмил додани амалияи тафтишотӣ ва судӣ

1. Суд, судя тибқи м. 12 КМҶ ҶТ бояд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок мекунанд, риоя ва ҳимоя намуда, ҷиҳати таъмини онҳо воқеан шароит фароҳам оранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиа сари вақт чораҳо андешанд, аз ҷумла дар сурати пешниҳод гаштани дархости судшаванда ё ҷабрдида дар бораи дар маҷлиси пӯшида муҳокима кардани парвандаи ҷиноятӣ. Аз нуқтаи назари эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дархости судшаванда ва ҷабрдида ҳатман бояд баррасӣ шаванд. Баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ҳузури тарафҳо ва аҳли ҷомеа доимо барои судшаванда ё ҷабрдида ва хешовандани наздики онҳо ҳолати аз ҷиҳати равонӣ ниҳоят ногувор аст, ки боиси паст шудани шаъну шараф, азоби маънавию руҳии шахс мегардад [8-М].

2. Иштироки судшаванда дар маҷлиси судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ буда, аз воқеан амалӣ гардидани дастрас будани адолати судӣ ба ҳар шахс, риояи кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, баррасии бевосита ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад. Иштирок дар муҳокимаи суди марҳилаи аввал ба судшаванда имконият медиҳад, ки ӯ шахсан (инчунин бо ёрии ҳимоятгари худ), бевосита дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои дар моддаи 335 КМҶ ҶТ нишондодашуда, бевосита истифода бурда, инчунин дар баррасии ҳама масъалаҳои дигар, ки ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба миён меоянд, иштирок намояд. Ҳамин тариқ суд, судя бо мақсади таъмини кафолатҳои мурофиавӣ нисбати айбдоршаванда ва судшаванда дар муҳокимаи судӣ, бояд имконияти иштироки судшавандаро дар муҳокимаи судӣ таъмин намояд [4-М].

3. Дар қисми тайёрии муҳокимаи судӣ суд, судя вазифадор аст, на танҳо шахсияти судшаванда, балки агар дархости прокурор дар бораи баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда мавҷуд бошад, уҳдадор аст қонунӣ ва асоснокии дархострo санҷад; агар судшавандаи таҳти ҳабс қарор

дошта, аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд саркашӣ намояд, суд, судя бояд сабаб ва ихтиёрӣ будани рад кардани ҳозиршавӣ ё асоснокии дархости судшавандаи дар озодӣ қарордоштаро оиди ғайриимкон будани ҳозиршавии уро ба маҷлиси судӣ санҷад (м. 300 КМҶ ҶТ).

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ҳолати ҳуқуқии судшаванда бояд дар моддаи алоҳидаи 47-1 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад [10-М].

2. Дар қисми 1 м. 280 КМҶ ҶТ тағйироти зерин бояд пешбинӣ шавад: «...Ҳангоми бо сабабҳои узрнок сари вақт ба маҷлиси суд ҳозир нашудани судшаванда баррасии парванда бояд мавқуф гузошта шавад» [5-М].

3. Ҷумлаи охирони қисми 3 м. 286 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «ҷустуҷӯи судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти суд (қарори судя) эълон карда мешавад».

4. Дар қисми 4 м. 280 КМҶ ҶТ баъд аз калимаи «аз ҳозиршавӣ ба суд» илова бо таҳрири зерин «...бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар», давом аз рӯи матн.

5. Қисми 1 м. 51 КМҶ ҶТ бо таҳрири зерин ифода шавад: «айбдоршаванда, судшавандаи берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот ва муҳокимаи судӣ саркашӣ кунад».

6. Қисми 5 м.280 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешбинӣ карда шавад: «ҳукм ё таъиноти судие, ки бе иштироки судшаванда қабул карда шудааст».

7. Дар сархати 6 қисми 1 м. 248 КМҶ ҶТ ва сархати 3 қисми 1 м. 312 КМҶ ҶТ истилоҳи «...дар ғоибии судшаванда» бо истилоҳи «...бе иштироки судшаванда» иваз карда шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: (бо назардошти тағйироту иловаҳо аз солҳои 1999, 2003, 2016). – Душанбе: Паёми Сомониён, 2016. – 135 с.

[2]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с., №1084 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №7. – Қ. 1. – Мод. 380.

[3]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №7. – қ. 1. – м. 379.

[4]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – м. 815-816; Қонун ҶТ аз 25.03.11, №692; аз 02.08.17, №755; №1696, аз 04.07.2020, №1702. – Душанбе: Матн, 2020. – 538 с.

[5]. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1. – қ. 1. – м. 6.

[6]. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1. – қ. 1. – м. 4.

[7]. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №12. – қ. 1. – м. 989.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №1695.

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №1777.

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – №644.
[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28 июни соли 2011, №720 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 14 майи соли 2016. – №1312.
[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №392.
[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – №5. – мод. 363; – 2008. – №3. – м. 202.
[14]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олӣ аз 28 май соли 1998, №5-6. – 2011. – №3. – м. 155.
[15]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №1.
[16]. Декларация о суверенитете Республики Таджикистан [Текст] // Ведомости Верховного Совета Тадж. ССР. – 1990. – №16.
[17]. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2011) [Матн]: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, №271 тасдиқ шудааст.
[18]. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019-2021) [Матн]: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1242 тасдиқ шудааст.
[19]. Консепсияи сиёсати хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028) [Матн]: бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст.

[20]. Конвенция Содружества Независимых Государств о правах и основных свободах человека [Текст] // Международные акты о правах человека. Сборник документов. – М.: Норма, Инфра-М, 1998. – 784 с.
[21]. Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 16 декабри соли 1966 қабул шудааст) [Матн] // Маҷмуаи санадҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – 630 с.
[22]. Римский статут Международного уголовного суда Организация Объединенных Наций [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.un.org/russian/law/icc/rome statute(r).pdf (дата обращения: 22.02.2024).
[23]. Решение Европейского суда по правам человека. Дело Colozza v. Italy от 12.02.1985, №9024/80 [Electronic resource]. – Access mode: http://cmiskp.echr.coe.int/tkp197/view.l&hi ghlight=colo (date of application: 22.02.2024).
[24]. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Матн]: бо қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 10 декабри соли 1948 қабул шудааст // Маҷмуи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – 506 с.
[25]. Европейская Конвенция о выдаче от 13 декабря 1957 г. [Текст] // Международные акты о правах человека. Сборник документов. – М.: Издательство НОРМА, 2000. – С. 589-596.
[26]. Европейская конвенция по правам человека [Текст]. – СПб.: Издательство «Юридический цент Пресс», 2004. – 267 с.
[27]. Конституция Российской Федерации от 12 декабря 1993 года с изменениями до 1 июля 2020 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?docid=30390931 (дата обращения: 18.01.2021).
[28]. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001 г., №174-ФЗ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30407315 (дата обращения: 20.01.2021).

[29]. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Азербайджан от 14 июля 2000 года, №907-IQ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online. zakon.kz/Document/?doc id=30420395 (дата обращения: 21.01.2021).
[30]. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 года, №231-V ЗРК [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online. zakon.kz/Document/?doc_id= 1005029 (дата обращения: 17.03.2021).
[31]. Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики от 30 июня 1999 года, №62 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon. kz/Document/?doc_id= 1005029 (дата обращения: 17.03.2021).
[32]. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Белорусь от 16 июля 1999 года, №295-З [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz /Document/?doc_id=30414958#pos =33;-58 (дата обращения: 15.02.2021).
[33]. Сборник законов Таджикской ССР и указов Президиума Верховного совета Таджикской ССР (1938-1968 гг.) [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 650 с.
[34]. Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской ССР от 17 августа 1961 года [Текст]. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1961. – 267 с.
[35]. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР [Текст]. – Душанбе, 1978. – №8. – Ст. 83.
[36]. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР [Текст]. – Душанбе, 1981. – №12. – Ст. 96.
[37]. Положение «О народном суде РСФСР» от 30 ноября 1918 г. [Текст]: сборник документов // История Законодательства СССР и РСФСР по уголовному процессу и организации суда и прокуратуры / Сост.: Гусев Л.Н.; Под ред. Голунский С.А. – М.: Госюриздат, 1955. – 635 с.
[38]. Об организации и действии местных народных судов (Инструкция) постановление НКЮ от 23 июля 1918 года [Текст]: сборник документов // История Законодательства СССР и РСФСР по уголовному процессу и организации суда и прокуратуры / Сост.: Гусев Л.Н.; Под ред. Голунский С.А. – М.: Госюриздат, 1955. – 635 с.

[39]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории РСС Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон. – 1990. – №16. – м. 268.
[40]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 05.01.2024).
[41]. Положение о шариатских судах Таджикской республики [Текст] / Утверждена Постановлением Революционного Комитета Таджикской АССР от 17 июля 1925 года за №15.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[42]. Авесто: Куҳантарин сурудаҳои Эрони бостонӣ [Авеста: Старинные гимны Древнего Ирана] [Матн] / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дустхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.
[43]. Александров, С.А. Правовые гарантии возмещения ущерба в уголовном процессе [Текст]: учебное пособие / С.А. Александров. – Горький: Изд-во ГВШ МВД СССР, 1976. – 124 с.
[44]. Арабули, Д.Т. Заочное производство по уголовным делам: история и современность [Текст]: учеб. пособие / Науч. ред. д.ю.н., проф. А.П. Гуськова. – Челябинск: ООО «Полиграф-Мастер», 2007. – 112 с.
[45]. Безлепкин, Б.Т. Уголовный процесс России [Текст] / Б.Т. Безлепкин. – М., 2004. – 496 с.
[46]. Божьев, В.П. Гражданский иск в уголовном деле и применение гражданского процессуального права [Текст] / В.П. Божьев / Избранные труды (Антология юридической мысли). – М.: Изд. «Юрайт», 2010. – 715 с.
[47]. Буриев, И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII – начало XX вв.) [Текст] / Отв. ред. чл.-корреспондент АН РТ Тахиров Ф.Т. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 199 с.

[48]. Буриев, И.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика [Текст] / Отв. редакторы: академик Тахиров Ф.Т., проф. Чиркин В.Е. – Душанбе: Дониш, 2016. – 360 с.
[49]. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана (от древнейших времен и до начала XX века) [Текст]: Т. 1. Ч. 1-2 / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.
[50]. Великий имам Абу Ханифа ан-Нуъман (краткое изложение книги Вахби Сулеймана Гавиджи) [Текст] / Пер. Владимира Абдаллы Нирша. – 1-е изд. – М.: Благотворительный фонд «Ибрагим Бин Абдулазиз Аль Ибрагим», 2002. – 56 с.
[51]. Викторский, С.И. Русский уголовный процесс [Текст]: *у*чебное пособие */ С.И.* Викторский; Вступ. ст.: Куцева Э.Ф. – М.: Городец, 1997. – 448 с.
[52]. Гафуров, А.М. Ревкомы Таджикистана (1917-1924 гг.) [Текст] / А.М. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 144 с.
[53]. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна [Матн]: китоби 1 / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 204 с.
[54]. Гафуров, Х.М. Судебная система РТ: современное состояние и перспективы развития [Текст] / Гафуров Х.М. – Душанбе, 2007. – 169 с.
[55]. Гоибов, Р.Д. Судебное правоприменение в условиях судебно-правовой реформы в постсоветском Таджикистане: общетеоретический аспект [Текст] / Р.Д. Гоибов. – Душанбе, 2012. – 24 с. Громов, Н.А. Уголовный процесс России [Текст] / Н.А. Громов. – М., 1998. – 552 с.
[56]. Громов, Н.А. Уголовный процесс России [Текст] / Н.А. Громов. – М., 1998. – 552 с.
[57]. Гуляев, А.П. Процессуальные сроки в стадиях возбуждения уголовного дела предварительного расследования [Текст] / А.П. Гуляев. – М.: Юр. лит., 1976. – 144 с.
[58]. Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2014. – 143 с.

[59]. Диноршоев, А.М. Классификация прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 140 с.
[60]. Диноршоев, А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2015. – 184 с.
[61]. Диноршоев, А.М., Сафаров, Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: история и современность [Текст] / А.М. Диноршоев, Б.А. Сафаров. – Волгоград, 2014. – 295 с.
[62]. Добровольская, Т.Н. Изменения обвинения в судебных стадиях советского уголовного процесса [Текст] / Т.Н. Добровольская. – М.: Юр. лит., 1977. – 112 с.
[63]. Жогин, Н.В., Фаткуллин, Ф.Н. Предварительное следствие [Текст] / Н.В. Жогин, Ф.Н. Фаткуллин. – М.: Гос. издат., 1965. – 367 с.
[64]. Зоиров, Дж.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности (историко-правовой анализ) [Текст] / Дж.М. Зоиров. – СПб.: Реноме, 2014. – 287 с.
[65]. Зоиров, Дж.М. Таджикистан: от государства Саманидов до суверенной государственности [Текст] / Дж.М. Зоиров. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 200 с.
[66]. Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: китоби дарсӣ / Нашри дуюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 400 с.
[67]. Имомов, А.И. Конституционное право Республики Таджикистан [Текст] / А.И. Имомов. – Душанбе: Дониш, 1997. – 390 с.
[68]. Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане [Текст] / М. Иркаев. – Душанбе: Маориф, 1971. – 696 с.
[69]. Искандаров, З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: история и современность [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: «Эр-граф», 2022. – 368 с.

[70]. Искандаров, З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Изд. «Эчод», 2008. – 184 с.
[71]. Искандаров, З.Х. Права человека и национальный механизм его защиты [Текст]: учеб. пособие (на тадж. яз.) / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Изд. «Эчод», 2007. – 136 с.
[72]. Искандаров, З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст]: монография / З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2009. – 128 с.
[73]. Искандаров, З.Х. Судебная адвокатура [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Эҷод, 2016. – 311 с.
[74]. Искандаров, З.Х. Участие защитника в стадии расследования преступлений: проблемы теории, законодательного регулирования и практики [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе, 1998. – 137 с.
[75]. Искардаров, З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ [Матн] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 304 с.
[76]. Исоев, М.Ш. Теоретические и правовые основы уважения прав личности [Текст] / М.Ш. Исоев. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 95 с.
[77]. Кахоров, Н.М. Состязательность в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: правовой аспект [Текст] / Н.М. Каххоров. – Худжанд: Хуросон, 2019. – 152 с.
[78]. Кипнис, Н.М. Допустимость доказательств в уголовном судопроизводстве [Текст] / Н.М. Кипнис. – М., 1995. – 128 с.
[79]. Коврига, З.Ф. Уголовно-процессуальное принуждение [Текст] / З.Ф. Коврига. – Воронеж, 1984. – 175 с.
[80]. Комментарий к Федеральному закону «О содержании под стражей подозреваемых и обвиняемых в совершении преступлений» [Текст] / Под ред. А.С. Михлина, В.И. Селиверстова. – М.: ИД «Юриспруденция», 2002. – 151 с.
[81]. Кони, А.Ф. Из записок и воспоминаний судебного деятеля [Текст] / А.Ф. Кони. – М.: Знание, 1988. – 61 с.

[82]. Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф [Матн] / Зери назари Ф. Раҳимӣ, А.А. Шамолов; Муҳаррири масъул А. Имомов. – Душанбе: Матн, 2014. – 837 с.
[83]. Копылова, О.П. Меры принуждения в уголовном процессе [Текст]: учебное пособие / О.П. Копылова. – Томбов: Изд-во ГОУ ВПО ТГТУ, 2011. – 120 с.
[84]. Курс советского уголовного процесса. Общая часть [Текст] / Под ред. А.Д. Бойкова и И.И. Карпеца. – М.: Юр. лит., 1989. – 640 с.
[85]. Куцова, Э.Ф. Гарантии прав личности в советском уголовном процессе [Текст] / Э.Ф. Куцова. – М.: Юрид. лит., 1973. – 172 с.
[86]. Лазарева, В.А. Теория и практика судебной защиты в уголовном процессе [Текст] / В.А. Лазарева. – Самара, 2000. – 232 с.
[87]. Лазарева, В.А. Доказывание в уголовном процессе [Текст] / В.А. Лазарева. – М.: Юрайт, 2009. – 339 с.
[88]. Лившиц, Ю.Д. Меры пресечения в советском уголовном процессе [Текст] / Ю.Д. Лившиц. – М.: Гос. юр. издат., 1964. – 138 с.
[89]. Маджитов, А.М. Меры процессуального принуждения и порядок их применения [Текст]: практическое пособие / А.М. Маджитов. – Душанбе, 2013. – 122 с.
[90]. Малин, Н.С. Охрана прав личности советским законодательном [Текст] / Н.С. Малин. – М.: Юр. лит., 1985. – 166 с.
[91]. Махмудов, И.Т. Прокурорской надзор за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности: проблемы теории, практики и законодательной регламенталции [Текст] / И.Т. Махмудов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 260 с.
[92]. Миралиев, И.К. Конституционная модель правового государства и права человека в Республике Таджикистан [Текст] / Права человека: Теория, история, практика / Под ред. А.М. Диноршоева и У.А. Азизова. – Душанбе, 2016. – 584 с.
[93]. Мурофиаи ҷиноятӣ [Матн]: китоби дарсӣ / муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 552 с.

[94]. Научно-практический комментарий к Уголовно-процессуальному Кодексу Российской Федерации [Текст] / Под общ. ред. В.М. Лебедева; Науч. ред. В.П. Божьев. – М.: Спарк, 2002. – 1007 с.
[95]. Негматов, Н.Н. Государство Саманидов: Таджики в IX-X вв. [Текст] / Н.Н. Негматов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
[96]. Обидов, Д.С. Мактабҳои ҳуқуқии исломӣ ва аҳаммияти онҳо дар рушди ҳуқуқи мусулмонӣ [Матн] / Д.С. Обидов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 144 с.
